Мо дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтарро барои наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок дониста, барои рушди ин соҳаи муҳимми низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои заруриро роҳандозӣ карда истодаем.

**Эмомалӣ РАҲМОН**


## МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ, МАЪРИФАТӢ ВА ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



### ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**Раҳим САИДЗОДА** - вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Абдулло РАҲМОНЗОДА** - ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа
**Ҷамшед ҶӮРАЗОДА** - муовини якуми вазири маориф ва илм
**Муҳаммадтоир САИДЗОДА** - директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА** - муовини вазири маориф ва илм
**Фарҳод РАҲИМӢ** - раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА** - президенти АМИТ
**Зулҳия НОЗАКЗОДА** - раиси Иттифоқи касабаи маориф ва илм
**Баҳром ИСМОИЛЗОДА** - сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе
**Мадина НАБИЗОДА** - сардори раёсати маорифи вилояти Суғд
**Зиёдулло АБДУЛЗОДА** - сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон
**Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ** - сардори раёсати маорифи ВМКБ
**Шавкат КАРИМЗОДА** - директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ
**Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА** - ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

### САРМУҲАРРИР
**НАБИЗОДА САИДА ФАЗЛ**

### ҶОНИШИНИ САРМУҲАРРИР
**Дилором ЗАБИРОВА**

### ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

**Муҳаммад ЛУТФУЛЛОЗОДА** - узви пайвастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ
**Саидамир АМИНОВ** - узви вобастаи АТТ, номзади илмҳои педагогӣ, муҳаррири бахши методӣ
**Шамсуллоҳ ИСЛОМОВ** - номзади илмҳои педагогӣ
**Абдурауф МУРОДӢ** - муҳаррири бахши филологӣ
**Шодӣ РАҶАБЗОД** - муҳаррири бахши мактабшиносӣ
**Номвар ҚУРБОНОВ** - номзади илми техникӣ, муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ
**Санҷар АМРИЕВ** - муҳаррир

### МУҲАРРИРОНИ ТЕХНИКӢ:

Шаҳнозаи МИРЗО
Рамазон НУРОВ
Нурулло ҒАФУРИЁН



# Маорифи Тоҷикистон



**Нишонӣ:** 734024, ш.Душанбе, Айнӣ-126

**Телефон:** +992-37-225-82-23

**E-mail:** majallai-maorif@maorif.tj



**Индекс:** 77500
Маҷаллаи аз 22. 11. 2021 таҳти №221/ МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шудааст.

Маҷалла аз соли 1991 нашр мешавад.

Дар ҶДММ «Табъу нашр» ба табъ расид. Андозаи 60x84 1/8. Адади нашр 6380 нусха.

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА ДХ БДА «АМОНАТБОНК»**

С/Ҳ: 20202972900816101000
Ҳ/К: 20402972316264
БИК: 350101626
РМА: 010009508

**№8**

**№8 (232), 2024**

# МУНДАРИЧА

БА ЁРИИ ОМӮЗГОРОНИ ТАЪРИХ

А.ПАЛАВОНОВ. Нақши бузурги Пешвои миллат дар рушди сиёсати хориҷӣ..........................3

ҚОНУН ВА ЗАМОН

Н. ҚУРБОНАЛИЗОДА, М. СОҲИБЗОДА. Зарурат ва навгониҳо дар қонун..............................7

МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

Н.МУРОДЗОДА. Таълиму тарбияи шаҳрвандӣ аз нигоҳи ҳуқуқӣ............................................14

ХЕШТАНШИНОСӢ

К.НАСРУЛЛО. Либоси миллӣ – симои миллат..................................................................18

ТАКМИЛИ ИХТИСОС

М.БОБОЕВА. Рушди касбияти омӯзгор – омили баланд бардоштани сифати таҳсилот.......20

МАШВАРАТҲОИ АВГУСТӢ

Ш.КАРИМЗОДА. Аҳаммияти баргузории машваратҳои августӣ...........................................23

ҲУҶҶАТНИГОРӢ

М. АШӮРОВА. Донистан ва навиштани санад.....................................................................28

МАКТАБШИНОСӢ

Р.ШАРИФОВА. Шурои методӣ: роҳнамо ва оинаи фаъолият...............................................38

ТАҲСИЛОТ ВА ЗАМОН

М.ОҚОЗОДА. Таълими баръакс дар омӯзиши забони тоҷикӣ................................................42

БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ

МАВЗУИ РӮЗ

Н. ҚУРБОН. Инъикоси тағйирёбии иқлим дар китобҳои дарсӣ.............................................45

ГЕОМЕТРИЯ

Б.ШОДИЕВ. Татбиқи координатаҳои векторҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳо.............................54

ЭҶОД

Ш. РАҶАБЗОД. «Шогирд» .................................................................................................62

Саҳаргоҳон гулистони дабистон
Тароватбахш бошад чун гулистон,
Чаро аз ин гулистон гул начинед?
Чаро дар кунҷи бекорӣ нишинед?

**Садриддин АЙНӢ**

# НАҚШИ БУЗУРГИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ

**Амоншо ПАЛАВОНОВ – муаллими калони кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

> **Иҷрои вазифаҳои ниҳоят вазнин ва печидаи бунёд ва таҳкими давлатдории миллӣ ва ташаккули қудрати иқтисодии он бе ҳамкории сиёсию иқтисодии фарогир бо давлатҳои минтақа ва ҷаҳон имконнопазир аст.**
>
> **Эмомалӣ РАҲМОН**



Воқеан, рушду тавсеаи робитаҳо бо мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва дигар кишварҳои ҷаҳон дар низоми сиёсати хориҷии Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ибтидои ба даст овардани истиқлолият то имрӯз яке аз самтҳои муҳим ва афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандонаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти сиёсати ҳамҷаворӣи нек, риштаҳои анъанавии дӯстӣ, муштаракоти таърихиву фарҳангӣ, эътимоди мутақобила ва дарки умумияти ҳалли масъалаҳои мубрами миллию минтақавӣ аз рӯзҳои нахустини Истиқлолияти давлатии хеш муносибатҳоро бо мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва ҷаҳон ҳамчун авлавияти сиёсати хориҷии худ қарор дода, барои рушду тавсеаи ҳарчи бештари онҳо пайваста талош талош мекарданд. Илова бар ин, Пешвои миллат ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи минтақавиро муҳимтарин василаи ҳалли масъалаҳои сиёсию амниятӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, экологӣ ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ ва ҷаҳон шуморида, ҷонибдори сулҳу субот, рушди устувори минтақа, ҳамзистии осоишта ва дӯстонаи мардумони минтақа ва ҷаҳон мебошанд. Маҳз ҳамин талошҳо боиси он гардиданд, ки имрӯз дар минтақаи мо фазои ҳамгироӣ ва дарки умумияти тақдиру сарнавишти давлатҳо ва халқҳои онҳо васеъ гардида, нақши Тоҷикистон таҳти роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари муваффақ ва пешвои ботаҷрибаи сиёсӣ дар ҳифзи субот, рушди ҳамкорӣ ва тавсеаи ҳамгироии созанда дар минтақа эътироф шавад.

Дар марҳилаи нави бунёди давлати тоҷикон Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тарғибгари олитарин сифатҳои адолати инсонӣ, бузургдилию шуҷоат, раҳму шафқат ва сифатҳои волои ваҳдатофарӣ ва хештаншиносӣ байни миллатҳо мебошад. Подоши ин ҳама корнамоиҳо маҳбубият ва маъруфиятест, ки Эмомалӣ Раҳмон дар миёни халқи худ ва ҳазорон ҳазор ҳамватанони бурунмарзӣ пайдо кардааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҷойгоҳи устувор пайдо кардааст. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 128 кишвари ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда, 150 давлат истиқлолияти мамлакати моро эътироф кардааст. Кишвари мо ба узвияти созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ пазируфта шуда, узви комилҳуқуқи беш аз 51 созмони байналмилалӣ, минтақавӣ ва ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ мебошад ва бо аксари мамлакатҳои ҷаҳон робитаҳои сиёсӣ,

иқтисодӣ ва фарҳангӣ дорад. Бо шарофати сиёсати хирадмандонаву дурандешонаи Пешвои миллат Тоҷикистон ҳамкории худро бо шариkони байналмилалӣ, аз ҷумла, Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони ҳамкории исломӣ ва дигар сохторҳои бисёрҷониба ҳамчун узви фаъол амалӣ намудааст. Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баланд бардоштани обрӯву эътибори Тоҷикистон, шуҳратёр гардидани он дар арсаи байналмилалӣ, иштироки мустақими ҷумҳурии тозаистиқлол дар баррасӣ ва ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ, аз ҷумла, дар масоили марбут ба Афғонистон, мубориза бар зидди хатарҳои ҷаҳони муосир, ба монанди терроризму экстремизм, ифротгароӣ, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, қочоқи силоҳ ва маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ, ҳамчунин, таъмини аҳолии сайёра бо оби ошомиданӣ, мутобиқшавӣ ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва рафъи оқибатҳои он саҳми назаррас доранд. Пешвои миллат ҳанӯз 30 сол қабл перомуни буҳрони Афғонистон ва таҳдидҳо ба ин мамлакат аз минбари Созмони Милали Муттаҳид ва дигар минбарҳои баланди ҷаҳонӣ суханронӣ карда буданд.

Яке аз самтҳои фаъолияти Президенти кишвар ба вуҷуд овардани заминаи боэътимоди ҳуқуқи робитаҳои дипломатӣ, таҳия ва татбиқи усуливу пайгиронаи стратегияи ҳамаҷониба асоснок ва санҷидаи байналмилалӣ бо дарназардошти ҳадафҳо ва манфиатҳои олии Ватан ва дар айни замон, ҳамоҳанг сохтану омезиш додани онҳо ба манфиатҳои умумибашарӣ мебошад. Бояд гуфт, ки иқдомҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли масъалаҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ нақши муҳим ва калидӣ дошта, дар сулҳу субот ва рушди инкишофи минтақа ва ҷаҳон нақши муассир мегузорад. Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои миллат дар низоми тамоми талошу фаъолияти байналмилалӣ, ки ба решакан намудани зуҳуроти номатлуб нигаронида шудааст, фаъолона иштирок намуда, ба яке аз иштирокчиёни фаъоли ҷомеаи байналмилалии зиддитеррористӣ табдил ёфтааст. Бо дарназардошти он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ таҷриба ва саҳми бузург дорад, ҷумҳурии мо таҳти роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин самт ҳамчун давлати пешсаф ва ташаббускор дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон эътироф гардидааст.

Қатъи ҷанги таҳмилӣ ва таъмини сулҳу субот дар Тоҷикистон худ беҳтарин хидмат ба тамоми мардуми Осиёи Марказӣ аст, зеро ҷанги Тоҷикистон метавонист ба монанди дигар ҷангҳо дар минтақа ва ҷаҳон мамлакатҳои ҳамсояро низ ба оташи худ кашад.




Таърих собит намуд, ки талошҳои Пешвои миллат дар баланд бардоштани нуфузу эътибори байналмилалии Тоҷикистон ва ҳаллу фасли масъалаҳои ҷаҳонӣ ниҳоят бузург ва саривақтианд. Дар баробари ин, тайи чанд соли истиқлолият мушкилот ва монеаҳои давраи нав бартараф карда шуданд, пойдевори давлати мустақил гузошта шуд, оғози иқдомҳои бузурги бунёдкорона ва дигаргуниҳои куллии иқтисодию иҷтимоӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, баровардани мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ ба стратегия ва самти асосии сиёсати давлатӣ мубаддал гардиданд, ки ба хидматҳои бесобиқаи Пешвои миллат бевосита алоқаманд аст. Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ (с.2023) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии мамлакатро барои давраҳои оянда муайян намуда, оид ба пешбурди манфиатбори сиёсати хориҷӣ ва таъмини пешрафти соҳаҳои иқтисоду саноат, энергетика, роҳу нақлиёт, амнияту мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, тандурустӣ, фарҳанг, илму маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ вазифаҳои мушаххас ба миён гузоштанд. Дар ин робита ба нақши шахсияти сиёсии Пешвои миллат ҳам дар дигаргуниҳои наздики се даҳаи охири ҳаёти дохили Тоҷикистон, ҳам дигаргуниҳои минтақа ва дар қабули қарорҳои башардӯстонаи ҷаҳонӣ бисёр назаррасу муҳим мебошанд. Дар Ҷумҳурии Туркманистон бо Қарори муштараки сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ барои хидматҳои шоиста дар рушди муносибатҳои дӯстӣ, ҳамсоягии нек, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории давлатҳои Осиёи Марказӣ, таҳкими сулҳу амният дар минтақа, пешбурди манфиатҳо ва ташаббусҳои муштараки кишварҳои минтақа дар арсаи байналмилалӣ нахустин мукофоти олӣ – «Нишони фахрии

сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ» ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тақдим гардидани он тасдиқи гуфтаҳои боло мебошад. Инчунин, Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо ордени «Барои хидмат дар назди Ватан» қадрдонӣ карданд. Чунин эътибор ва эҳтироми хосаи сарони давлатҳои минтақа ба Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бесабаб набуда, маҳз донишу таҷрибаи бойи сиёсиву давлатдорӣ ва сифатҳои фавқулодаи ӯ боис гардидаанд, ки дар ин давра ба чунин мақому эҳтироми раҳбарони сиёсии сатҳи минтақавию ҷаҳонӣ сарфароз гарданд. Пешвои миллат дар байни сарони давлатҳои минтақа ягона роҳбаре мебошанд, ки дар ин давра ҷиҳати на танҳо рушди сиёсати дохилӣ, бунёду таҳкими пояҳои давлатдорӣ, ҳамчунин, дар муаррифии осори қадимаи халқҳои Осиёи Марказӣ, махсусан, тоҷикон дар арсаи ҷаҳонӣ ҷаҳду талошҳои зиёд намуданд. Гузашта аз ин, пуштибонӣ пайдо намудани чор ташаббуси байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи об исботи таҷрибаи бойи сиёсӣ доштани Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Сиёсати хориҷии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба сари қудрат омадани Пешвои миллат барои таҳкими дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судманд нигаронида шудааст. Моҳияти чунин сиёсат ва шахсияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои кишварҳои ҳамсоя аён аст ва зимни муносибатҳо хоҳу нохоҳ бетаъсир нахоҳад монд. Роҳбари давлат ҳанӯз соли 1993 самтҳои сиёсати хориҷии кишварро муқаррар намуда, ҳамкории дӯстона бо давлатҳои минтақаро дар қатори чор ҳавзаи сиёсати хориҷӣ қарор доданд. Дар давраи соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳама маврид бо давлатҳои ҳамсоя принсипи муносибати дӯстонаро нигоҳ дошт, ки ин ба манфиати ҳамаи давлатҳо хидмат намуд. Ҳоло бо гузашти замон, сарони давлатҳои ҳамсоя чунин муносибат ва дурандешии сиёсии Роҳбари давлати Тоҷикистонро дарк намуданд. Чанде пеш баргузор шудани вохӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар Туркманистон ҷиҳати ҳаллу фасли масъалаҳои гуногуни минтақавӣ ва ба ҳам наздик намудани назарҳо ва мавқеи давлатҳо рӯйдоди бисёр муҳим ба ҳисоб меравад. Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мисли ҳамешагӣ дар ин вохӯрӣ чун яке аз иштирокчиёни фаъол пешниҳод намуданд, ки дар шароити кунунӣ ба таҳияи чорабиниҳои нав ва муассири мусоидат ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои афзалиятнок диққати ҷиддӣ дода шавад. Пешвои миллат оид ба густариши ҳамкорӣ дар бахши тандурустӣ, бахусус, дар самти таъмини некуаҳволии санитарию эпидемиологии аҳолии минтақа, ки ҳоло барои ҳамаи кишварҳои минтақа ба масъалаи рақами як табдил ёфтааст, пешниҳоди муфид ба миён гузоштанд. Аз нуқтаи назари мубрамияти масъала, ҳамкории кишварҳои минтақа дар ҳалли муаммои мазкур бисёр муҳим ба назар мерасад. Ҳамзамон, вобаста ба таҳкими амнияти минтақа, ки бидуни он амалӣ сохтани ҳама гуна барномаҳои муштараки кишварҳо душвор ва ҳатто имконпазир аст, Пешвои миллат иброз доштанд, ки «дар шароити кунунӣ, ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, зуҳуроти радикализм, қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, андешидани чораҳои таъхирнопазирро тақозо мекунад.»

Эълони истиқлолияти давлатии Тоҷикистон заминаи сиёсӣ ва ҳуқуқиро барои шомил шудан ба созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ фароҳам овард. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Пешвои миллат қувваю заковати худро дар арсаи байналмилалӣ нишон дод. Дар натиҷаи сиёсати хирадмандонаи ӯ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти қомилҳуқуқи байналмилалӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ бипайваст, дар равандҳои умумиҷаҳонӣ ва ҷараёни муносибатҳои байналмилалӣ ба хотири эҷоди шароити мусоид баҳри рушду таҳкими минбаъдаи истиқлолият, ҳифзи тамомияти арзӣ, тақвияти давлатдорӣ фаъолона ширкат намуд. Ин ҳама дар Консепсияи нави сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба таври зайл баён ёфтааст: «ташаббусҳо ва талошҳои саривақтии Пешвои миллат барои ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ; барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ бо ҳамаи мамлакатҳое, ки мехоҳанд бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси баробарҳуқуқӣ ва муносибатҳои фоидаовари тарафайн ҳамкорӣ кунанд; аъзо шудан ба созмонҳои байналмилалӣ; мустаҳкам кардан ва боз ҳам инкишоф додани алоқаҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкории ҳамаҷониба бо ИДМ, пеш аз ҳама, бо Федератсияи Россия, Узбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон; дар асоси усули баробарӣ, ҳамкории дутарафаи судманд, ки кишварҳои хориҷӣ интихоб мекунанд, дахолат накардан ба корҳои дохилии

якдигар, барқарор намудани муносибат бо ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла, бо Чин, Афғонистон, Эрон, ИМА ва давлатҳои дигари Осиёву Африқо ва Аврупою Амрико; ёфтани ҷойгоҳи муносиби худ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ». Табиист, ки ҳар кишваре барои ҳузур ва нақшофарӣ дар саҳнаи ҷаҳонӣ ниёз ба заминаҳои ҳуқуқие дорад, ки ҳам манфиатҳои миллиро дар тамоми арсаҳо ҳимоят кунанд ва ҳам бо меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқат дошта бошанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2003 сиёсати хирадмандонаи «дарҳои боз»-ро эълон намуда, дар муносибатҳои Тоҷикистон бо ҷаҳони беруна ҷаҳише ба миён овард. Ӯ ин сиёсатро чунин маънидод намуд: «Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати «дарҳои боз», сулҳхоҳона ва беғараз буда, дар роҳи татбиқи он давлати мо омода аст, ки бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон робитаи дӯстиро бар пояи эҳтироми ҳамдигар, баробарӣ ва ҳамкориҳои судманд густариш диҳад». Дар партави ҳамин сиёсат аст, ки равобити судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои мухталифи Шарқу Ғарб вусъати беназир касб карда, нуфуз ва мақоми Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо ва фазилати сиёсатмадориву давлатдории Пешвои миллати мо дар ҷаҳони муосир мавриди истиқболи гарм қарор гирифтааст. То имрӯз ҶТ бо кишварҳои гуногуни олам беш аз 1200 санад ба имзо расондааст, ки онҳо масъалаҳои муносибату ҳамкориҳои дуҷонибаро дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, ҳарбӣ-техникӣ, амният, илм, фарҳанг, маориф, тандурустӣ, сайёҳӣ ва дигар самтҳоро фаро мегиранд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми конфронсу симпозиум ва форумҳои минтақавию ҷаҳонии ба масоили обу иқлим ва муҳити зист бахшидашуда бо маърузаҳои комилан илмӣ суханронӣ намуда, доимо иқдомҳои ҷадиди ба рафъи мушкилоти минтақаю сайёра равонагардидаро пешниҳод менамоянд ва онҳо ҳамеша қабул ҳам мегарданд. Аз ҷумла, соли 2003 «Соли байналмилалии оби тоза», солҳои 2005 – 2015 Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт», «Соли 2013-Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об», солҳои 2018 – 2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» ва ниҳоят, 14 декабри соли 2022 аз ҷониби Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид эълон гардидани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» ва дар рӯйхати ҷашнвораҳои байналмилалӣ ворид гардидани санаи 21 март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо» аз муҳимтарин иқдомоти ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мераванд.

Аз ҳамин хотир, ҷомеаи байналмилалӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба ҳайси поягузори ҳамаи ташаббусҳои байналмилалӣ дар соҳаи об эътироф кардааст.

27 август Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар маҳаллаи Ховарони ноҳияи Шоҳмансур Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 9, дар ноҳияи Фирдавсӣ Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 14, дар ноҳияи Сино бинои нави Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15, дар хиёбони Рӯдакии пойтахт Коллеҷи ҷумҳуриявии хореографии ба номи Малика Собирова, Коллеҷи санъати шаҳри Душанбе ба номи Аҳмад Бобоқулов ва Муассисаи давлатии «Мактаби бачагонаи санъат ба номи Одина Ҳошим»-ро мавриди истифода қарор доданд.

# ЗАРУРАТ ВА НАВГОНИҲО ДАР ҚОНУН

Нурулло ҚУРБОНАЛИЗОДА – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, роҳбари дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе, Муҳаммадҷон СОҲИБЗОДА – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини якуми директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Тавре ҳамагон иттилоъ доранд, 20 июни соли 2024 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» қабул гардид, ки он аз 7 боб ва 25 модда иборат мебошад. Сабабу омилҳои дар таҳрири нав, таҳия ва қабул гардидани ин қонун дар чист ва вазифаи минбаъдаи он аз чӣ иборат аст?**

Дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ислоҳоти ҳуқуқӣ гузаронда шуд. Дар баробари пешрафти соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ вазъи ҷомеа низ тағйир ёфта, барои ба танзим даровардани муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ зарурати қабули қонунҳои нав ва ё ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, бо мақсади ба талаботи нави муносибатҳои ҷамъиятӣ мутобиқ гардондани онҳо пеш меояд. Шаҳодати яке аз ин ҳолатҳо дар таҳрири нав қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» аз 20 июни соли 2024 маҳсуб мешавад. Ҳанӯз соли 2011 бо ташаббуси Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул гардида буд. Аз қабул ва амали қонуни мазкур 13 сол сипарӣ гардид ва ба он 5 маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Нақш ва манзалати ин қонун дар тақвияти масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд басо муҳим ва назаррас арзёбӣ мегардад. Вазъи тағйирёбандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба пешрафти ҷаҳони муосир имкон намедиҳад, ки қонунгузор ҳамаи нозукиҳои муносибатҳои ҷамъиятиро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таври мукаммал, бидуни ихтилофоти меъёрӣ, расмиёти маъмурӣ ва намудҳои дигари осебпазир пешбинӣ намояд. Аз ин рӯ, таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии босифат ва асоснок тақозои замон мебошад. Зеро муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим даровarда шуда, ҳаматарафа, мушаххас, сода ва фаҳмо ифода ёфтани меъёрҳои он кафолати таъмини қонуният мебошад ва низоми давлатдориро мустаҳкам мегардонад. Ҳамзамон, бо натиҷагирӣ аз татбиқи 13 соли амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» Пешвои миллат зимни суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар аз 9 марти соли 2024 таъкид доштанд, ки ҳамкории мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи кишвар дар татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» низ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.




Бинобар ин, мувофиқи мақсад меҳисобем, ки бо дарназардошти таҷрибаи дар ин самт андӯхташуда, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар таҳрири нави ҷавобгӯ ба талаботи замон қабул карда шавад». Боиси таъкид аст, ки 20 июни соли 2024 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» қабул гардид, ки он аз 7 боб ва 25 модда иборат мебошад. Сабабу омилҳои дар таҳрири нав таҳия ва қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият

барои таълиму тарбияи кӯдак» аз инҳо иборат аст: содаву оммафаҳм ва ба таври васеъ фарогир танзим намудани муносибатҳо оид ба таълиму тарбияи кӯдак бо дарназардошти таҷрибаи дар ин самт андӯхташуда ва ҷавобгӯ ба талаботи замон дар доираи қонуни мазкур; мушаххасу мукаммал намудани салоҳият ва ваколатҳои мақомоти давлатӣ ҷиҳати идоракунии давлатӣ, ҳамоҳангсозӣ, назорат, ҳамкории мақомоти давлатӣ, ҷомеаи кишвар ва татбиқи мушаххаси меъёрҳои қонуни мазкур; шарҳу тавзеҳи дурусти истилоҳоти ҳуқуқӣ, аз байн бурдани носаҳеҳӣ (духӯрагӣ) ва гуногунфаҳмии меъёрҳои ҳуқуқӣ доир ба муносибатҳо дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак, ки дар қонуни қаблан амалкунанда мавҷуд буданд; танзими роҳу василаҳои нави таълиму тарбияи кӯдак, ба таври мукаммалу васеъ пешбинӣ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳое, ки ба таълиму тарбияи кӯдак машғуланд, бо дарназардошти баэътиборгирии омилҳои тағйирёбандаи таъсиррасон ба раванди таълиму тарбияи кӯдак, зуҳуршавии роҳу василаҳои падидаҳои нави манфӣ ва дигар равандҳои номатлуби ҷомеаи муосир, ки ба таълиму тарбияи кӯдак таъсиррасонанд; тақвияти масъулияти падару модар ва шахсони онҳоро ивазкунанда, бо мақсади таълиму тарбияи кӯдак дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак; таҳкими фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, яъне кори дастаҷамъона ва фарогир будани таълиму тарбияи кӯдак ба ҳамаи субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ; тақвияти корҳои тарғиботию ташвиқотӣ, пеш аз ҳама, таваҷҷуҳ ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти таълиму тарбияи кӯдак, инчунин, танзими муносибатҳои нав бобати андешидани чораҳои пешгирикунандаи ҳуқуқвайронкуниҳо дар ин самт; мутобиқ намудани сохтор ва мазмуни қонуни мазкур ба талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар пасманзари муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017; мутобиқ намудани истилоҳот ва мазмуни қонуни мазкур ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ба талаботи нави Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 тасдиқ гардидааст.

**НАВГОНИҲОИ ҚОНУН**

Дар Паёми навбатии Президенти Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардид, ки яке аз ҳадафҳои он роҳандозӣ намудани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ оид ба сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан, қонунҳои соҳаҳои алоҳида ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, шарҳу тавзеҳи навгониҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» басо муҳим ва саривақтӣ маҳсуб ёфта, ба татбиқи ҳадафҳои эълонгардидаи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» мусоидат менамояд.

*Ивази ном ва васеъ намудани мавзуи танзими қонун.* Қонуни қаблан амалкунанда масъулияти падару модарро дар таълиму тарбияи фарзанд дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд муайян менамуд. Чунонки, аз номи қонун маълум буд, он масъулияти падару модар, яъне волидонро дар ин самт муқаррар ва пешбинӣ мекард. Дар моддаи 1-и қонун бошад, доираи муносибати танзими он бо муқаррарнамоии масъулияти падару модар ва шахсоне, ки онҳоро иваз менамоянд, пешбинӣ гардида буд. Аммо, аз таҳлили муқаррароти қонун бармеомад, ки дар он на танҳо масъулияти падару модар, балки масъулият, яъне уҳдадории фарзандони болиғу қобили меҳнат дар нигоҳубин ва таъминоти падару модар (боби 3, моддаи 10), инчунин, уҳдадориҳои омӯзгор, мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд (боби 4, моддаҳои 11-13), муқаррар гардида буд. Ин ҳолатҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки номи қонун ба пуррагӣ муносибатҳои дар он дарҷгардидаро фаро намегирифт. Бо дарназардошти масъалаҳои мазкур зарурати таҷдиди назар намудани номи қонун дар пайвастагӣ бо васеъ намудани мавзуи танзим ва субъектҳои он ба миён омад. Дар робита бо ин, номи қонун ба мавзуи танзими он мутобиқ гардонда, мавзуи танзим ва субъектҳои он васеъ карда шуд. Дар асоси муқаррароти моддаи 1-и қонуни қаблӣ муносибатҳои ҷамъиятие, ки қонуни мазкур танзим менамуд, масъулияти падару модар ва шахсони онҳоро ивазкунанда дар таълиму тарбияи фарзанд буд. Ҳол он ки дар боби 3 (уҳдадориҳои фарзанди болиғу қобили меҳнат дар нигоҳубин ва таъмини падару модар), ки як моддаро фаро мегирад (моддаи 10 — уҳдадориҳои фарзанди болиғу қобили меҳнат дар нигоҳубин ва таъмини падару модар) аз доираи муносибатҳои танзимии қонун

берун мебошад. Чунки муносибатҳои мазкур, пеш аз ҳама, аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифта, тавассути муқаррароти Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровардa мешавад. Дар робита бо ин, масъалаи мазкур аз доираи мавзуи танзим ва муқаррароти қонуни амалкунанда хориҷ карда шуд.

*Такмили муқаддимаи қонун.* Муқаддимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ба талаботи қисми 2, моддаи 43-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мутобиқат наменамуд. Мувофиқи он муқаддима қисми таркибии санади қонунгузорӣ буда, дар он мавзуи қабули санади қонунгузорӣ, мақсад ва вазифаҳои асосии он ифода карда мешавад. Аз таҳлили муқаддимаи қонуни қаблӣ маълум мегардад, ки дар он танҳо мақсади қабули он пешбинӣ гардида, мавзуъ ва вазифаҳои қонун истисно гардидаанд. Бо дарназардошти талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муқаддимаи қонуни амалкунанда дар таҳрири зерин ифода гардид, ки дар он мавзуи қабули санад, мақсад ва вазифаҳои асосии он инъикос карда шудаанд: «Қонуни мазкур муносибатҳоро оид ба масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак бо мақсади таълиму тарбияи кӯдак дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ танзим намуда, ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак равона гардидааст.»

*Такмили мафҳумҳои асосӣ.* Бояд иброз намуд, ки истилоҳи «фарзанд» ва «кӯдак» дар қонуни қаблӣ ба таври гуногун истифода гардида буд. Барои мисол дар номи боби 5 истилоҳи «фарзанд» ва дар моддаи 16 ҳамин боб истилоҳи «кӯдак» истифода шуда буд. Ҳарчанд ки тибқи моддаи 4 қонуни қаблӣ ин мафҳумҳо ҳаммаъно пешбинӣ гардида буданд, вале барои як муносибат истифода аз калимаҳои гуногун ба мураккаб гардидани фаҳмиши меъёрҳо ва дар баъзе мавридҳо боиси гуногун татбиқ намудани муқаррароти қонун мегардад. Дар ин замина, дар қонуни нав мушкилоти мазкур бартараф карда шуда, дар ном ва матни қонун истилоҳи «кӯдак» истифода гардидааст, ки аз дидгоҳи ҳуқуқӣ ба мазмун ва сохтори қонуни мазкур пурра мувофиқ аст.

Яке аз мафҳумҳои наве, ки дар қонуни амалкунанда пешбинӣ шудааст, «масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» мебошад, ки уҳдадории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар раванди таълиму тарбияи кӯдак ифода менамояд. Ҳарчанд ки қонуни қаблӣ масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ном дошт, аммо дар он мафҳуми масъулияти падару модар пешбинӣ нагардида буд. Ҳамзамон, мафҳумҳои «кӯдак», «таълим», «тарбия», «шахсоне, ки падару модарро иваз мекунанд», «марказҳои дилхушӣ» бо дарназардошти ҳадафҳои нави қонун такмил дода шуданд. Тағйиру иловаҳо ба сохтори қонуни мазкур дар тарҳи нав аз як тараф, мазмуни қонунро мукаммал намуда, аз тарафи дигар, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои се ниҳоди муҳимми иҷтимоӣ — оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаро, ки дар раванди таълим ва тарбияи кӯдак нақши калидӣ доранд, дақиқ ва возеҳу мушаххас намуд. Минбаъд барои вайронкунии тартиботи ҷамъиятӣ, даст задани кӯдак ба амалҳои норавою ношоиста ва дигар корҳои номатлуб на фақат волидайн, балки масъулони муассисаҳои таҳсилотӣ ва ҷомеа (мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ) ҷавобгар ҳисобида мешаванд. Бинобар ин, навгониҳои мазкур минбаъд боис бар он мегарданд, ки робитаи мустақим байни ин се ниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон вусъат ёбанд ва дар раванди таълиму тарбияи кӯдак, насли оянддасозу солими кишвар якҷоя тадбирандешӣ ва муносибати ҷиддӣ намоянд.

*Навгониҳо — принсипҳои масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак.* Яке аз навгониҳои дигари қонуни мазкурро моддаи 4 ташкил намуда, ба масъалаи принсипҳои масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак бахшида шудааст. Мутобиқи он масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак ба принсипҳои зерин асос меёбад: 1) эҳтироми кӯдак, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ; 2) таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии кӯдак; 3) қонуният; 4) адолат; 5) инсондӯстӣ; 6) муносибати инфиродӣ ба таълиму тарбияи кӯдак, аз ҷумла, кӯдаки дар вазъияти номусоиди иҷтимоӣ қарордошта; 7) пешгирии зӯроварӣ нисбат ба кӯдак; 8) иштироки аҳли ҷомеа дар таълиму тарбияи кӯдак; 9) ногузирии ҷавобгарӣ барои вайрон намудани ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои кӯдак.

Принсипҳои мазкур ҳангоми иҷрои масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак аҳаммияти назаррас дошта, субъектҳои дар раванди мазкур иштироккунанда уҳдадор мегарданд, ки тибқи талаботи принсипҳои мазкур амал намоянд. Ҳамзамон, ҷиҳати дигари аҳаммиятноки принсипҳои болозикр дар он зоҳир мегардад, ки минбаъд тағйиру иловаҳо ба қонуни мазкур дар заминаи ба эътибор гирифтани талаботи онҳо ба роҳ монда шуда, мақомоти давлатӣ ва

субъектҳо уҳдадоранд, ки ҳангоми татбиқи қонуни мазкур ин принсипҳоро ба роҳбарӣ гиранд.

*Навгониҳо доир ба сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак.* Дигар навгонии Қонуни мазкурро масъалаи сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак ташкил медиҳад, ки дар моддаи 5 пешбинӣ гардидааст. Тибқи он сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак аз инҳо иборат мебошад: 1) таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак, роҳ надодан ба поймолкунии онҳо; 2) таҳкими кафолатҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак, инчунин, барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшудаи ӯ; 3) ташаккули асосҳои ҳуқуқии кафолатҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак; 4) мусоидат ба рушди ҷисмонӣ, зеҳнӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдак, тарбияи ӯ дар руҳияи ватандӯстӣ, ҳисси баланди шаҳрвандӣ ва сулҳдӯстӣ; 5) таъмини фаъолияти мақсаднок оид ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маърифатнокии кӯдак; 6) роҳ надодан ба табъизи кӯдак, новобаста ба мансубияти нажодӣ, миллӣ, ҷинсӣ, динӣ, забонӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ, ҳолати саломатӣ ва дигар аломатҳо; 7) дастгирии давлатии ташкилотҳое, ки ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдакро ҳифз менамоянд.

*Навгониҳо оид ба салоҳият ва ваколатҳои мақомоти давлатӣ.* Яке аз масъалаҳои муҳим оид ба татбиқи қонун муқаррар намудани салоҳият ва ваколатҳои мақомоти давлатӣ махсуб меёбад. Бо мақсади андешидани тадбирҳои иловагӣ оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва муайян намудани салоҳият ва ваколатҳои мақомоти давлатӣ дар самти таълиму тарбияи фарзанд аз 8 феврали соли 2017, №835 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида буд, ки дар он масъули иҷрои ҳар як сархату банд, қисм ва моддаи қонун дар алоҳидагӣ пешбинӣ шуда буд. Аммо, пас аз қабули фармони мазкур 4 маротиба ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» солҳои 2018, 2019 ва ду маротиба дар соли 2022 тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, муқаррароти таснифгардида ба вазорату идораҳои дахлдор тағйир ёфтанд. Бо мақсади таснифи салоҳият ва ваколатҳои мақомоти давлатӣ доир ба иҷрои муқаррароти қонуни мазкур зарур буд, ки ба замимаи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 8 феврали соли 2017 тағйиру иловаҳо ворид карда шавад. Ҳамзамон, зарур буд, ки дар қонуни мазкур як боби алоҳида оид ба салоҳият ва ваколатҳои мақомоти давлатӣ илова карда шавад. Бо ин назардошт, яке аз навгониҳои муҳимми қонуни мазкур дар таҳрири нав қабул намудани санади дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар ин самт ба шумор рафта, навгонии дигари муҳимми он дар доираи боби алоҳида (боби 2) пешбинӣ намудани мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, салоҳият ва ваколати онҳо дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак ба шумор меравад.

Дар асоси муқаррароти моддаи 7 мақомоте, ки масъалаҳои вобаста ба масъулият барои таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд, инҳо ба ҳисоб мераванд: 1) мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак; 2) мақомоти дигаре, ки дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак иштирок мекунанд. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоте, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд, аз ҷониби Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак анҷом дода мешавад. Тибқи муқаррароти моддаи 8 салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 9 ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ ва тибқи моддаи 10 доираи масъалаҳои мақомоти дигар, ки дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак иштирок мекунанд, пешбинӣ шудаанд. Ба мақомоти дигар, ки дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак иштирок мекунанд, дохил мешаванд: 1) вазоратҳои адлия, корҳои дохилӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, мудофиа, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, кумитаҳо оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, телевизион ва радио, дин, танзими анъана ва ҷашну маросим; 2) мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ; 3) мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот.

*Навгониҳо оид ба вазъи ҳуқуқии комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак.* Яке аз навгониҳои дигари Қонуни мазкур ин боби 3 бо номи

«Комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» мебошад. Дар қонуни қаблӣ чунин боб мавҷуд набуд. Масъалаҳои комиссияҳои ҷамъиятӣ ба таври маҳдуд дар қонуни қаблӣ (қисми 2 моддаи 11) танзим гардида буданд. Боби мазкур фарогири 2 модда (моддаҳои 11 ва 12) буда, дар он масъалаҳои умумӣ ва вазифаҳои комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак танзим гардидаанд.

*Навгониҳо — пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти таълиму тарбияи кӯдак.* Инчунин, яке аз навгонии дигаре, ки дар Қонуни мазкур пешбинӣ гардидааст, боби 6 бо номи «Пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти таълиму тарбияи кӯдак» мебошад. Дар қонуни қаблӣ чунин боб ва масъалаҳо танзим нагардида буданд. Боби мазкур фарогири 2 модда (моддаҳои 21 ва 22) буда, масъалаҳои умумӣ ва чораҳои пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳоро дар самти таълиму тарбияи кӯдакро танзим намудааст.

**Оқибатҳои ҳуқуқии риоя накардани**
**талаботи қонун ва ҷавобгарӣ барои он**

Тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», падару модар, омӯзгор, мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотҳо ӯҳдадор гардидаанд, ки барои таълиму тарбияи кӯдак шароити мусоид фароҳам оваранд. Дар ҳолати аз ҷониби шахсони масъул иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадории ба зиммаашон гузошташуда, онҳо тибқи талаботи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Махсусан, дар моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» пешбинӣ гардидааст, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Бояд иброз намуд, ки меъёри моддаи мазкур хусусияти бланкетӣ дорад, яъне ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунанда ҷазо татбиқ карда мешавад. Меъёри дорои хусусияти бланкетӣ гуфта, намуди меъёри ҳуқуқиеро меноманд, ки барои пурра татбиқ намудани меъёр ба меъёрҳои дигари санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳавола мекунад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ василаи муҳимми муътадил амал намудани муносибатҳои ҳуқуқӣ ва иҷрои талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Муқаррар намудани чораи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун василаи муҳимми татбиқи самараноки муқарраროти Қонуни мазкур, татбиқи қонунияти ҳуқуқӣ ҷиҳати танзими муносибатҳои марбут ба масъулият оид ба таълиму тарбияи кӯдак ва пешгирии содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳо дар ин самт ба шумор меравад.

Дар пасманзари таҳрири нави таҳия ва қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» масъалаҳои марбут ба муқаррар намудани чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ин самт тибқи муқарраროти дахлдори Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода шуданд, ки яке аз навгониҳои қонунгузорӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак мебошанд. Аз ҷумла, то ин муддат дар асоси моддаи 90-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз як қисм иборат буд, барои иҷро накардани ӯҳдадориҳо оид ба парасторӣ, таълим ва тарбияи ноболиғон ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ мекард. Ба таври умумӣ муайян будани ҷавобгарӣ барои иҷро накардани масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак самаранокии татбиқи онро аз байн бурда, ба таври пурра ба сатҳи пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидат намекунад. Аммо, дар заминаи дар таҳрири нав қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 июни соли 2024 масъалаҳои муқаррар намудани ҷавобгарии маъмурӣ дар доираи моддаи 90-и Кодекси мазкур дар таҳрири нав ва дар шакли васеъ пешбинӣ карда шуд. Дар асоси муқарраროти ин модда барои иҷро накардани ӯҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи кӯдак ҷазо барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба субъектҳои дахлдор пешбинӣ карда мешавад. Чунончи:

- Барои бе сабабҳои узрнок ба таҳсилоти миёнаи умумӣ зиёда аз панҷоҳ соати дарсӣ дар як чоряки соли таҳсил фаро нагирифтани кӯдак аз тарафи падару модар, васӣ, парастор, шахсе, ки дар асоси шартнома кӯдакро тарбия мекунад, намояндаи дигари қонунии кӯдак, инчунин, шахси воқеии дигар, ки кӯдак воқеан таҳти тарбияи ӯ қарор дорад.

- Барои аз ҷониби падару модар, васӣ, парастор, шахсе, ки дар асоси шартнома кӯдакро тарбия мекунад, намояндаи дигари қонунии кӯдак, инчунин, шахси воқеии дигар, ки кӯдак воқеан таҳти тарбияи ӯ қарор дорад, пешгирӣ накардани амалҳои зерини кӯдак:

— маводи дорои хусусияти террористӣ, экстремистӣ, тундгароӣ, ҷудоихоҳӣ, порнографӣ ва зӯровариро паҳн кардан; ба марказҳои дилхушӣ ва ё дар вақти бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъшуда ба марказҳои пешниҳоди бозиҳои компютерӣ рафтан; ба биною иншоот, панҷараҳо, санги болои қабрҳо, ҳайкалҳо, нимпайкараҳо ва ороишоти дар оромгоҳҳо ва ҷойҳои таърихию фарҳангӣ насбшуда зарар расондан; ба муассисаи таълимӣ овардани маҳсулоти тамоку, машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир ва мадҳушкунандаи дигар, асбобу ашёи манъшуда ва халандаву буранда, инчунин, гирифта гаштани онҳо.

- Барои аз ҷониби падару модар, васӣ, парастор, шахсе, ки дар асоси шартнома кӯдакро тарбия мекунад, намояндаи дигари қонунии кӯдак, инчунин, шахси воқеии дигар, ки кӯдак воқеан таҳти тарбияи ӯ қарор дорад ва кормандони муассисаи таълимӣ ё тарбиявӣ дар раванди таълиму тарбия нисбат ба кӯдак истифода бурдани зӯроварӣ, инчунин, назорат накардани кӯдак, ки дар натиҷа боиси аз ҷониби ӯ истифода шудани зӯроварӣ нисбат ба дигар шахсон мегардад, ҳангоми набудани аломатҳои таркиби ҷиноят. Инчунин, барои дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдорҳои дар муқаррароти болозикр пешбинигардида, ҳангоми набудани аломатҳои таркиби ҷиноят ба субъектҳои тибқи қонунгузорӣ муайянгардида ҷазои вазнинтар пешбинӣ карда шудааст. Ҳамчунин, дар заминаи чунин чораандешиҳо муқаррароти моддаи 464 (1) Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ба кӯдак додани иҷозати воридшавӣ ба марказҳои дилхушӣ ва марказҳои пешниҳоди бозиҳои компютериро дар таҳрири нав пешбинӣ намуд. Барои аз тарафи шахсони воқеӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ ба кӯдак додани иҷозати воридшавӣ ба марказҳои дилхушӣ (клубҳои шабона, дискоклубҳо, толорҳои букмекерӣ ва марказҳои бозиҳои бурднок), инчунин, марказҳои пешниҳоди бозиҳои компютерӣ дар вақти бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъшуда, ҷазои дар моддаи мазкур пешбинишуда татбиқ карда мешавад. Инчунин, доир ба масъалаи монеъ гардидан ба гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст. Аз ҷумла, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 июни соли 2024 моддаи 164 дар таҳрири зерин ифода карда шуд: «монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ба ҳар тарзе монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти миёнаи умумиро дар бар гирифта, ҷазои ҷиноятиро дар шакли ҷарима, корҳои ҳатмӣ ва ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлатҳои муайян пешбинӣ менамояд.»

**Афзалиятҳои ҳуқуқии қонун**

Таҳлилҳо вобаста ба таҷрибаи таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» воқеан собит намуданд, ки дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияи таҳия ва қабули он асоснок, саривақтӣ ва дорои афзалияти ҳуқуқии муҳимми зерин мебошад:

1) Яке аз афзалиятҳои муҳимми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» дар он аст, ки масъалаҳои таълиму тарбияи кӯдак на танҳо аз дидгоҳи хоси ҳуқуқӣ, балки бо фарогирии ҷанбаҳои иҷтимоиву фалсафӣ, психологиву ахлоқӣ, сиёсиву идеологӣ ва фарҳангӣ таҷассум ёфтаанд.

Ин ҳолатҳо бозгӯйи он ҳастанд, ки «таълиму тарбияи кӯдак» падидаи сирф ҳуқуқӣ набуда, аз нигоҳи илмҳои гуногуни ҷомеашиносӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода мешавад. Маҳорати баланди фаъолияти қонунэҷодкунӣ дар ин самт ифодагари он аст, ки ҷанбаҳои мухталифи таълиму тарбияи кӯдак дар сатҳи қонун инъикос ёфтаанд. Чунин афзалияти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» далели он аст, ки зимни тарғибу ташвиқ ва амалӣ намудани корҳои тарбиявӣ дар ин самт дар баробари донишҳои ҳуқуқӣ, инчунин, донишҳои соҳаҳои дигари ҷомеа басо муҳим аст. Дар ҳамин замина, ба мақсад мувофиқ аст, ки ҷиҳати густариши масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак дар ҳошияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» дар баробари ҳуқуқшиносон, дигар мутахассисони соҳаҳои гуногуни ҷомеашиносӣ низ ба корҳои тарғибу ташвиқ ва фаҳмондадиҳӣ ҷалб карда шаванд.

2) Дуюм афзалияти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» дар он мебошад, ки он қонуни махсуси соҳавӣ дар танзим ва амалинамоии ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак ва пурзӯр намудани масъулияти субъектҳои таълиму тарбия ба шумор меравад.

Бояд иброз намуд, ки дар низоми қонунгузории мамлакат дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ вуҷуд доранд, ки ҷанбаҳои алоҳидаи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон ва баъзе аз масъалаҳои таълим ва тарбияи онҳоро ба танзим медароранд. Аз ҷумла, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бартарияти тарбияи оилавии кӯдаконро яке аз принсипҳои ба танзим даровардани муносибатҳои оилавӣ эътироф намуда, шаклҳои тарбияи кӯдакон, аз ҷумла, кӯдаконеро, ки бе парастории волидон мондаанд ва субъектҳои асосиеро, ки барои тарбия ва нигоҳубини кӯдакон масъулият доранд, муайян намудааст. Яъне, дар ин санади меъёрии ҳуқуқӣ бештар сухан оид ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак ва таълиму тарбияи он дар доираи оила ва ҳамчун субъекти асосӣ падару модар ба шумор меравад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015 бевосита асосҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва кафолатҳои давлатии амалишавии онҳоро муқаррар менамояд. Ҳамчунин, баъзе масъалаҳои марбут ба амалишавии ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон, ба таълиму тарбия фаро гирифтани онҳо ва ҳуқуқу уҳдадориҳои муассисаҳои таълимӣ дар ин самт дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф пешбинӣ гардидааст. Аммо, афзалияти муҳимми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» дар таносуб ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии болозикр дар он мебошад, ки масъулияти бевоситаи падару модар, шахсони онҳоро ивазкунанда, мақомоти давлатӣ, муассисаи таълимӣ, комиссияҳои ҷамъиятӣ ва амсоли ин субъектҳоро ҷиҳати таъмини амалинамоии ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак, ҷоннок намудани раванди таълиму тарбияи кӯдак ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии кӯдаконро пешбинӣ менамояд. Ин ҳолатҳо, дар умум бозгӯйи он ҳастанд, ки қонуни баррасишаванда мавзуъ, субъект ва роҳу василаҳои махсуси танзим дошта, такрори мавзуи қонунҳои болозикр нест.

3) Афзалияти дигари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» дар он аст, ки бештари масъалаҳо оид ба таълиму тарбияи кӯдак ба таври мушаххас дар қонун танзим гардида, ба санадҳои дигари қонунгузорӣ кам ҳавола мешаванд.

Таҳлили муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» собит намуд, ки аксарияти муносибатҳо дар самти таълиму тарбияи кӯдак бевосита дар қонун танзим шудаанд. Таҳлили меъёрҳои қонун нишон медиҳад, ки танҳо барои татбиқи ин қонун қабули ду санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ, аз ҷумла, як қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ва тасдиқ намудани «Низомномаи намунавии комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» пешбинӣ шудааст.

4) Чорум афзалияти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» дар он ифода меёбад, ки он бо назардошти арзишҳои миллӣ, таълимоти ниёгон, таҷрибаи низоми қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул гардидааст. Тибқи таҳлилҳо, дар низоми қонунгузории давлатҳои дигар, махсусан миқёси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо чунин шакл дар сатҳи умумидавлатӣ қонуни алоҳида то ҳол қабул нашудааст.

Аллакай дар давлатҳои ИДМ оид ба таҳияи чунин лоиҳаи қонун бо назардошти таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдом гирифта шудааст, ки ин мояи ифтихор мебошад. Ҳамзамон, дар заминаи таҷрибаи андӯхтаи кишвари мо доир ба танзими ҳуқуқии масъалаҳои таълиму тарбияи кӯдак таҳияи лоиҳаи Қонуни моделӣ «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» дар доираи Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои аъзои ИДМ ба нақша гирифта шудааст;

5) Дигар афзалияти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» дар он мебошад, ки он ба амалишавии муқаррароти дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ва қонунгузории соҳаи маориф, тандурустӣ, иҷтимоӣ, оилавӣ, меҳнат ва ғайра мусоидат менамояд.

# ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ШАҲРВАНДӢ АЗ НИГОҲИ ҲУҚУҚӢ



**Нодира МУРОДЗОДА – устоди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маърифати ҳуқуқии шаҳрвандӣ ва баланд бардоштани хизматрасонии ҳуқуқиро муҳим арзёбӣ намуда, бахри беҳбудии рӯзгори мардум, боло рафтани сатҳи зиндагӣ, амалӣ гардондани нақшаҳои стратегии мамлакат волоияти қонун ва ташаккулу таҳаввули сатҳи дониши ҳуқуқии шаҳрвандонро омили асосӣ донистанд.**

Зиндагӣ дар давлати ҳуқуқбунёд орзую ормони аҷдодони мо ба шумор рафта, ин неъмат имрӯз ба шарофати соҳибистиқлолӣ насиби мо гардидааст. Аз ин рӯ, ҳар як шахс вазифадор аст, ки ба қадри он бирасад, дар мустаҳкам намудани пояҳои давлатдорӣ саҳмгузор бошад. Фароҳам овардани фазои ҳуқуқӣ дар ҷомеа вазифаи аввалиндараҷаи давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Ҳар як инсон вазифадор аст, талаботи санадҳои ҳуқуқии аз ҷониби Давлату Ҳукумат ба тасвибрасидаро риоя намояд, зеро ҳама гуна иқдоми некбинонаи давлат ба хотири беҳбудии рӯзгори осоиштаи мардум равона гардидааст. Яке аз ҳадафҳои асосии тарбияи шаҳрвандон, дар тафаккури онҳо ҷой намудани фарҳанги ҳуқуқист. Зикр кардан ҷоиз аст, ки таълиму тарбия ҷузъи таркибии соҳаи маориф ва ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб рафта, дар ин раванд оила ва ҷомеа низ масъулияти баландро бояд эҳсос намоянд. Дар ҷомеа, албатта, насли оянда бояд мақоми худро дошта бошад, аз омӯхтани мероси бойи фарҳанги аҷдодӣ, тарбияи хештаншиносию ватанпарастӣ дар канор намонад. Дар иҷрои ин нақшаю ниятҳои нек ҳамагон бояд ҷидду ҷаҳд ва дар тарбияи насли наврас дилсӯзона рафтор намоем. Муассисаҳои таълимӣ воситаҳои тарбиявиеро мавриди истифода қарор медиҳанд, ки ба фаъолияти хонандагон таъсири мусбат мерасонанд. Рушди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкими давлати соҳибистиқлол, демократӣ ва ҳуқуқбунёд ба такмили фарҳанги шаҳрвандӣ-ватандӯстии насли наврас нигаронида шудааст. Ҷанбаи мазкур бо мубрамияти хоса тавсиф мегардад, чунки бо шуурнокии пасти шаҳрвандӣ – ватандӯстии шаҳрвандон, дар мавриди надоштани саъю кӯшиши муносиб барои воридшавӣ ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва иҷрои одилонаи қарзи ватандӯстии худ дар назди Ватан, тамоми дигаргуниҳои мусбати пешбинишуда метавонанд дар марҳалаи шиору афкори декларативӣ боқӣ монанд. Ватандӯстӣ ба унвони волотарин эҳсоси маънавӣ-ахлоқӣ шарти пешбарандаи таҳкимбахшии давлатдории тоҷикон дар заминаи ҳувияти миллӣ мебошад. Имрӯз як омили муҳимми дарки масоили ташаккул ва рушди сифати шаҳрвандӣ, ташаккули фарҳанги шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон, наврасон ва ҷавонон ба ҳисоб меравад. Ташаккули сифатҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон дар машғулиятҳо ва фаъолиятҳои берунaзсинфӣ имкониятҳои васеи зоҳиршавии қобилиятҳои шахсии онҳоро фароҳам оварда, барои дар оянда пайдо кардани ҷойгоҳ ва мақоми муносиб дар ҷомеа ва ифодаи мавқеи шаҳрвандӣ-ватандӯстиашон шароити мусоид фароҳам меорад.




Вазифаҳои асосии фаъолгардонии коркарди назариявӣ ва амалии тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ дар ҳуҷҷатҳои расмии кишвар муқаррар карда шудаанд. Муҳиммияти фарҳанги

шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ дар қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ, аз ҷумла, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак», Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи низоми давлатии маориф дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузорӣ, ки мақсади онҳо рушди соҳаи маориф, баландбардории сифати таълиму тарбия мебошад, асоснок карда шудааст. Теъдоди зиёди ин ҳуҷҷатҳо солҳои аввали соҳибистиқлолӣ қабул гардида, бо мурури замон дар солҳои минбаъда такмил ёфта, бо мазмуну муҳтавои нав барои воридшавии Тоҷикистон ба фазои ягонаи ҷаҳонии таҳсилот мусоидат намуданд. Ба шарофати ин омил дар соҳаи таҳсилоти ҷумҳурӣ технологияҳои инноватсионӣ ва интерактивии таълим мавриди истифода қарор гирифта, ба муассисаҳои таълимӣ имкониятҳои фароҳам барои амалисозии тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии насли наврас муҳайё месозанд.

Мутаассифона, дар баробари дастовардҳо, дар ин самт, дар стандартҳои таҳсилот, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ ва тавсияҳои методӣ, воситаҳои техникии таълим, аз ҷумла, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ, ки ҷорӣ намудани таҳсилоти фосилавӣ дар раванди таълим, инчунин, омода кардани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи муосирро имконпазир мегардонанд, камбудиҳо ҷой доранд. Ташаккули тамоюли арзишии насли наврас, неруи созанда, солимии руҳию ҷисмонӣ, рушди масъулияти шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон, пеш аз ҳама, тавассути азхудкунии фанҳои мактабӣ дар ҳамгироӣ бо маҳсули аз ҷиҳати иҷтимоӣ арзишманди фаъолияти меҳнатии хонандагон ба даст меоянд. Дар барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар ин самт тадриси чунин фанҳо, ба монанди таърихи халқи тоҷик, таърихи умумӣ, таърихи дин, асосҳои давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, маърифати оиладорӣ ва асосҳои иқтисод бештар муассир мебошад.

Таҷрибаи ғаниеро, ки дар марҳалаҳои гуногуни таърихии рушди ҷомеаи мо дар самти тарбияи сазовори насли наврас андӯхта шудааст, наметавон ба таври пурра дар шароити кунунии таърихӣ мавриди истифода қарор дод. Ин амр таҷдиди назар ва бознигарии мероси маънавӣ оид ба масоили афзалиятҳои арзишии тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ, коркарди асосҳои назариявии муосири онро тақозо мекунад.

Таҳлили педагогии масоили таҳқиқшаванда имконият медиҳад, ки хусусиятҳои муҳимми шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва хусусияти маънавии шахсият муайян карда шаванд. Дар шароити муосири демократикунонии ҷомеа мафҳумҳои «шаҳрвандӣ», «ватандӯстӣ» ба сифати шиор аз ҷониби ҳаракатҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ мавриди истифода қарор гирифта, ба тарзҳои гуногун шарҳу тавзеҳ дода мешаванд. Бинобар ин, муайян намудани муҳтаво ва муайянсозии вижагиҳои онҳо дар шароити нави иҷтимоӣ-таърихӣ муҳим арзёбӣ гардида, амалисозии тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии ҷавононро дар заминаи илмӣ имконпазир мегардонад. Дар Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 ва Консепсияи миллии тарбия, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидаанд, тарбияи ватандӯстӣ ва маънавӣ-ахлоқии насли наврас ҳамчун омили муҳимми рушд, ваҳдат ва муттаҳидсозии ҷомеаи муосири тоҷик зикр шудааст. Ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ваҳдати маънавӣ дар асоси сарнавишти муштараки миллатҳое, ки дар мамлакати мо ҳаёт ба сар мебаранд, ба номгӯйи самтҳои афзалиятноки рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст. Дар «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» зарурати тақвияти вазифаи тарбиявии маориф таъкид шудааст, ки ба ташаккули шаҳрвандӣ, меҳнатдӯстӣ, маънавиёт, эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, муҳаббат ба Ватан, оила, муҳити зист ва табиат аҳамияти аввалиндараҷа бояд дода шавад. Масоили тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии насли наврас мавзуи нав нест ва дорои решаҳои амиқ мебошад. Таҳлили адабиёти фалсафӣ, психологӣ-педагогӣ нишон медиҳад, ки дар давраҳои мухталиф ба тарбияи насли наврас дар руҳияи муҳаббат ба Ватан ва муносибати боэҳтиромона нисбат ба арзишҳои фарҳанги миллӣ диққати хосса зоҳир мегардид. Аммо ҷаҳони босуръат тағйирёбанда ҷанбаҳои печидатари масоили мазкурро ба миён меорад. Тарбияи шаҳрвандӣ ҳамчун ҷузъи асосии Консепсияи миллии тарбия дорои қонуниятҳо ва принсипҳои ба худ хос мебошад. Тарбия ба шарте бомуваффақият мегардад, ки қонуниятҳо ва вижагиҳои он дар раванди таълими умумӣ ба назар гирифта шаванд. Қонуниятҳо инъикосгари моҳияти робитаи дохилӣ ва беруна байни ҷузъҳои низоми тарбия ва таълим мебошанд. Воқеият ин аст, коре, ки ба он субъекти тарбияи мактабӣ ворид мегардад, бояд

бунёдгузори ин фаъолияти аз рӯйи сифат мураккаб ва арзишманди фаъолияти рафторӣ гардад. Агар муносибатҳои мутақобила манфӣ бошанд, он гоҳ, бешак, натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ба қадри кофӣ муассир ва самаранок нахоҳанд буд. Ҳаёт худ мактаби таълиму тарбия маҳсуб меёбад, маҳз аз ин сабаб, бояд онро аз нуқтаи назари психологӣ ва педагогӣ ба роҳ монд ва насли наврасро ба шаклҳои гуногуни фаъолият ҷалб намуд.

Муҳтавои тарбияи шаҳрвандӣ, интиқоли он ба хонандагон барои ташаккули сифатҳои шахсии инсон ва шаҳрванди ватандӯст на танҳо баҳисобгирии асосҳои методологӣ, инчунин, татбиқи қонуниятҳои таълиму тарбия, махсусан, принсипҳои дидактикиро тақозо намуда, хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Воситаҳои педагогии мазкур омилҳои асосии самаранокии тарбияи шаҳрвандии ҳам хонандагон ва ҳам дигар гурӯҳҳои иҷтимоии ҷомеа маҳсуб меёбанд.

Муҳтавои фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ, самаранокии он бо замони мушаххаси таърихӣ, ки дар он хонанда умр ба сар мебарад ва метавонад қоидаҳои ҳаёти ҷомеа ва қонунҳои тарбиявии онро қабул намояд, алоқаманд мебошад. Барои ин ӯ бояд мунтазам таҷрибаву малакаи худро бою ғанӣ гардонад. Муайянсозии моҳият ва мазмуни фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ аз хусусиятҳои синнусолӣ, ҷинсӣ, фардӣ ва дигар сифатҳои хонандагон ва тарбиятгирандагон вобастагӣ дорад. Ин амри воқеӣ комилан равшан аст, чунки корҳои таълимӣ-тарбиявӣ ва равандҳои дар он рӯйдиҳанда барои ба камол расондани инсон равона карда шудаанд. Аз ин рӯ, мураббиён ва омӯзгорон мунтазам бояд хусусиятҳои синнусолӣ, маънавӣ-ахлоқӣ, такмили дониш ва маҳорату малакаҳоеро мавриди омӯзиш қарор диҳанд, ки ба интихоби маводи таълимӣ, намуду методҳои тарбияу таълим ва самаранокии он мусоидат намоянд. Фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ аз муносибати хонанда ва тарбиятдиҳанда вобастагӣ дорад. Ҳар қадар боварии хонанда ба омӯзгор зиёд бошад, ҳамон қадар фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ пурсамар мегардад. Он бо сифати таъсиррасонии тарбиявии омӯзгор зич алоқаманд мебошад. Лекин дар сурати амалиёти ғайрикасбӣ ва ё нокифояи омӯзгор ва мураббӣ натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ паст мешаванд.

Қонуниятҳои фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ алоқаҳои асосиро байни омилҳо, шароитҳо ва натиҷаҳои раванди таълимӣ-тарбиявӣ инъикос менамоянд. Дар фаъолияти амалии таълимӣ-тарбиявӣ вобастагии натиҷаҳо ва самаранокии фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ аз муносибатҳои муқарраршуда, мувофиқати мақсад ва фаъолият, таҷриба ва таъсиррасонии тарбиявӣ, таъсири омилҳои субъективӣ ва объективӣ, самаранокии фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ, худтарбиякунӣ ва ғайра вобастагӣ дорад. Ҳамин тариқ, таълиму тарбия ҳамзамон амал мекунанд.

Принсипҳои фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ғояҳои бунёдӣ ва асосҳои боарзиш буда, мазмун, шаклу методҳои ташкили раванди таълиму тарбияро муайян месозанд. Онҳо сатҳи рушди ҷомеа, талаботи он ба тарбия ва таълими шахсият, муносибатҳои мутақобилаи омӯзгорон, мураббиён ва хонандагону тарбиятгирандагонро инъикос менамоянд. Принсипҳои таълиму тарбияро набояд ба асосӣ ва дуюмдараҷа тақсим намуд. Яке аз принсипҳои асосӣ принсипи гуманистии кори таълиму тарбия маҳсуб меёбад. Фаъолияти омӯзгор – тарбиятгар бояд бар асоси принсипҳои гуманизм дар доираи эҳтиром, таваҷҷуҳи хосса, хайрхоҳии омӯзгор ва пешниҳоди талаботи мувофиқ нисбат ба хонандагон ба роҳ монда шавад. Шартҳои амалисозии принсипи мазкур инҳо мебошанд: *ба таври ихтиёрӣ ҷалб намудани хонандагон ба намудҳои муайяни фаъолият, эътимоди омӯзгор ба ҳар як тарбиятгиранда, пешгирии оқибатҳои манфӣ дар ҷараёни таъсиррасонии педагогӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, баҳисобгирии арзишҳо ва тамоюлоти фардии онҳо.* Тартиби амалисозии принсипи мазкур такя ба мавқеи мусбӣ, муносибати боэҳтиромона ба тарбиятгирандагон, нексириштии хонанда, маҳорати ҳифзи манфиатҳои омӯзгор, ҷустуҷӯйи гузинаҳои муносиб барои ҳалли масоили дорои дараҷаи мураккабии гуногун аз ҷониби хонандагон, ташаккули мунтазами муносибати гуманистӣ нисбат ба шахсият мебошад.

Дигар принсипи муҳим, тағйирпазирии таълиму тарбияи иҷтимоӣ буда, дар ҷомеаи муосир он бо гуногуншаклии талабот ва манфиатҳои ҳам шахсият ва ҳам ҷомеа муайян карда мешавад. Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳият ва низоми тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ тағйир ёфт. Дар солҳои соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ зарурати коркарди низоми муосири тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии насли наврас ба миён омад. Дар тули ин солҳо дар насли наврас таассуроти нав оид ба шаҳрвандӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, ватандӯстӣ ва муҳаббат ба Ватани худ ташаккул ёфт. Имрӯз ҳам ташаккули низоми нави тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватандӯстии хонандагону донишҷӯён идома дорад. Бо ин мақсад дар мамлакат марказҳои таълимии

тарбияи ватандӯстӣ ва ҳуқуқӣ ташкил карда мешаванд, ки ҳадафи онҳо дар насли наврас ташаккул додани мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва тарбияи ахлоқӣ мебошад. Дар марказҳои мазкур конфронсҳо, мубоҳисаҳо, мусоҳибаҳо, озмунҳо, шабнишиниҳои мавзуӣ, чорабиниҳои ҳарбӣ-ватандӯстӣ, бозиҳо, намоишҳои гуногун гузаронда мешаванд.

Инчунин, дар самти тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ мутахассисон тайёр карда мешаванд. Чунин муносибат ба он вобаста аст, ки шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ асоси давлати бузург ва пурқудрат ба шумор рафта, тарбияи насли наврас дар шароити муассисаи таҳсилоти умумӣ дар руҳияи он ба роҳ монда шудааст.

Ватандӯстӣ – муҳаббат ба Ватани худ, хоҳиши хидмат кардан ба манфиатҳои он ва омода будан барои фидо кардани ҷони худ дар роҳи ҳифзи он мебошад. Маърифатнокии шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ яке аз тавсифоти шахсият буда, дар ҷаҳонбинии ӯ, идеалҳои маънавӣ ва меъёрҳои рафтор ифода меёбад. Аксаран шуури ҷамъиятӣ дар коллективизм, тарзи зиндагӣ, таърих, фарҳанг, арзишҳои бунёдии низоми маориф зоҳир мегардад. Тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ асосҳои маънавии пойдории давлат ба шумор рафта, дар марҳалаи муосир ба сифати манбаи муҳимми дохилии сафарбаркунандаи ҷомеаи башарӣ зуҳур менамоянд, ки дар он мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ, омодагӣ барои хидмат ба Ватан ва ҳифзи марзу буми он ташаккул меёбанд. Таҷриба ва таҳқиқоти сершумор нишон медиҳанд, ки тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ метавонанд фардӣ, гурӯҳӣ ва оммавӣ бошанд. Аз вижагиҳои хоси тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстии тоҷик гароиши инсондӯстона, таҳаммулпазирии динӣ, қонунмандӣ, раванди устувор ва ниёз ба зиндагии дастаҷамъона ва муҳаббати хоса ба ватан, табиати диёр, оила, хешу табор ва ғайра мебошанд. Тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ба таври маҷмуӣ ба нақша гирифта шуда, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таълиму тарбияи насли наврас ба ҳисоб меравад. Ҳадафҳои асосии он баланд бардоштани фаъолнокии иҷтимоӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, маънавиёт, ташаккули шахсияти дорои сифатҳои мусбат мебошанд, ки метавонанд дар ҳифзи манофеи Ватан, таҳкими давлатдорӣ, таъмини манфиатҳои ҳаётан муҳим ва рушди босуботи сарзамини аҷдодӣ зоҳир ёбанд. Ба раванди татбиқи низоми тарбияи шаҳрвандӣ дар муассисаҳои таълимии умумӣ ниҳодҳои давлатии марбута, созмонҳои ғайридавлатӣ шомил мешаванд, ки бо истифода аз иқтидори омӯзгорон корҳои фаҳмондадиҳии асосҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқии фаъолияти тарбиявӣ ва таълимӣ ба роҳ монда мешаванд. Ин фаъолият ба воситаи ҷалби васоити ахбори омма, барномаҳои радио, омода намудани рӯзномаҳои деворӣ, намоиши ангораҳо, аксҳо ва ғайра амалӣ карда мешавад.

Омӯзгорон гурӯҳи пурнуфузе мебошанд, ки рисолати мафкурасозии миллат ва ҷомеа, босаводу соҳибмаърифат гардонидани наслҳои наврас ва барои кишвар ба камол расонидани кадрҳои ояндасоз ба дӯши онҳо вогузор шудааст. Аз ин хотир, мо минбаъд низ барои тақвияти мақоми омӯзгорон дар ҷомеа чораҷӯӣ мекунем.

***

Омӯзгорони мо бояд меъёрҳои арзёбии дониши шогирдонро тавсеа бахшанд, барои омӯзонидани таърих, забон, адабиёт, фарҳангу санъати гузаштаву муосир, расму ойин ва дигар арзишҳои миллӣ зиёдтар талош намоянд, ба хонандагону донишҷӯён арзишҳои муқаддаси истиқлолият ва озодиро дуруст шарҳ диҳанд, моҳияти сулҳу суботро ҳамчун шарти асосии зиндагии орому осудаи мардуми Тоҷикистони азиз таблиғ созанд, барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ талош карда, дар раванди бунёди ҷомеаи шаҳрвандии демокративу дунявӣ саҳми арзандаи хешро гузоранд.

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# ЛИБОСИ МИЛЛӢ — СИМОИ МИЛЛАТ



Камол НАСРУЛЛО – Шоири халқии Тоҷикистон

**Шинохти симои миллии худ, шинохти ҳувият ва маънавиёти худ аз самтҳои асосии сиёсати давлатдории Тоҷикистони навин аз рӯзҳои нахустини расидан ба истиқлоли давлатӣ будааст. Ва ин беҳуда нест. Ин ҷо чӣ асрор аст, ки миллати мо садсолаҳо дар зери ҷабру зулми аҷнабиён зиста, на танҳо симои хоси маънавияшро аз даст надодааст, балки онро пайваста такмил додаву комилтар намудааст.**

Ин асрор дар он зоҳир мешавад, ки миллати мо зотан, табиатан миллати соҳибзавқу эҷодкор аст. Дар ин асос аст, ки садҳо сол дар тасарруфи аҷнабиён буда, забони худ, илму адабиёту фарҳанги безаволи худро бунёд гузоштааст. То ҷойе ин маънавиёт қавӣ буда, ки аҷнабиёнро дар ин сарзамин во доштааст, забони давлатии худро ногузир забони бумии ин халқи адабпарвар қабул намоянд. Дафтару девони давлатдориро низ ба забони форсӣ-тоҷикӣ ба роҳ монанд. Бубинед, чӣ миқдоре адибону амирони турkзабоне, ки дар ин сарзамин ҳукмронӣ кардаанд, то ҷойе тасхир аз ҷониби илму адабиёти мо гардида буданд, ки аксарашон ба забони форсӣ шеър ҳам мегуфтанду девонҳо ҳам навишта буданд. Яъне, агар силоҳи хунрези онҳо мамлакати моро мутеъ карда буд, илму адабу сухани волои адабии мо худи онҳоро мутеъ гардонид. Яъне, ҳамин маънавиёти қавии миллати мо асоси бунёди таърихӣ, пойдории он тули таърихи гарон дар дунё гардидааст.

Метавон чанде аз вежагиҳои хоси маънавиёти моро, ки миллати моро дар тули таърих соҳибтамаддуну асилзода муаррифӣ намудааст, бо далелҳои баҳснопазир нишон дод. Масалан, ин ки аз қадимулайём дар байни халқи куҳанбунёди мо инсон аз рӯзи нахустини ба дунё омадан то лаҳзаи охирини тарки олам карданаш ва ҳатто дар замони то таваллудаш дар асоси таълимоту қонуниятҳои хосаи асоси илмидошта таҳти назорату муносибат қарор мегирад. Дастурҳои хосаи миллие вуҷуд доштанд, ки аз ҷониби модарони соҳибфарҳанги мо риоя ва иҷро мешуданд. Як гигиенаи хосаву озодае аз нахустин лаҳзаҳои таваллуди тифл то парвариши минбаъдаи он муайян ва таъйин шуда буд, ки ҳатто имрӯз дар дастурҳои тибби замони мо риоя мегарданд. Масалан, нахустин амалҳо ҳангоми таваллуд ва баъд аз таваллуди тифл маросими шустушӯи ӯ буда, ҳар амале чун маросими кучаке бо риояи ҳама тартиби таъйиншуда дар шакле мутантану фараҳбахш ба иҷро мерасид. Аз ҷумла, аввалин маросими либоспӯшон, аввалин маросими мӯйисаргирон, аввалин маросими гаҳворабандон, хатнаи тифл ва ғайра бо риояи ҳама нозукиҳои гигиенӣ, худ далели фарҳанги бузурги парвариши тифл-инсон дар ин сарзамин аст. Дар ин мавзуъ метавон, хеле тулонӣ сухан ронд ва ҳар яке аз ин амалҳоро шарҳу маънидод кард.

Ба ҳамин тариқ, дар фарҳанги миллии мо ягон амал, ягон зуҳуроте вуҷуд надорад, ки як мақсади наҷиб ва як ҳадафи шоистаи инсониро пайгирӣ накунад. Бубинед, тамоми суннату ойинҳои миллии мо, ҳатто кучактарини онҳо ҳадафи баланди инсонпарвариву некманишиву хайрхоҳиро дунболагиранд. Ин ойину суннатҳо бешуморанд, ки ҳоҷати якояк ном бурдани онҳо нест. Бад-ин тариқ, инсон дар фарҳанги миллии мо тули ҳастии худ дар ҳама синну солу ҳама даврон ҳамеша бо таълимоти баланди тарбиявию инсонпарастона фаро гирифта мешавад. Аз таълими хурдтарин касбу кор ва санъату



ҳунар ҳама зуҳуроти маънавии ҳастии миллати мо мақсаду ҳадафҳои баланди инсониву башарӣ доранд. Ва инҳо ҳама дар маҷмуъ, симои миллии миллати мо, маънавиёти баланди онро таъйин кардаанд. Аз ҷумла, либоси миллии тоҷикӣ, ки низ дар ҷаҳон беназир аст. Беназир на фақат аз ҷиҳати зоҳирӣ, балки бенанзиру бемисл аз ҷиҳати маънавиву ҳадафнокӣ ва санъату ҳунар низ мебошад.

Имрӯзҳо мавзуи либоси миллӣ ва симои миллӣ бештар аз дигар мавзуъҳо мавриди гуфтугӯву баҳс қарор гирифтааст. Ва ин бесабаб нест. Зеро либоси миллии мо, ки баландтарин фарҳанги ҳадафноки миллиро таҷассум кардаасту дар дунё шабеҳ надорад, дар қатори бисёр дастовардҳои дигари миллии мо дар ин замони ҷаҳонишавӣ мавриди таҳдиду коҳиши бемавриду бемаъно қарор гирифтааст. Мехоҳам ин масъаларо андаке ба таври худ шарҳ бидиҳам. Дар чанд соли охир аз ҷониби мардуми мо пӯшидани либосҳои миллати бегона ба расму одат даромад. Бештар озодии андешаву афкору эътимод дар зиндагии имрӯзаи мо боиси ба амал омадани ин зуҳурот гардид. Зоҳиран ин тариқи либоспӯшӣ гӯиё аз афзудани эътимод ба дини мубини ислом ба назар мерасад. Аммо дар асл чунин нест. Ин ки теъдоди на ками хонумҳои тоҷик либосҳои дарозу танги арабӣ мепӯшидагӣ шуданд, дар асл нишонаи бештар гардидани эътимоди эътиқоди онҳо ба дини ислом нест. Садсолаҳост, ки зану марди ин мамлакат худро мусулмон мешумориданду либоси хоси миллии худро мепӯшиданд. Пӯшидани чунин либосҳо аслан ҳосили мӯдпарастии баъзе хонумон гардид, ки гирифтори он шуданд. Балки ин амал ба дину эътиқоду имон заррае пайванд надорад, зеро ин пероҳанҳои танги дароз, ки аксар, ба тақозои мӯд, ҳарчи тангтар гардидаву ба қомати занон мечаспанд ва узвҳои баданро барҷастатар нишон медиҳанд, баръакс, ангезишҳое ба вуҷуд меоранд, ақлу ҳушҳоро ба самтҳое мебаранд, ки дур аз хоксориву шарму таҳаммулест, ки исломи асил тарғиб мекунад. Яъне, ин пероҳанҳо ба ҷуз аз ангезишҳои бемавриде, ки ба мардон метавонад бидиҳанд, ягон умумият ба таълимоти дини мубини ислом надоранд. Аммо гирифторӣ ва парастиши баъзе хонумҳои мо, ки дар асл ба ислом эътимоде надоранд, онҳоро ба мӯди замон даровард ва кор то ҷойе расидан гирифт, ки духтарону хонумҳои тоҷик ба ивази пероҳанҳои рангину зеботарини миллии худ, ҳама сиёҳпӯш шудан гирифтанд. Ин либосҳо ду ҳадафро пешгирӣ доштанд, яке, ин ки бубин, ман мусалмонам, дигаре ҳамон мӯдпарастӣ ва ангезишҳое, ки ин либосҳои дарозу сиёҳи асроромез бо худ доранд. Гумон мекунам, хеле дурусту саривақтист гирифтани пеши роҳи ин зуҳуроти номатлуб, ки зиён ба фарҳанги хуҷастаи мо, ба симои миллии зебову эътирофгардидаи миллии мо мерасонанд.

Акнун чанд сухан дар мавриди симои миллӣ ва либоси миллӣ.. Гумон мекунам, чашми мо, ки ба либосҳои зебову беҳамтои миллиамон одат кардааст, бисёре аз хуҷастагиҳои онро шояд баъзеямон аз тангназарӣ намебинему мушоҳида намекунем, аммо ба чашми аҳли ҷаҳон, мардуми мамлакатҳои дурдасти хориҷӣ, ки бо як дидан мафтуну ошиқи либосҳои зебои миллии мо мешаванд, онҳо на танҳо бо як ранги сиёҳ ё сапед, балки бо ҳазорон ранг аз худ ҳунару зебоиро интишор медиҳанд. Бале, либосҳои миллии тоҷикӣ мисли таҷассуми баҳори нозанин, мисли дафтари аржанги Монӣ на танҳо ранги ба рангу дилпазиранд, балки хуҷастагии дигар ин аст, ки онҳо ҳар яке ҳосили ҳунару санъати волоянд, ки касе наметавонад инро инкор кунад. Онҳо ҳосили зеботарину шевотарин ҳунари хайётӣ, гулдӯзиву зардӯзиву сӯзаникориянд, ки дар ҷаҳон назир надоранд.

Аммо дар сифату қимати либосҳои миллии мо ин ҳам ҳанӯз кам аст, зеро рангҳо, нақшу нигор ва рамзҳои таҷассумшуда дар либосҳои миллии тоҷикӣ намои фарҳанги бузурги миллати моянд. Дар ҷаҳон кам миллатеро метавон ёфт, ки дар нақшу нигори либоси миллияш ин қадар рамзҳои маънидор таҷассум шудаву акси нақшу нигорҳои он асосҳои илмиву фалсафӣ ва кайҳонӣ дошта бошанд. Дар куртаи чакани тоҷикӣ, дар пероҳанҳои зардӯзӣ, дар гулдӯзиҳои анъанавии модарону духтарони мо, дар адрасу адраси мо акси сипеҳру кайҳон, осмону тирукамон метавон гуфт, илми нуҷум бо ҳама нақшҳои худ таҷассум ёфтааст. Инъикоси ин нақшҳои рамзӣ ва асроромез худ илмест ва мутахассисони мо бояд онҳоро маънидод кунанду асрорашонро ба мо кушода диҳанд. Вақти он расидааст, ки ин корро бояд зуд иҷро кард, зеро мутахассисони донишманди ин соҳа дар ҷаҳон кам мондаанд.

Ёдам ҳаст, ки дар як суҳбат устод Муъмин Қаноат чанде аз ин рамзҳоро, ки дар нақши сӯзаниҳо таҷассум шуда буданд, ба банда шарҳ доданд ва ман дар ҳайрат монда будам, ки ин қадар онҳо маънидоранд. Яъне, ки устоди донишманд яке аз донандагони хуби ин рамзҳо буданд. Ба андешаи ман, олимони фарҳангшиноси мо ҳарчи зудтар бояд як китоб-албомеро бо инъикосу шарҳи ин нақшу нигор ва рамзҳо интишор диҳанд, то мардуми дунё фаҳманд, ки миллати соҳибтамаддун ва эҷодкори мо миллати одӣ нест. Яъне, агар дар ин ё он мамлакат фарзандони нобиғаи он намои илму адаби ҷаҳонӣ дар он кишвар бошанд, дар байни қавму миллатҳои дунё миллатҳое мисли тоҷикон ҳастанд, ки худ нобиғамиллати таҷассумгари фарҳанги бузурганд.

# РУШДИ КАСБИЯТИ ОМӮЗГОР – ОМИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ



**Маҳина БОБОЕВА – омӯзгори кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, номзади илмҳои педагогӣ**

**Сифати таҳсилот аз баланд бардоштани малакаву маҳорати омӯзгор ва курсҳои такмили ихтисос вобастагии амиқ дорад. Одатан мафҳуми сифати таҳсилотро ба маънои сатҳи саводнокӣ ва дониши хонанда мефаҳманд, ки ин то андозае дуруст нест. Зеро сифати таҳсилот вобаста аст аз сифати таълим, мазмуни адабиёти таълимӣ, риояи стандарти таҳсилоти давлатӣ ва донишу малакаи кордонии омӯзгор.**

Боиси хушнудист, ки дастрасӣ ба адабиёти таълимӣ масъалаи баҳсталаб нест, зеро ҳамасола, тибқи дархости шуъба ва раёсатҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои мамлакат, китобҳои дарсӣ таъмин карда мешаванд. Аммо малака ва дониши омӯзгори имрӯза ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилот ба маълумотнокии хонанда мувофиқат мекунад ё не, ин масъала баҳсталаб аст. Омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, хосатан, дар иддае аз муассисаҳои томактабӣ ғайриихтисос ба кори таълиму тарбия ҷалб карда шудаанд, ки ин омил боис гардидааст, сифати таҳсилот дар зинаҳои аввали таҳсилот паст гардад. Азхуд кардани барномаи таълимӣ дар муассисаҳои томактабӣ бояд аз ҷониби масъулону мушовирони соҳаи томактабӣ дар раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо мавриди назорати доимӣ қарор дошта бошад. Мутаассифона, дар баъзе минтақаҳои раёсату шуъбаҳои маориф мушовирони соҳаи томактабӣ ғайриихтисос ба ин вазифаи назоратӣ мутасаддӣ шудаанд ва наметавонанд назоратро аз рӯйи кори мураббиён ба роҳ монанд.

Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он дар шаҳру вилоятҳои мамлакат ҷиҳати баланд бардоштани касбияти мураббиён ва кормандони муассисаҳои томактабӣ курсҳои такмили ихтисосро аз рӯи нақшаи мураттабгардида ба роҳ мондаанд. Пайваста аз талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ, иҷрои барномаҳои давлатӣ шунавандагонро огоҳ карда, ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта тадбирҳои мавҷударо мавриди истифода қарор медиҳанд. Маврид ба зикр аст, ки дар муассисаҳои томактабии мамлакат кори таълиму тарбия бо такя ба барномаи таълимиву тарбиявии «Рангинкамон» ба роҳ монда шудааст. Дар замони муосир барномаи амалкунанда ба такмил ва бознигарӣ ниёз дорад. Аз ин рӯ, бо дастури вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷалби «Лоиҳаи рушди барвақтии кӯдакон барои густариши сармояи инсонӣ дар Тоҷикистон»-и Бонки умумиҷаҳонӣ дар 14 шаҳру ноҳияи такягоҳӣ (пилотӣ) курсҳои омӯзишӣ баргузор карда шуданд. Ҳадафи омӯзиш низ таҳияи барномаҳои алтернативӣ дар муассисаҳои томактабӣ буда, мушовири байналмилалии



«Лоиҳаи рушди барвақтии кӯдакон барои густариши сармояи инсонӣ дар Тоҷикистон» Шерри Энн Ле Мотти ба ин иқдом ҷалб карда шуд. Мушовири байналмилалӣ семинари омӯзиширо аз рӯйи усули нав, яъне «Омӯзиш тавассути бозӣ» ба роҳ монд.

Ҷиҳати ба курсҳои омӯзишӣ ҷалб кардани тренерони касбӣ аз ҷониби бахши таҳсилоти томактабии Вазорати маориф ва илм рӯйхати мутахассисони кордони соҳаи томактабӣ манзур гардиданд. Мутахассисони томактабӣ аз ҷониби мушовири байналмилалии Лоиҳа - Ш. Л. Мотти ба муддати 6 рӯз ба семинари омӯзишӣ ҷалб карда шуда, сипас натиҷаи дониши омӯхтаи онҳо аз ҷониби мушовирони маҳаллии Лоиҳа мавриди санҷиш қарор дода шуд. Нафарони аз санҷиш гузашта ба 14 шаҳру ноҳияи дурдасти кишварамон сафарбар гардида, дар се марҳала семинарҳои омӯзиширо баргузор намуданд, ки натиҷаи хуб ба бор овард. Баргузор кардани чунин курсҳои сайёр таҷрибаи натиҷабахши Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос буда, Лоиҳа онро дар фаъолияти худ истифода кард. Натиҷа он аст, ки мураббиёни муассисаҳои томактабӣ ба курсҳои такмили ихтисос ба марказҳои вилоятҳо ва шаҳри Душанбе сафарбар нашуда, ҷиҳати сарфа кардани маблағ ва аз фаъолияти педагогӣ бознамондани онҳо мусоидат намуд. Махсусан, дар ноҳияҳои Тоҷикобод, Мастчоҳи Кӯҳӣ, Восеъ ва Абдураҳмони Ҷомӣ, Дӯстӣ, Ҷайҳун баргузор кардани семинарҳои омӯзишии сайёр аз ҷониби мураббиён хуш пазируфта шуд.

Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф фаъолияти тренерони семинарро таҳти назорат қарор дода, якҷо бо гурӯҳи кории мониторинги сифати таҳсилот, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илм таъсис дода шуда буд, ҷараёни омӯзишро дар ноҳияҳои такягоҳӣ мавриди омӯзиш қарор дода, ба хулоса омад, ки баргузор кардани чунин семинарҳои омӯзишӣ дар марказҳои инкишофи кӯдакон низ ногузир аст. Дар назар аст, ки семинарҳои омӯзишӣ дар шаҳру ноҳияҳои такягоҳӣ барои омӯзгорони марказҳои инкишофи кӯдакон низ дар сатҳи зарурӣ гузаронида шуда, ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилот ва рушди касбияти педагог мусоидат намояд. Тибқи талаботи «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025», бояд ҳамасола 3000 корманди муассисаҳои томактабӣ ба курсҳои такмили ихтисос ҷалб карда шавад. Ҷиҳати амалӣ гардидани ин муқаррарот донишкада дар оғози соли таҳсил барои роҳбарони муассисаҳои томактабӣ-мудирони муассисаҳои томактабӣ, сипас дар моҳи октябр барои мураббиёни кӯдакистонҳо ва дар моҳи декабр барои омӯзгорони марказҳои инкишофи кӯдакон курсҳои такмили ихтисос ташкил намуд. Шуруъ аз моҳи феврал курси такмили ихтисоси мураббиёни муассисаҳои томактабии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ оғоз ёфт. Марҳала ба марҳала ба курсҳои такмили ихтисос ҷалб кардани кормандони муассисаҳои томактабӣ тибқи нақшаи мураттабгардида сурат мегирад. Кормандони донишкада дар баробари педагог буданашон, хуб дарк кардаанд, ки таълим додан ва баланд бардоштани савияи касбият ба қишри бофарҳанги ҷомеа амали саҳлу осон нест. Зеро устодон ва кормандони донишкада ба омӯзгорон таълим меомӯзанд. Ин масъулият аз онҳо тақозо дорад, ки дар баробари педагог будан, аз илми «Андрагогика» бархӯрдор бошанд. Андрагогика санъати омӯзиш барои калонсолон буда, аз шахс маҳорат, муносибат ва муоширати хосаро талаб мекунад. Ба нафари калонсол таълим омӯхтан аз хонандаи мактаб ва ё донишҷӯи мактаби олӣ ба куллӣ тафовут дошта, аз педагог дониш, ҷасорату малака ва маҳорати пешбарандагиро талаб мекунад. Бинобар ин, омӯзгорони донишкада бо мақсади ҳамқадами замон будан кӯшиш менамоянд, пайваста худомӯзӣ кунанд, бо истифода аз воситаҳои иттилоотиву технологияи муосир курсҳои омӯзиширо шавқовар ва хотирмон гузаронанд, то шунавандагон маълумоти гирифтаашонро ба омӯзгорону мураббиёни ҷавони шаҳру ноҳияҳои худ омӯзанд. Яке аз талаботҳои курси такмили ихтисос низ ҳамин рукнро талаб менамояд, ки шунавандаи ба курс сафарбаршуда, дар баробари аз худ кардани маълумоти нав, инчунин, ҷиҳати тавзеҳи он дар муассисаи таълимӣ муваззаф бошад. Фаъолияти асосии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф такмил додани маҳорати касбӣ, ба роҳ мондани бозомӯзии омӯзгорону мураббиён ва дигар кормандони соҳаи маориф, расондани ёрии амалии методӣ ба кормандони раёсату шуъбаҳои маориф ва ба ин васила, баланд бардоштани сифати таҳсилот мебошад.

Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф бо филиалҳои худ мунтазам омӯзгорону кормандони соҳаи маорифро аз рӯйи 47 ихтисос

такмили тахассус менамояд. Дар ин росто, бо мақсади баланд бардоштани сифати таҳсилот дар зинаҳои аввали муассисаҳои таълимӣ кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии донишкада як қатор корҳоро ба нақша гирифтааст. Ҳайати кафедра дар таҳия ва таълифи барномаҳои таълимӣ ва дастурҳои методӣ ба натиҷаҳои назаррасро ноил гардидаанд. Соли 2023 аз ҷониби омӯзгорони кафедра ҷиҳати амалишавии «Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ду барномаи таълимӣ барои шунавандагон ва ду дастури методӣ барои муассисаҳои томактабӣ таҳия гардида, бо қарори ҳайати ҷаласаи мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр пешниҳод гардид.

Соли 2024 Донишкада ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилот ва тақвият бахшидани маҳорати касбии мураббиёну кормандони муассисаҳои томактабӣ таълифи барномаву дастурҳои ёрирасонро ба нақша гирифтааст.

**БАРНОМАИ НАВ АМАЛӢ ШУД**

Имсол қабули хонандагони синфҳои 1 ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шаҳри Душанбе тавассути барномаи электронии «eDonish» амалӣ карда мешавад. Доир ба механизми электронии сабти он директори Муассисаи давлатии «Маркази таҳлилӣ-иттилоотии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе» Зафар Муродзода ба хабарнигори АМИТ «Ховар» чунин гуфт:

— Барои анҷом додани механизми қабули хонандагон тавассути низоми электронӣ дар барномаи электронии «eDonish» бахши нав –«Ба синфи 1» таъсис дода шуд, ки тарзи кор бо он дар силсиламашғулиятҳои омӯзишӣ барои директорон ва маъмурони барномаи электронии «eDonish»-и муассисаҳои таълимии пойтахт омӯзонида шуд. Бақайдгирӣ сода буда, қадами нахустини он ворид намудани рақами телефони волидайн ва ё шахсони ивазкунандаи онҳо мебошад. Сипас, маълумоти шахсии аризадиҳанда пур карда шуда, барои тасдиқ нусхаи шиноснома ва маълумотнома аз ҷойи истиқомат талаб карда мешавад. Дар марҳилаи баъдӣ маълумот дар бораи кӯдак бо замимаи шаҳодатномаи таваллуд ворид карда мешавад. Пас аз ирсоли маълумот барои тасдиқ маъмурон дурустии онро санҷида тасдиқ/рад мекунанд ва ҳамон лаҳза маълумот ба телефони мобилии аризадиҳанда паёмак ирсол мегардад. Барномаи электронии «eDonish» қисми таркибии таҳсили рақамӣ буда, бо ҳадафҳои Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ ва ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад. Муҳимтарин бартариятҳои механизми электронии бақайдгирӣ инҳоянд:

— Содагардонӣ ва фаврият, яъне раванди бақайдгирии хонандагон ба синфи як бо ёрии низоми электронӣ сода ва зуд амалӣ карда мешавад; таъмини шаффофият, яъне низоми бақайдгирии электронӣ имкон медиҳад, ки қабули хонандагон вобаста ба маҳали фарогирӣ шаффоф гузашта, омилҳои коррупсионӣ барҳам дода шаванд; дастрасии муносиб дар ҳар вақт ва аз ҳар куҷо, яъне волидайн ва ё ашхоси ивазкунандаи онҳо дар ҳар куҷое, ки бошанд, дар дилхоҳ вақт метавонанд фарзанди худро сатб намоянд; автоматикунонии раванди қабул, яъне равандҳои қабул ва бақайдгирӣ автоматӣ карда мешаванд, ки самаранокии баландро таъмин менамоянд; сарфаи вақт ва захираҳо, яъне низоми электронӣ имкон медиҳад, ки вақт ва захираҳои хонандагон ва масъулини муассиса сарфаҷӯӣ карда шавад; коҳиши хатоиҳо, қаблан, ҳангоми сабти ном ба таври дастӣ хатоиҳои зиёде сар мезаданд, ки бо низоми электронӣ ин мушкилиро метавон барои ҳамеша бартараф намуд; дастрасии баробар, яъне ҳамаи сокинони пойтахт, новобаста аз мавқеъ метавонанд ба сабти номи фарзанд дар ин ё он муассиса дастрасӣ дошта бошанд; мусоидат ба раванди маъмурӣ, яъне низоми электронӣ ба масъулин имкон медиҳад, ки раванди коркард ва идораи ҳуҷҷатҳоро осонтар назорат кунанд ва хатоиҳои маъмурӣ камтар рух диҳанд; фароҳам овардани имконият барои ҳама, яъне тариқи низоми электронӣ онҳое, ки тавоноии ба мактаб рафтан надоранд, метавонанд фарзанди худро сабти ном кунанд; кам кардани ҳаяҷон ва стресс, яъне низоми электронӣ метавонад омилҳои фишоровар ва ҳолатҳои стрессноки раванди сабтро коҳиш диҳад; бойгонии маълумот ва серверҳои барнома имкон медиҳанд, ки маълумот барои солҳо маҳфуз нигаҳ дошта шавад ва тағйири онҳо ғайриимкон мегардад, ки ин имконият аз сохтакорӣ ва тақаллуб пешгирӣ менамояд.

Ин тарзи қабул имкон медиҳад, ки омилҳои берунии халалрасон бартараф гардида, хонандагон дар асоси маҳалли фарогирӣ ва малакаву маҳорат ба муассисаи таълимӣ фаро гирифта шаванд. «eDonish» журнали электронӣ буда, ҷадвали дарсӣ, рӯзномаи электронии хонанда, хабарнома аз омӯзгор ба падару модар дар бораи давомоти фарзанд ва арзёбии дониши хонандагонро дар бар гирифта, рейтинги онҳоро вобаста ба фанҳои таълимӣ нишон медиҳад. Дар даромадгоҳи муассисаҳои таълимӣ камераҳои назоратии Face ID насб карда шудаанд, ки барнома тавассути он давомоти хонандагонро сабт карда, ба волидайне, ки дар барнома сабти ном шудаанд, хабар медиҳад.



# АҲАММИЯТИ БАРГУЗОРИИ МАШВАРАТҲОИ АВГУСТӢ

**Шавкат КАРИМЗОДА – номзади илмҳои педагогӣ, директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Дар солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус ба рушди соҳаи маориф зоҳир намуда, барои беҳбуди таҳсилот ва сатҳи касбии омӯзгорон як қатор чораҳои муҳимро амалӣ намудааст. Аз ҷумла, диққати бештар ба таъмини дастрасии шаҳрвандон ба таҳсилоти босифат, такмил додани барномаҳои таълимӣ ва ҷорӣ кардани усулҳои муосири таълим равона шудааст. Ҷорӣ кардани технологияҳои навин дар мактабҳо, такмили базаи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ ва тарбияи кадрҳои баландихтисос аз ҷумлаи самтҳои афзалиятноки фаъолияти давлат мебошанд.**

Дар ин замина, машваратҳои августӣ ҳамчун як василаи муҳимми баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон ва такмили раванди таълим нақши муҳимеро мебозанд. Машваратҳои августӣ имкон медиҳанд, ки омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф бо таҷрибаҳои нав шинос шаванд, дониши худро такмил диҳанд ва маҳорати касбияшонро баланд бардоранд, то ки ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ бошанд. Ҳамин тавр, ин машваратҳо на танҳо як чорабинии анъанавӣ, балки марҳалаи муҳимми таълимӣ барои рушди касбии омӯзгорон ба ҳисоб мераванд. Дар шароити пешрафти босуръати илму техника, зарурати баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон ва такмили дониши онҳо аҳамияти хос пайдо мекунад, ки ин вазифа ба таври муфассал дар доираи машваратҳои августӣ амалӣ мегардад.

Яке аз муҳимтарин паҳлуҳои машваратҳои августӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим мебошад. Дар ин машваратҳо омӯзгорон на танҳо аз дастовардҳои худ гузориш медиҳанд, балки аз таҷрибаи пешқадами ҳамкорон, ки дар машваратҳо муаррифӣ мешаванд, баҳравар мегарданд. Инчунин, дар доираи ин машваратҳо барномаҳои таълимии нав, усулҳои самараноки таълим ва роҳҳои нави ташкил ва гузарондани дарсҳо баррасӣ мешаванд. Машваратҳои августӣ як майдони беҳтарин барои рушди касбияти омӯзгорон фароҳам меоранд. Омӯзгорон имкони иштирок дар муҳокимаҳо, тренингҳо ва курсҳои кӯтоҳмуддатро доранд, ки ба онҳо малакаҳои навро меомӯзонанд ва барои такмили дониш мусоидат мекунанд. Инчунин, ҷорӣ кардани технологияҳои иттилоотӣ ва истифодаи онҳо дар раванди таълим низ яке аз мавзуъҳои асосӣ дар машваратҳои мазкур мебошад. Дар машваратҳои августӣ омӯзгорон аз муассисаҳои гуногун ҷамъ меоянд ва таҷрибаи худро мубодила мекунанд. Ин ҳамкорӣ ва мубодилаи таҷриба ба рушди методҳои таълим ва баланд бардоштани сатҳи касбияти омӯзгорон мусоидат мекунад. Омӯзгорон метавонанд аз ҳамдигар омӯзанд ва таҷрибаҳои муваффақи худро дар мактабҳояшон татбиқ намоянд. Барои беҳтар фаҳмидани моҳияти машваратҳои августӣ ва таъсири он ба маҳорати касбии омӯзгорон, муҳим аст, ки натиҷаҳои иштирок ва омӯзиши



омӯзгорон дар ин машваратҳо таҳлил карда шаванд. Зеро омӯзгороне, ки дар ин чорабинӣ иштирок мекунанд, бояд дар фаъолияти худ пешрафт нишон дода тавонанд, чун ба воситаи ҷорӣ кардани усулҳои таълимии нав, истифодаи технологияи иттилоотӣ ва пайравӣ ба барномаҳои таълимии нав, сатҳи дарсдиҳии онҳо ба таври назаррас баланд мегардад. Омӯзгороне, ки дар муҳокимаҳо, машғулиятҳои амалӣ ва презентатсияҳо иштирок мекунанд,

малакаҳои нави амалиро соҳиб гашта, усулҳои навро дар дарсҳои худ татбиқ карда метавонанд. Инчунин, баробарии иштирок дар ин машваратҳо муҳим аст, то ки ҳар як омӯзгор барои изҳори ақида ва пешниҳоди идеяҳои худ имкони баробар дошта бошад.

***Тавсияҳо барои такмили машваратҳои августӣ***

***1. Ташкили тренингҳои амалӣ.*** Машваратҳо бояд бо тренингҳои амалӣ, ки ба омӯзгорон имкони истифодаи усулҳои навро дар муҳити таълимии воқеӣ фароҳам меоранд, пурра карда шаванд. Ин роҳ метавонад сатҳи самаранокии машваратҳоро боло барад ва омӯзгоронро ба ҷорӣ кардани навовариҳо дар фаъолияти худ ҳавасманд гардонад. Тренингҳои амалӣ дар машваратҳои августӣ аз он ҷиҳат муҳиманд, ки онҳо ба омӯзгорон на танҳо дарёфти донишҳои нав, балки такмил додани малакаҳои амалиро таъмин мекунанд. Дар раванди тренингҳои амалӣ, омӯзгорон имкон доранд, ки усулҳо ва методологияҳои навро, ки дар раванди таълим истифода мешаванд, дар муҳити воқеӣ озмоиш кунанд. Ин таҷрибаи амалӣ на танҳо дониши онҳоро тақвият мебахшад, балки ба онҳо имкон медиҳад, ки бо усулҳои таълимӣ озодона кор кунанд ва онҳоро дар синфҳои худ татбиқ намоянд. Барои ташкили тренингҳои амалӣ дар машваратҳои августӣ бояд тренерон ё мутахассисони соҳаҳои гуногуни таълимӣ, ки таҷрибаи ғанӣ дар татбиқи усулҳои муосири таълим доранд, даъват карда шаванд. Ин мутахассисон метавонанд ба омӯзгорон роҳнамоӣ кунанд, ки чӣ гуна усулҳои навро дар муҳити таълимӣ истифода баранд. Дар ҷараёни тренингҳои амалӣ омӯзгорон метавонанд ба гурӯҳҳо тақсим шаванд ва бо истифода аз маводи таълимӣ, таҷҳизоти техникӣ ва барномаҳои иттилоотӣ, ки барои ин тренингҳо омода карда шудаанд, кор кунанд. Инчунин, тренингҳо метавонанд симулятсияҳо ва машғулиятҳои интерактивиро дар бар гиранд, ки дар онҳо омӯзгорон дарсҳои виртуалиро гузаронанд. Ташкили тренингҳои амалӣ ба баланд бардоштани самаранокии машваратҳои августӣ ва ҳавасмандгардонии омӯзгорон мусоидат мекунад. Вақте ки омӯзгорон имконияти истифодаи усулҳои навро дар амал мебинанд ва онҳо бо натиҷаҳои мусбат рӯ ба рӯ мешаванд, ин ҳолат онҳоро ба ҷорӣ кардани ин усулҳо дар фаъолияти худ ҳавасманд мегардонад. Дар натиҷа, омӯзгорон бештар омодаанд, ки бо навовариҳо дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ кор кунанд ва ба сатҳи касбияти худ тағйироти мусбат ворид созанд.

***2. Ҷорӣ кардани машваратҳои онлайнӣ ва омехта.*** Бо рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ, имконоти нави таълимӣ ва машваратӣ барои омӯзгорон пайдо шудаанд. Яке аз ин имконот ҷорӣ кардани машваратҳои онлайнӣ ва омехта мебошад, ки метавонанд ба васеъ кардани дастрасии омӯзгорон ба ин чорабиниҳо мусоидат кунанд. Машваратҳои онлайнӣ имкон медиҳанд, ки омӯзгорон аз минтақаҳои гуногун ба таври мустақим ва бидуни зарурати сафар дар машваратҳо иштирок намоянд. Ин усул на танҳо хароҷоти сафар ва вақтро сарфа мекунад, балки имкони иштирок дар машваратҳоро барои ҳамаи омӯзгорон, новобаста аз макони зист, фароҳам меорад. Дар машваратҳои онлайнӣ омӯзгорон метавонанд тавассути платформаҳои мухталиф, ба мисли Zoom, Microsoft Teams, ё Google Meet дар муҳокимаҳо ва тренингҳо иштирок кунанд. Ин платформаҳо имкон медиҳанд, ки омӯзгорон бо ҳамкорон ва тренерон аз манотиқи гуногун пайваст шуда, дар муҳокимаҳои интерактивӣ ва вебинарҳо иштирок кунанд. Инчунин, ҳамаи маводи машваратӣ, ба монанди презентатсияҳо ва сабтҳои видеоӣ метавонанд дар вақти муносиб барои омӯзгорон дастрас бошанд.

Машваратҳои омехта якҷо намудани усулҳои анъанавии ҳузурӣ ва онлайниро дар бар мегиранд. Ин навъи машваратҳо ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки дар чорабиниҳои ҳузурӣ иштирок кунанд ва ҳамзамон, ба воситаи интернет дар қисмҳои дигари машварат, ки ба таври онлайнӣ баргузор мешаванд, шарик шаванд. Ин усул, махсусан, барои омӯзгороне, ки дар минтақаҳои дурдаст кор мекунанд, муфид аст, зеро он имкон медиҳад, ки омӯзгорон танҳо барои қисмҳои муҳим ва зарурӣ сафар кунанд ва боқимондаи машваратро ба таври онлайнӣ пайгирӣ намоянд. Ҳамзамон, бо технологияҳои навини таълимӣ ва усулҳои муосири дарсдиҳӣ шинос шаванд, ки ин ба баланд бардоштани сатҳи касбияти онҳо мусоидат мекунад. Дар ин ҳолат омӯзгорон метавонанд таҷрибаи худро дар муҳити ҳузурӣ ва онлайнӣ муаррифӣ кунанд ва малакаҳои худро такмил диҳанд.

Ҷорӣ кардани машваратҳои онлайнӣ ва омехта ба таври назаррас дастрасии омӯзгоронро ба ин чорабиниҳо фароҳам меоранд. Онҳо метавонанд аз хона, мактаби худ ё дигар ҷойҳои муносиб ба машваратҳо пайваст шаванд ва аз донишҳои нав баҳра баранд.

***3. Ҷорӣ кардани усулҳои инноватсионӣ дар омӯзиш.*** Бо пешрафти технологияҳои навин ва афзоиши талабот ба таҳсилоти босифат, ҷорӣ кардани усулҳои инноватсионӣ дар раванди таълим зарурати замон гардидааст. Яке аз ин усулҳо истифодаи симулятсияҳо ва

лабораторияҳои виртуалӣ мебошад, ки ба омӯзгорон кумак мекунанд, то малакаҳои амалӣ ва фаҳмиши худро дар соҳаҳои махсус такмил диҳанд. Симулятсияҳо ва лабораторияҳои виртуалӣ воситаҳои таълимие мебошанд, ки тавассути онҳо омӯзгорон ва хонандагон метавонанд дар муҳити компютерӣ бо таҷрибаҳои гуногун ва вазъиятҳои воқеии илмӣ шинос шаванд. Ин усулҳо, махсусан, барои фанҳои табиӣ, аз қабили физика, химия ва биология муҳим мебошанд, зеро онҳо имкон медиҳанд, ки таҷрибаҳо ва таҷҳизоти душвортаҳияшаванда ва гаронбаҳоро бидуни тарси хатоӣ ё зарар ба таҷҳизоти воқеӣ иҷро кунанд.

***Афзалияти истифодаи симулятсияҳо ва лабораторияҳои виртуалӣ:***

***1. Таъмини бехатарии омӯзиш:*** Истифодаи симулятсияҳо ва лабораторияҳои виртуалӣ имкон медиҳад, ки омӯзгорон ва хонандагон дар муҳити комилан бехатар амал кунанд. Онҳо метавонанд таҷрибаҳои химиявӣ ё физикиро бидуни хатари зарар ба худ ё таҷҳизот иҷро кунанд. Инчунин, онҳо метавонанд хатоҳои эҳтимолиро бидуни таъсири манфӣ ба муҳити воқеӣ тафтиш кунанд ва аз онҳо омӯзанд.

***2. Дастрасӣ ба таҷрибаҳои гуногун:*** Симулятсияҳо ва лабораторияҳои виртуалӣ имкон медиҳанд, ки омӯзгорон ва хонандагон ба таҷрибаҳои гуногуни илмӣ дастрасӣ дошта бошанд, ҳатто, агар дар мактаб таҷҳизоти зарурӣ мавҷуд набошад. Масалан, омӯзгорони физика метавонанд таҷрибаҳои электромагнитизм ё механикаро бо истифода аз симулятсияҳо, ки дар шароити воқеӣ таҷҳизоти гаронбаҳо ва махсусро талаб мекунанд иҷро кунанд.

***3. Такмили малакаҳои амалӣ:*** Лабораторияҳои виртуалӣ имкон медиҳанд, ки омӯзгорон малакаҳои амалӣ ва тавоноии иҷрои таҷрибаҳои илмиро такмил диҳанд. Онҳо метавонанд ба таври интерактивӣ бо таҷрибаҳои мураккаб шинос шаванд ва фаҳмиши худро дар соҳаҳои махсус тақвият бахшанд.

***Истифодаи симулятсияҳо дар раванди таълим.*** Дар дарсҳои физика омӯзгорон метавонанд симулятсияҳоро истифода баранд, то ки хонандагон бо қонуниятҳои механика, кинематика ва динамика шинос шаванд. Ин симулятсияҳо метавонанд аз таҷрибаҳои одӣ, ба мисли афтиши озоди ҷисм ё ҳаракати якҷояи объектҳо то симулятсияҳои мураккабтар, ба мисли таъсири қувваҳои электромагнитӣ ё таҳлили ҳаракати моддаҳо дар муҳитҳои мухталифро дар бар гиранд. Дар дарсҳои химия омӯзгорон метавонанд лабораторияҳои виртуалиро истифода баранд, то ки хонандагон бо таҷрибаҳои химиявӣ, аз қабили реаксияҳои химиявӣ, таҳлили таркиби моддаҳо ва муайян кардани хусусиятҳои физикии онҳо шинос шаванд. Ин усул ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки хатоҳоро пешгирӣ кунанд ва ба хонандагон дар фаҳмидани раванди воқеии таҷрибаҳо кумак кунанд.

***4.Ташкили Платформаҳои онлайнӣ барои мубодилаи таҷриба.*** Бо рушди технологияҳои иттилоотӣ, имконоти нави омӯзиш ва мубодилаи таҷрибаҳо дар соҳаи маориф ба вуҷуд омадаанд. Яке аз самтҳои муҳим барои такмили маҳорати касбии омӯзгорон ва васеъ кардани имконоти омӯзишии онҳо, ташкили платформаҳои онлайнӣ мебошад. Ин платформаҳо метавонанд як воситаи пурқувват барои муттаҳидсозии омӯзгорон аз минтақаҳои гуногун ва мубодилаи таҷрибаҳои пешқадам бошанд.

***Афзалияти платформаҳои онлайнӣ:***

***1. Мубодилаи доимии таҷрибаҳо:*** Платформаҳои онлайнӣ ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки таҷрибаҳои худро дар вақти воқеӣ ва бидуни маҳдудиятҳои ҷуғрофӣ мубодила кунанд. Омӯзгорон метавонанд муваффақиятҳо, мушкилот ва роҳҳои ҳалли худро бо ҳамкорон ба таври онлайнӣ баён кунанд. Ин як имкони беназир барои густариши дониши касбӣ ва такмили малакаҳо мебошад.

***2. Форумҳои муҳокима:*** Платформаҳои онлайнӣ метавонанд форумҳои махсус барои муҳокимаи масъалаҳои таълимӣ ташкил кунанд. Дар онҳо омӯзгорон метавонанд ба саволҳои ҳамкорон ҷавоб диҳанд ва муҳокимаҳоро пеш баранд. Ин форумҳо метавонанд ба ташкили як ҷомеаи фаъоли омӯзгорон мусоидат кунанд, ки дар он ҳар як аъзо метавонад саҳми худро гузорад.

***3. Вебинарҳо ва курсҳои онлайнӣ:*** Платформаҳои онлайнӣ метавонанд вебинарҳо ва курсҳои онлайнӣ барои омӯзгорон пешниҳод кунанд, ки дар онҳо мавзуъҳои гуногун, аз ҷумла, усулҳои нави таълим, технологияи иттилоотӣ дар таълим ва дигар мавзуъҳои муҳим баррасӣ шаванд. Вебинарҳо ва курсҳои онлайнӣ ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки аз мутахассисони соҳавӣ ва таҷрибаҳои онҳо баҳра баранд.

***4. Дастрасии доимӣ ба маводи таълимӣ:*** Яке аз муҳимтарин афзалиятҳои платформаҳои онлайнӣ, дастрасии доимӣ ба маводи таълимӣ мебошад. Омӯзгорон

метавонанд ба маводи таълимӣ, видеоҳо, презентатсияҳо ва дигар захираҳои электронӣ дар вақти мувофиқ барои худ дастрасӣ дошта бошанд. Ин ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки омӯзиши худро тибқи реҷаи хеш танзим кунанд ва донишҳояшонро такмил диҳанд. Платформаҳои онлайнӣ метавонанд ба таври назаррас ба такмили касбӣ ва рушди омӯзгорон мусоидат кунанд. Мубодилаи доимии таҷрибаҳо, дастрасии бемаҳдуд ба маводи таълимӣ ва имкони пайваст шудан бо ҳамкорон ва мутахассисони соҳавӣ метавонанд ба рушди касбияти омӯзгорон ва беҳбуди сифати таълим мусоидат кунанд. Ин платформаҳо метавонанд ба ташаккули як ҷомеаи омӯзгорон, ки ба рушди пайваста ва мубодилаи донишу малакаҳо ҳавасманданд, мусоидат кунанд. Дар натиҷа, ташкили чунин платформаҳо на танҳо ба баланд бардоштани сатҳи касбияти омӯзгорон, балки ба рушди куллии соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъсири мусбат хоҳад дошт.

***5. Истифодаи усулҳои интерактивӣ ва фаъоли омӯзиш дар машваратҳои августӣ.*** Барои расидан ба самаранокии бештар дар машваратҳои августӣ, ҷалби фаъолонаи иштирокчиён дар муҳокимаҳо ва машғулиятҳои интерактивӣ аҳаммияти муҳим дорад. Усулҳои интерактивӣ ва фаъоли омӯзиш на танҳо ба такмили дониш ва малакаҳои иштирокчиён мусоидат мекунанд, балки имкон медиҳанд, ки онҳо фаъолона дар раванди таълим иштирок кунанд ва таҷрибаҳои худро мубодила намоянд.

***Афзалияти усулҳои интерактивӣ ва фаъол:***

***1. Фаъолсозии раванди таълим:*** Усулҳои интерактивӣ иштирокчиёнро маҷбур месозанд, ки на танҳо гӯш диҳанд, балки дар муҳокимаҳо ва машғулиятҳои амалӣ фаъолона ширкат варзанд. Ин ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки дар раванди таълим фаъол бошанд, саволҳо диҳанд, назарҳо пешниҳод кунанд ва аз таҷрибаи ҳамкорон омӯзанд.

***2. Баланд бардоштани сатҳи фаҳмиш:*** Иштирокчиён, вақте ки ба муҳокимаҳо ва машғулиятҳои интерактивӣ ҷалб мешаванд, мавзуъҳои муҳокимашударо беҳтар мефаҳманд ва дар хотир нигоҳ медоранд. Машғулиятҳои амалӣ ва симулятсияҳо ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки мавзуъҳои душворро тавассути амал ё таҷриба дарк кунанд, ки ин ба беҳтар шудани фаҳмиши онҳо мусоидат мекунад.

***3. Ташаккули малакаҳои ҳамкорӣ:*** Усулҳои интерактивӣ, ба монанди кор дар гурӯҳҳо, ба иштирокчиён кумак мекунанд, ки малакаҳои ҳамкориро такмил диҳанд. Дар гурӯҳҳои хурд, иштирокчиён метавонанд масъалаҳои мушаххасро муҳокима намоянд, фикрҳои худро мубодила карда, якҷо ҳалли мушкилоти таълимиро пешниҳод кунанд. Ин равиш метавонад ба тақвияти ҳамкорӣ ва ҳамоҳангӣ дар байни омӯзгорон мусоидат кунад. Бо истифода аз усулҳои интерактивӣ ва фаъоли омӯзиш, машваратҳо метавонанд ба таври назаррас самараноктар шаванд. Иштирокчиён на танҳо дониши нав мегиранд, балки онро дар амал татбиқ мекунанд ва малакаҳои худро такмил медиҳанд. Истифодаи чунин усулҳо ба омӯзгорон кумак мерасонад, ки донишҳои худро ба муҳити воқеӣ мутобиқ кунанд ва онҳоро дар раванди таълим ба таври самаранок истифода баранд.

***6. Ҳавасмандгардонӣ ва рушди касбӣ.*** Барои баланд бардоштани самаранокии машваратҳои августӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон, ҳавасмандгардонӣ нақши калидӣ мебозад. Ҳавасмандгардонӣ метавонад омӯзгоронро ба иштироки фаъолона дар машваратҳо ва ҷустуҷӯи доимии имконоти рушди касбӣ ҷалб кунад. Ин равиш на танҳо ба такмили дониш ва малакаҳои омӯзгорон мусоидат мекунад, балки ба беҳбуди сифати таълим ва рушди умумии соҳаи маориф дар кишвар низ таъсири мусбат мерасонад.

***Афзалияти ҳавасмандгардонӣ:***

***1. Ташкили муҳити мусоиди омӯзишӣ:*** Ҳавасмандгардонӣ метавонад муҳити мусоиди омӯзиширо фароҳам орад, ки дар он омӯзгорон бо ҳавас ва кӯшиш ба такмили дониш ва малакаҳои худ машғул мешаванд. Ин муҳит ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки дар муҳокимаҳо ва машғулиятҳои машваратӣ фаъолона ширкат варзанд ва таҷрибаи худро бо дигарон мубодила кунанд.

***2. Баланд бардоштани сатҳи иштироки омӯзгорон:*** Ҳавасмандгардонӣ метавонад сатҳи иштироки омӯзгоронро дар машваратҳо афзоиш диҳад. Омӯзгороне, ки барои иштироки фаъолонаи худ дар машваратҳо ҳавасманд карда мешаванд, бештар омодаанд, ки дар муҳокимаҳо, тренингҳо ва машғулиятҳои амалӣ ширкат варзанд. Ин метавонад ба самаранокии умумии машваратҳо мусоидат кунад.

***3. Рушди доимии касбӣ:*** Ҳавасмандгардонӣ омӯзгоронро ба ҷустуҷӯи доимии имконоти такмили ихтисос ва рушди касбӣ таҳрик медиҳад. Омӯзгороне, ки барои дастовардҳои касбии худ ҳавасманд мешаванд, ба таҳсилоти доимӣ ва ҷорӣ кардани усулҳои нав дар фаъолияти худ майли бештар нишон медиҳанд.

Яке аз роҳҳои муассири ҳавасмандгардонӣ, тақдими мукофотҳо ва шаҳодатномаҳо барои иштирокчиёни фаъол ва омӯзгорони пешқадам мебошад. Ин мукофотҳо метавонанд дипломҳо, шаҳодатномаҳои иштирок, медалҳо ё тӯҳфаҳои моддӣ бошанд. Ҳамзамон, андешидани чораҳои махсус барои ҳавасманд кардани омӯзгорон дар машваратҳо самаранокиро бештар мегардонад. Масалан, барномаҳои ҳавасмандгардонӣ метавонанд имконоти иловагӣ барои таҳсилоти касбӣ, сафарҳои омӯзишӣ ба хориҷи кишвар ё иштирок дар конфронсҳои байналмилалиро дар бар гиранд.

***7. Тақвияти ҳамкорӣ ва мубодилаи таҷриба.*** Пас аз баргузории машваратҳои августӣ, ҳамкории байни омӯзгорон ва муассисаҳои таълимӣ ба сатҳи нав бардошта мешавад. Ин раванд, ки ба мубодилаи доимии таҷриба ва ҳамкории муассир дар байни омӯзгорон асос меёбад, нақши муҳим дар такмили сифати таълим ва рушди куллии низоми маориф бозидааст.

***Афзалияти ҳамкорӣ ва мубодилаи таҷриба:***

***1. Тақвияти ҳамкории байни муассисаҳои таълимӣ:*** Пас аз машваратҳои августӣ, омӯзгорон аз мактабҳои гуногун бо ҳамкорони худ пайваст мешаванд ва таҷрибаи худро мубодила мекунанд. Ин раванд ба онҳо имкон медиҳад, ки усулҳои пешқадам ва муваффақро аз ҳамдигар ёд гиранд ва онҳоро дар муҳити таълимии худ татбиқ кунанд. Ҳамкорӣ дар байни мактабҳо, инчунин, имкони табодули захираҳо, маводи таълимӣ ва ҳатто, омӯзгорони ботаҷрибаро фароҳам оварда, метавонад ба беҳбуди сифати таълим мусоидат кунад.

***2. Омӯзиши доимӣ ва рушди касбӣ:*** Мубодилаи таҷриба байни омӯзгорон ба онҳо имкон медиҳад, ки дар муҳити мутақобилаи омӯзишӣ қарор гиранд. Омӯзгорон метавонанд аз ҳамдигар усулҳо ва стратегияҳои нави таълимиро омӯзанд, ки ин ба такмили доимии ихтисос ва рушди касбии онҳо мусоидат мекунад. Ҳамин тавр, омӯзгорон метавонанд малакаҳои худро навсозӣ карда, ба талаботи замонавӣ ҷавобгӯ бошанд.

***3. Ҷорӣ кардани усулҳои пешқадам дар раванди таълим:*** Ҳамкорӣ ва мубодилаи таҷриба ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки усулҳои пешқадам ва инноватсиониро, ки дар мактабҳои дигар татбиқ мешаванд, ба фаъолияти худ ворид кунанд. Масалан, агар дар як мактаб усули навини таълими интерактивӣ муваффақ шавад, омӯзгорони дигар метавонанд аз ин таҷриба истифода бурда, онро дар мактабҳои худ татбиқ кунанд. Ин равиш ба беҳбуди сифати таълим ва татбиқи васеи таҷрибаҳои пешқадам дар низоми маориф мусоидат мекунад.

***Роҳҳои тақвияти ҳамкорӣ ва мубодилаи таҷриба***

***1. Ташкили гурӯҳҳои корӣ ва шабакаҳои ҳамкорӣ***: Барои таъмин кардани ҳамкории доимӣ байни омӯзгорон, ташкили гурӯҳҳои корӣ ва шабакаҳои ҳамкорӣ муҳим аст. Ин гурӯҳҳо метавонанд барои муҳокимаи масъалаҳои гуногуни таълимӣ, мубодилаи таҷриба ва таҳияи роҳҳои ҳалли мушкилоти умумӣ таъсис дода шаванд. Шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд ба омӯзгорон имкон диҳанд, ки ба воситаи интернет бо ҳамкорон пайваст шуда, дар муҳокимаҳо ва лоиҳаҳои муштарак ширкат варзанд.

***2. Ташкили семинарҳо ва вебинарҳои муштарак:*** Ташкили семинарҳо ва вебинарҳои муштарак байни мактабҳо як роҳи муассири тақвияти ҳамкорӣ ва мубодилаи таҷриба мебошад. Дар ин чорабиниҳо, омӯзгорон метавонанд бо усулҳои нави таълимӣ, натиҷаҳои тадқиқоти нав ва таҷрибаҳои муваффақ шинос шаванд. Инчунин, семинарҳо ва вебинарҳо ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки бо мутахассисони соҳавӣ ва ҳамкорони худ аз минтақаҳои дигар пайваст шаванд.

***3. Татбиқи барномаҳои мубодилаи омӯзгорон:*** Барномаҳои мубодилаи омӯзгорон як воситаи муассир барои тақвияти ҳамкорӣ ва мубодилаи таҷриба мебошанд. Омӯзгорон метавонанд барои муддати кӯтоҳ ба мактабҳои дигар сафар карда, бо шароити кор ва усулҳои таълимии он ҷо шинос шаванд. Ин таҷриба метавонад ба омӯзгорон дар такмили малакаҳо ва ҷорӣ кардани таҷрибаҳои пешқадам дар мактаби худ кумак расонад.

Дар натиҷаи таҳлили машваратҳои августӣ ва нақши онҳо дар баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон, метавон ба чунин хулоса омад, ки ин машваратҳо воситаи муҳим ва самараноки такмили таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Тавассути машваратҳо, омӯзгорон имкон доранд, ки бо усулҳои нави таълим, технологияи иттилоотӣ ва стратегияҳои пешқадами таълим шинос шаванд, ки ин ба рушди касбияти онҳо ва баланд бардоштани сифати таълим мусоидат мекунад.

# ДОНИСТАН ВА НАВИШТАНИ САНАД

Маърифат АШӮРОВА – мудири шуъбаи кадр ва котиботи филиали ДҶТИБКСМ дар вилояти Суғд

**Дар замони кунунӣ ҳамон хонандае ба мақсад мерасад, ки дорои дониш, малака ва маҳорат буда, сифатҳои баланди инсонӣ, монанди ташаббускорӣ, масъули-ятшиносӣ, поквиҷдонӣ, меҳнатдӯстиро соҳиб бошад. Хонанда бояд муаммои ҳаётиашро муайян кардаву онро ҳаллу фасл карда тавонад, масъулиятро дар назди худ, оила, атрофиён ва дар маҷмуъ, дар кишвараш дида, баҳри ҳалли он кӯшиш намояд. Аз ҳама муҳим, хонандаи имрӯза бояд босавод, бомаърифат ва бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ бошад.**

Барои бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ намудани шогирдони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, пеш аз ҳама, омӯзгорон бояд дониши мукаммал дошта бошанд, онро ба шогирдони худ дода тавонанд, аз усулҳои муосири таълим истифода намоянд, муносибати худро ба таълим дуруст ба роҳ монанд. Имрӯз дар тамоми макотиби ҷумҳурӣ оид ба муносибати босалоҳият ба таълим ҳарф мезананду барои амалӣ намудани он дар раванди тадрис кӯшиш менамоянд. Бояд донист, ки сабаби тағйири муносибат ба таълим тағйир ёфтани шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, ҷаҳонишавӣ ва ворид шудан ба системаи ягонаи таҳсилот, талаботи нав ба шахсият ва сифатҳои касбии шахс, суръати навшавии маълумот дар тамоми соҳаҳо мебошад. Бо назардошти паҳлуҳои муносибати босалоҳият дар таълими фанни забони тоҷикӣ ташаккули ду самти асосӣ ба назар гирифта шудааст: ташаккули салоҳиятҳои забонӣ ва ташаккули салоҳиятҳои иртиботӣ. Салоҳияти забонӣ, асосан ба омӯзиши қоидаву қонунҳои забоншиносӣ алоқамандӣ дошта, салоҳияти иртиботӣ барои такмили маҳорати суханварӣ, мураттаб сохтани матни ҳуҷҷатҳои расмӣ-коргузорӣ, ҳамчунин, барои ривоҷи донишҳои фанни адабиёт шароити муносибу мувофиқ фароҳам меорад.

Тарзи омӯзиши ҳуҷҷатҳои расмӣ-коргузорӣ, ки ба инсон дар тули ҳаёташ рӯбарӯ шудан лозим меояд, ба таври намуна аз рӯйи муносибати босалоҳият нишон дода шуда, метавонад барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисос чун маводи ёрирасон ҳангоми таълими мавзуъҳои ҳуҷҷатнигорӣ истифода шуда, ҳамзамон, барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ чун маводи дарсӣ дар вақти омӯзиши мавзуи кор бо матни ҳуҷҷатҳо кумаки бевосита расонад.

**Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ**

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии



Тоҷикистон» тамоми ҳуҷҷатгузорӣ дар қаламрави кишвар танҳо бо забони тоҷикӣ ҷараён дорад. Дар моддаи 6-и боби 2-«Забони кории мақомоти ҳокимияти давлатӣ» омадааст: «Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо забони давлатӣ таҳия ва қабул карда мешаванд». Ин маънои онро дорад, ки тамоми Низомнома, Оиннома, қарор, фармону фармоишот, ҳуҷҷатҳои ҳайати шахсӣ, маълумотномаҳо бояд бо забони тоҷикӣ омода карда шаванд. Дар ҳолатҳои дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо забони дигар тарҷума карда мешаванд. Дар моддаи 16-и боби 4-«Забони коргузории ташкилотҳо» чунин оварда шудааст: «Коргузории ташкилотҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, бо забони давлатӣ сурат мегирад. Забонҳои дигар тибқи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд». Аз ин рӯ, тарзи дурусту бехато омӯзондани ҳуҷҷатҳо ба шогирдони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз талаботҳои Қонуни мазкур ва муносибати босалоҳият ба таълим ба шумор меравад. Дар натиҷаи дуруст омӯзондани ҳуҷҷатҳо

хонандаи имрӯз дар ҳаёт ба мушкилӣ дучор оянд ҳам, онро бо осонӣ ҳал карда метавонад. Барои ин аз тамоми категорияи муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ донистан ва дуруст таҳия намудани ҳуҷҷатҳои расмӣ талаб карда мешавад.

Аз хотир набояд баровард, ки асоси низоми давлату давлатдориро коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ ташкил медиҳад. Дар ташкилоту муассисаҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва ғайридавлатӣ-умуман дар ҳама ҷо тартибу низоми кор аз коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ оғоз мешавад. Яке аз талаботи ҳуҷҷатгузорӣ сарфаи вақт аст. Коргузорӣ усули таъсис, таҳия ва тартиб додани ҳуҷҷатҳо, шакл, намуд, қоидаи баррасии худро дорад. Донистану риояи он хеле зарур аст, чунки маҳз коргузорӣ фаъолияти идораҳо, ташкилоту муассисаҳо ва кормандонро ба тартибу танзим медарорад. Омӯзиши дурусту самараноки ҳуҷҷатҳои расмӣ-коргузорӣ ҳар гуна бенизомию бетартибӣ ва бемасъулиятиро дар идораву ташкилот ва муассисаҳо пешгирӣ карда метавонад.

Ҳангоми таҳияи ҳуҷҷат аз навиштани ҷумлаҳои мураккаб, шарҳталаб бояд худдорӣ намуд. Матни ҳуҷҷат бояд кӯтоҳ ва аниқу возеҳ бошад, матлабро мушаххас ифода карда тавонад. Аксари ҳуҷҷатҳои идорӣ дар шакли қолабҳои тайёр сурат мегиранд ва ин тақозо мекунад, ки фикр боз ҳам кӯтоҳ, мухтасар, яъне фишурда ва муъҷаз ифода ёбад.

Услуби расмӣ-коргузорӣ аз воситаҳои тасвири бадеӣ, ба монанди маҷоз, тавсиф, ташбеҳ фориғ буда, калимаҳо ба маънои аслиашон кор фармуда мешаванд. Дар ҳуҷҷатҳо бояд:

а) фикр мухтасар ва бе сухани зиёдатӣ бошад;

б) ба кӣ аз тарафи кӣ навишта шуданаш аниқ бошад;

в) бо хатти хоно ва беғалат навишта шуда, калимаи духӯра надошта бошад;

г) ба қолаби намуди стандартишудаи ҳуҷҷат мувофиқ бошад.

Дар зер иқтибос аз санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф ва намунаи якчанд ҳуҷҷати расмӣ-коргузорӣ, ки омӯзиши онҳо на танҳо дар барномаи таълими забони тоҷикӣ, балки дар барномаи таълимии курсҳои такмили ихтисос низ ҷой дода шудааст, пешниҳод карда мешавад.

Ҳуҷҷатҳои ташкилӣ-фармоишӣ: қонун, фармон, қарор, дастурамал, Низомнома, Оиннома.

Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стандарти давлатӣ ва Низомномаҳое, ки мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кардааст, ба роҳ монда мешаванд.

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»** аз 8 бобу 69 модда иборат буда, тамоми фаъолияти соҳаи маориф ва илмро ба танзим медарорад. Қонуни мазкур аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013 таҳти рақами 1004 тасдиқ карда шудааст. Дар моддаи 1-и боби 1. «Муқаррароти умумӣ» оид ба мафҳумҳои асосии соҳаи маориф, ба монанди Стандарти давлатии таҳсилот, маориф, барномаи таълимӣ, нақшаи таълимӣ, тарбия, таълим ва ғайра маълумот дода шудааст. (Бо назардошти Соли маърифати ҳуқуқӣ дар Боби 5, моддаҳои 51, 52, 53 ва 54 тағйирот ворид шуд.)

**Маориф** раванди таълиму тарбияест, ки ба манфиати шахс, ҷамъият ва давлат хизмат карда, соҳиби дараҷаи муайяни таҳсилот гардидани таълимгирандагонро таъмин мекунад.

**Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ** дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз якуми августи соли 2015 таҳти №494 тасдиқ карда шудааст, сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи маориф дар самти таҳсилоти умумӣ муайян ва таъмин намуда, маҷмуи талаботро ба сатҳи мувофиқи таҳсилот муқаррар менамояд. Он ҳуҷҷати меъёриест, ки маҷмуи мақсад, вазифаҳо, мазмуни асосии таҳсилот, принсипҳои асосии ташкили ҷараёни таълимро муайян намуда, талаботи умумиро ба ҳаҷми сарбории таълимии ҳатмӣ ва ниҳоӣ, сифати дониш, малака, маҳорат ва салоҳияти хонандагон, қоидаҳои назорати давлатии сифат ва натиҷаҳои таҳсилот, сатҳи омодагии хатмкунандагон ва ҳуҷҷат дар бораи таҳсилотро муқаррар менамояд. Ҳамчунин, ҳуҷҷатҳои муҳим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ин нақшаи таълим ва барномаи таълим буда, дар Стандарт оид ба ин ҳуҷҷатҳо чунин оварда шудааст:

**Нақшаи таълим** - ҳуҷҷате, ки дар асоси нақшаи таълимии заминавӣ таҳия гардида, номгӯйи фанҳо, миқдори соатҳои таълимии муқарраргардида, ҳаҷми сарбории таълимии ҳатмӣ ва ниҳоӣ, равияҳои таҳсилро дар зинаҳои таҳсилоти умумии асосӣ, миёнаи умумӣ муқаррар менамояд.

**Барномаи таълимӣ** - мазмуни асосии фанҳои ҳатмии таълимии ба сарбории ҳатмии таълимӣ воридгардида, мақсаду вазифаҳо, тарзи ташкили раванди таълим, талабот ба

сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи хонандагонро муайян менамояд. Дар моддаи 51-и боби 6-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» омадааст: «Омӯзгорон уҳдадоранд:

-азхудкунии барномаҳои таълимию илмиро дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот аз таълимгирандагон талаб намоянд;

-дарсҳои назариявӣ, амалӣ, таҷрибавӣ, истеҳсолӣ ва дигар намуди дарсҳо ва машғулиятҳоеро, ки барномахои таълимӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, дар сатҳи баланди касбӣ гузаронда, аз усулҳои фаъоли таълим истифода баранд.»

Дар Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ ҳамчунин, оид ба зинаҳои таҳсил ва талаботҳои умумӣ ба се зинаи таҳсил: ибтидоӣ, асосӣ, миёнаи умумӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, талаботи умумӣ ба аттестатсияи хатми таҳсилоти миёнаи асосӣ ва миёнаи умумӣ, талабот ба таъминоти заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, салоҳияти хонандагон ба натиҷаи таҳсил, талабот ба бехатарии ҳаёт ва ҳифзи саломатии хонандагон, талабот ба шароити ташкилии ҷараёни таълим маълумот дода шудааст.

Фаъолият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси низомномаҳои зерин бурда мешавад:

1. Низомномаи намунавии Шурои педагогии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори мушовараи ВМИҶТ аз 31.12. соли 2013 №20/29);

2. Низомномаи намунавии Шурои методӣ (қарори мушовараи ВМИҶТ аз 30.10. соли 2013, №18/27);

3. Низомномаи иттиҳодияи методии омӯзгорони фаннӣ (қарори мушовараи ВМИҶТ аз 30.10 соли 2013 № 18/28);

4. Низомномаи иттиҳодияи методии роҳбарони синф (қарори мушовараи ВМИҶТ аз 30.10 соли 2013 № 18/29);

5. Низомномаи қабул, гузариш ва хориҷ намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори мушовараи ВМИҶТ аз 28.05 соли 2014 № 12/39);

6. Низомномаи намунавии Шурои педагогии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ (қарори мушовараи ВМИҶТ аз 28.05 соли 2014 № 12/41)

7. Низомнома дар бораи навбатдории маъмурияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (қарори мушовараи ВМИҶТ аз 24.07 соли 2014 № 15/7);

8. Низомнома дар бораи истифодаи журнали синфӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори мушовараи ВМИҶТ аз 24.07 соли 2014 № 15/8);

9. Низомномаи намунавии ташкил ва гузарондани чорабиниҳои беруназсинфӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (қарори мушовараи ВМИҶТ аз 24.07 соли 2014 № 15/9);

10. Низомномаи намунавии муҷаҳҳаз гардондани кабинетҳои фаннӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (қарори мушовараи ВМИҶТ аз 24.07 соли 2014 № 15/12);

11. Низомномаи намунавии фаъолияти беруназдарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (қарори мушовараи ВМИҶТ аз 24.07 соли 2014 № 15/13);

12. Низомнома дар бораи мониторинги дохилимактабии сифати таҳсилот (қарори мушовараи ВМИҶТ аз 24.07 соли 2014 № 15/14).

Дар асоси талаботи **Низомномаи намунавии Шурои педагогии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон** Шурои педагогӣ мақоми асосии худидоракунӣ буда, фаъолияти раванди таълиму тарбияро дар муассисаҳои таълимӣ ба танзим медарорад. Тибқи Низомномаи мазкур Шурои педагогӣ ҷаласаи худро дар ду моҳ як маротиба баргузор намуда, ҳангоми зарурат ҷаласаи ғайринавбатӣ мегузаронад. Дар Низомнома ҳамчунин вазифа ва салоҳиятҳои Шурои педагогӣ, тартиби фаъолияти он, ҳуҷҷатнигории Шурои педагогӣ нишон дода шудааст. Протоколҳои Шурои педагогӣ дар бойгонии муассисаи таълимӣ 50 сол маҳфуз ва сипас ба бойгонии шаҳр (ноҳия) супорида мешавад.

Шурои методӣ бошад, воҳиди сохтории муассисаи таълимӣ буда, бо мақсади расондани ёрии таълимию методӣ ба иттиҳодияхои методӣ дар татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи маориф, баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон ва кадрҳои роҳбарикунандаи муассисаҳои таълимӣ ташкил карда мешавад. Шурои методӣ дар сурате таъсис дода мешавад, ки дар муассисаи таълимӣ на камтар аз се иттиҳодияи методӣ фаъолият дошта бошад. Кори Шурои методӣ дар асоси талаботи Низомномаи Шурои методӣ ба роҳ монда мешавад.

**Иттиҳодияи методии омӯзгорони фаннӣ** ҷузъи сохтории Шурои методии муассисаи таълимӣ буда, бо мавҷуд будани на камтар аз се омӯзгори як фанни таълимӣ ва ё

ихтисосҳои ба ҳам наздик ташкил карда мешавад. Мақсад аз таъсиси иттиҳодияи методӣ такмили маҳорати касбӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои эҷодкорӣ ва таъмини фазои ягонаи таълимиву тарбиявӣ дар самти ташаккул ва рушди омӯзгорони фаннӣ маҳсуб меёбад. Иттиҳодияи методии фаннӣ дар ду моҳ як маротиба ҷаласа баргузор менамояд ва он тариқи протокол ба расмият дароварда мешавад. Иттиҳодияи методӣ ваколати машваратӣ ва тавсиядиҳиро дорад.

**Низомномаи иттиҳодияи методии роҳбарони синф** бо мақсади муттаҳид ва ҳамоҳанг намудани фаъолияти роҳбарони синф таҳия гардида, фаъолияти бонизом ва самараноки онҳоро дар раванди таълим таъмин менамояд. Иттиҳодияи методии роҳбарони синф мақоми машваратию тавсия ва дастурдиҳиро дорад ва ҷамъомадҳои он дар ду моҳ як маротиба гузаронда мешаванд. Дар Низомнома вазифа ва ҳадафҳои асосии иттиҳодияи методии роҳбарони синф, ҳуҷҷатнигорӣ, самтҳои асосии фаъолияти он, ҳамчунин, вазифаҳои хизматии роҳбари иттиҳодияи методии роҳбарони синф дода шудааст.

**Журнали синфӣ ҳуҷҷати давлатии меъёрӣ-молиявӣ** ба ҳисоб рафта, тартиби пешбурди дурусти он вазифаи ҳар як омӯзгор ва роҳбари синф мебошад. Дар асоси талаботи Низомнома дар бораи истифодаи журнали синфӣ тамоми навиштаҷоти журнали синфӣ бояд хонову покиза ва танҳо бо як ранг (бунафш) сабт карда шавад. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ танҳо истифодаи журнали синфие, ки онро мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, иҷозат дода мешавад. Масъулияти истифодаи дурусти журнали синфӣ ба зиммаи муовини директор оид ба таълим ва роҳбари синф гузошта шудааст. Журнали синфӣ баъди анҷоми соли таҳсил аз тарафи роҳбари синф барои ташхис ба муовини директор оид ба таълим пешниҳод карда мешавад. Баъди ташхис дар мувофиқа бо директори муассисаи таълимӣ журнали синф барои нигоҳдорӣ ба бойгонии муассиса фиристода мешавад. Дар бойгонии муассисаи таълимӣ журнали синф тибқи муқаррароти мавҷуда нигоҳдорӣ карда мешавад. Мӯҳлати нигоҳдории журнали синф 70 сол аст. Дар моддаи 51-и боби 6-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» омадааст: «Омӯзгорон уҳдадоранд:

- журнали синфӣ (гурӯҳӣ)-ро дар доираи муқаррарот пур намоянд;
- рӯзномаи хонандагон ва дафтарҳои санҷишии хонандагонро санҷида, баҳои дар журнал қайдгардидаро ба он гузаронанд».

**Низомномаи намунавии ташкил ва гузарондани чорабиниҳои беруназсинфӣ** бо мақсади ба низом даровардани чорабиниҳои беруназсинфии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳия шуда, банақшагирӣ, омодагӣ, ташкил, баргузорӣ ва арзёбии ин чорабиниҳоро ба танзим мегирад. Ба чорабиниҳои беруназсинфӣ ҷамъомадҳои пагоҳирӯзӣ, нисфирӯзӣ, озмунҳо, олимпиада, маҳфил, ҳафтаҳои фаннӣ, викторина, мусобиқаҳои варзишӣ, мизи мудаввар, конференсия, ҷашнгирии идҳои миллӣ ва дигар чорабиниҳое, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд, дохил мешаванд. Ташкил ва гузарондани чорабиниҳои беруназсинфӣ тибқи нақшаи чорабиниҳои умумимактабӣ пешбинӣ гардида, дар Шурои педагогии муассисаи таълимӣ муҳокима ва бо имзои директор тасдиқ карда мешавад. Масъулияти ташкил ва гузарондан ва ҳуҷҷатгузории чорабиниҳои беруназсинфӣ ба зиммаи муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ гузошта шуда, дар бораи рафти корҳои беруназсинфӣ ҳисоботи муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ ҳар моҳ як маротиба дар ҷаласаи назди директор шунида мешавад.

Дар моддаи 51-и боби 6-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» омадааст: «Омӯзгорон уҳдадоранд:

- иштироки таълимгирандагонро дар корҳои ҷамъиятӣ, маҳфилҳои фаннӣ, илмӣ, адабӣ, эҷодӣ ва дигар маҳфилҳо таъмин намуда, ба фаъолона ширкат варзиданашон мусоидат намоянд

Дар асоси **Низомномаи намунавии муҷаҳҳаз гардондани кабинетҳои фаннӣ кабинетҳои фаннӣ** бояд бо маводи аёнӣ, таҷҳизоти таълимӣ, мебел, воситаҳои техникии таълимӣ, лабораторӣ муҷаҳҳаз гардонда шаванд ва дар он тибқи талабот стандарт, нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, нақшаи машғулиятҳои факултативӣ ва машғулиятҳои беруназсинфӣ, инчунин; корҳои методӣ, лабораторӣ аз рӯйи фанни таълимӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокӣ ва натиҷагирии раванди таълиму тарбия гузошта мешаванд. Мудири кабинети методӣ вазифадор аст, ки нақшаи корӣ ва рушди кабинети фанниро барои соли таҳсил омода намуда, аз болои иҷрои он назорат барад; ҳолати санитарӣ-гигиении кабинети фанниро тибқи талабот ба роҳ монад; барои таъмин намудани кабинети фаннӣ бо маводи таълимӣ, методӣ, дастурамал, адабиёти

иловагӣ, маводи аёнӣ чораҳо андешад; риояи қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ, қоидаҳои рафтори хонандагон ва омӯзгоронро дар кабинети фаннӣ таъмин намуда, бо хонандагон корҳои фаҳмондадиҳӣ барад ва натиҷаи онро дар журнал қайд намояд. Дар кабинети фаннӣ бояд чунин ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ нигоҳ дошта шаванд:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»;
- Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Оинномаи муассисаи таълимӣ;
- Қоидаҳои техникаи бехатарӣ;
- Шиносномаи кабинет бо дар бар гирифтани: шартнома дар бораи ӯҳдадориҳои мудири кабинет ва омӯзгорони дарсдиҳанда, рӯйхати мебел, воситаҳои техникии таълим, маводи дидактикӣ, номгӯйи адабиёти дар кабинет буда, санади иҷозатӣ барои гузарондани дарс, реҷаи кори кабинет, нақшаи солона ва дурнамои кабинети фаннӣ.

Дар моддаи 51-и боби 6-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» омадааст: «Омӯзгорон ӯҳдадоранд:

- дарсҳои худро дар кабинетҳои фаннӣ бо тартиботи муқарраргардида ба роҳ монанд.»

Ба ғайр аз ин, санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ дар бораи ҳуҷҷатҳои расмӣ-коргузорӣ бояд ҳар омӯзгор маълумоти кофӣ дошта бошад.

**Ҳуҷҷатҳои расмӣ-коргузорӣ**

Чи тавре ки дар боло зикр кардем, ҳуҷҷатҳоро аз рӯйи истифода ба 4 намуд табақабандӣ намудаанд:

**1. Ҳуҷҷатҳои ташкилӣ-фармоишӣ:** қонун, фармон, фармоиш, консепсия, ҳисобот, нақша, оиннома, дастурамал, қарордод, протокол, шартнома, аҳднома, изҳорот, мактуб, барқия, маълумотнома, таъйиднома (санад), ариза, дархост ва ғайра.

**2. Ҳуҷҷатҳои оморӣ:** тамоми бланкаҳои оморӣ, ки аз тарафи давлат барои истифода иҷозат дода шуда, аз тарафи муҳосиби корхона корбарӣ карда мешавад.

**3. Ҳуҷҷатҳои ҳайати шахсӣ:** варақаи шахсии бақайдгирии кадрҳо, варақаи шахсӣ, нусхаи дипломи хатми муассисаи олӣ, нусхаи шиноснома, нусхаи фармонҳо,нусхаи ИНН, СИН, тарҷумаи ҳол, дафтарчаи меҳнатӣ, дафтарчаи тиббӣ, маълумотнома аз ҷойи истиқомат, маълумотнома оид ба доғи судӣ ва ғайра.

**4. Ҳуҷҷатҳои маълумотию иттилоотӣ:** маълумотнома, ваколатнома, гувоҳнома, забонхат, баёнот, эълон, хислатнома, табрикнома, ҳисобот, аннотатсия, тақриз, дархост, гузориш ва ғайра.

Пеш аз ҳама, парвандаҳои шахсии омӯзгорон, ки ҳангоми ба кор оғоз намудан ба ҷойи кор пешниҳод карда мешавад, бояд дар дохил ҳуҷҷатҳои зеринро дошта бошад:

1. Варақаи шахсии бақайдгирии кадрҳо
2. Варақаи шахсӣ
3. Нусхаи дипломи хатми муассисаи олӣ
4. Нусхаи шиноснома
5. Нусхаи фармонҳо
6. Нусхаи ИНН (рақами мушаххаси андозсупоранда)
7. СИН (С-суғуртаи И-иҷтимоӣ ва Н-нафақа)
8. Дафтарчаи меҳнатӣ
9. Тарҷумаи ҳол
10. Дафтарчаи тиббӣ
11. Маълумот аз ҷойи истиқомат
12. Маълумот дар бораи доғи судӣ

Ҳар як ҳуҷҷат аз тарафи худи корманд омода карда шуда, бо ариза, ки дар он раводиди роҳбари муассиса оид ба кор қабуд шудан гузошта мешавад, барои ба расмият даровардан ба шуъбаи кадрҳо пешниҳод карда мешавад.

**Омӯзиши ҳуҷҷатҳо бо истифода аз усулҳои фаъоли таълим (ба таври намуна)**

**Ариза** бо истифода аз усули «Кластер» фаҳмонда мешавад. Аризаи маъмулӣ, ки аксаран кормандон онро менависанд, аризаи ба кор дохил шудан, ба рухсатӣ рафтан ва ё аз кор озод кардан навишта мешавад. Аризаро аслан дар варақи А 4 ба даст менависанд, ё дар компютер чоп мекунанд. Навишти қисми ариза, ки дар он вазифа, унвон, ному насаби роҳбари муассиса, вазифа, унвон, ному насаби аризадиҳанда аз мобайни варақ бе сархат оварда мешавад.

Ҷузъҳои асосии ариза:




Ба директори ________________
____________________________
аз номи (________________)
ному насаб_________________

**Ариза**

Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки барои аз санаи 25-уми октябри соли 2019 ба рухсатии меҳнатии навбатӣ рафтани ман мусоидат намоед.

Аризадиҳанда: имзо Саидова М.Д.

Сана

**Баёнот** санадест, ки дар он хонандагон, донишҷӯён, кормандони корхонаву муассисаҳо сабаби иҷро нагардидани амру фармоиш, вайрон кардани интизоми меҳнат, сабаби наомадан ба дарсу машғулиятҳо, риоя накардани қоидаву қонунҳои муқарраршударо шарҳу эзоҳ медиҳанд. Баёнот бо талаби сардори корхона, шахси масъул тартиб дода мешавад.

Баёнот аз ҷузъҳои зерин иборат аст:

*Намунаи матни баёнот*



Ба директори
муассисаи таҳсилоти
умумии рақами 45,
шаҳри Хуҷанд
Абдуллоева М. Д.
аз номи омӯзгори фанни
таърих ва ҳуқуқ
Обидова М.Д.

**Баёнот**

Санаи 15-уми декабр аз сабаби бемор шуданам, дар вақти муқарраршуда ба кор омада натавонистам, зеро дар қабули духтури оилавӣ будам. Дар ин бора маълумотномаи тиббӣ, ки аз тарафи духтури оилавӣ дода шудааст, пешниҳод карда мешавад.

Имзо Обидова М.Д.

16-уми декабри соли 2023

**Тарҷумаи ҳол** санад-маълумотномаест, ки дар бораи ҳаёт, ҳолу аҳволи ин ё он шахс аз тарафи худи ӯ навишта мешавад. Ин санад қолабӣ нест. Дар ин ҳуҷҷат тартиби замонии маълумот бояд пурра риоя гардад. Тарҷумаи ҳол дар шакли озод, дастӣ, бидуни ислоҳ ва хато, бо тасвири ҳатмии масъалаҳои зерин тартиб дода мешавад:

1. Моҳ, сол ва ҷойи таваллуд, дар кадом оила ба дунё омадааст, падару модар қаблан дар куҷо кор мекарданд, ҳоло ба чӣ кор машғуланд.
2. Кай ва дар кадом муассисаи таҳсилоти таълимӣ таҳсил кардааст, соҳиби кадом маълумот мебошад.
3. Аз кадом вақт ба кори мустақилона шуруъ кардааст, сабаби ба кори дигар гузаштан.
4. Хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ.
5. Ҳизбият ва собиқаи ҳизбӣ.
6. Кадом корҳои ҳизбию ҷамъиятиро иҷро кардааст (дар куҷо, кай, ба ҳайси кӣ).
7. Аъзои оила ба маълумоти кӯтоҳ дар хусуси хешовандони наздик (бародарон, хоҳарон, шавҳар, зан, падару модари шавҳар ва зан).
8. Кадоме аз хешовандон аз ҳуқуқи озодӣ маҳрум шудааст, танбеҳ гирифтааст, суд щудааст ва аз болояш тафтиш гузаронда шудааст (барои чӣ, дар куҷо ва кай).
9. Дигар маълумоте, ки метавонад ҳолномаро мукаммал намояд.
10. Суроға.
11. Тарҷумаи ҳол бояд бодиққат навишта шавад.

Варақаи тарҷумаи ҳол бо нишондоди талаботҳои болоӣ бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ дар шакли тайёр мавҷуд аст.

Намунаи тарҷумаи ҳол:

**Тарҷумаи ҳол**

Ман – Асадова Малика Ёдгоровна 25-уми декабри соли 1990 дар деҳаи Меҳрободи ноҳияи Деваштич дар оилаи деҳқон таваллуд шудаам. Падарам Асадов Ёдгор, соли таваллудаш 1965 дар хоҷагии деҳқонии ба номи «Арзанда» ба ҳайси бригадир кор мекунанд ва модарам Асадова Марям Бобоевна, соли таваллудаш 1967 соҳибхоназан мебошанд. Соли 2007 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28-и деҳаро ба охир расонда, барои идомаи таҳсил ба шаҳри Хуҷанд омада, ба ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров, факултети филологияи тоҷик дохил шудам. Донишгоҳро соли 2011 бо дипломи аълои ихтисоси рӯзноманигорӣ хатм намуда, соҳиби маълумоти олӣ гаштам. Аз соли 2011 сар карда, дар рӯзномаи «Маорифи Суғд» кору фаъолият менамоям.

Ман як хоҳару як додар дорам. Хоҳарам Асадова Маҳина Ёдгоровна (соли таваллудаш 2002) дар синфи 11 ва додарам Асадов Масрур Ёдгорович (соли таваллудаш 2007) дар синфи 6-уми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28-и ноҳия таҳсил доранд.

Аз аҳли оилаи мо касе ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида нашудааст, доғи судӣ надорад.

Ман дар суроғаи ноҳияи Деваштич, деҳаи Меҳробод, кӯчаи Озодӣ – 15 бо аҳли оила зиндагӣ дорам.

Имзо Асадова М.Ё.

25 августи соли 2019

**Забонхат** санадест, ки бо он гирифтани маблағ ва ё миқдори муайяни мол тасдиқ карда мешавад. Забонхат ба шакли дастнавис дар як нусха таҳия мегардад. Миқдори пул ва ё моли гирифташуда бо рақам, сипас бо ҳарф навишта мешавад. Забонхатро то баргардонидани қарз қарздиҳанда нигоҳ медорад.

Забонхат аз ҷузъҳои зерин иборат мебошад:

1. Номи санад.

2. Ному насаб ва вазифаи шахсе, ки забонхат медиҳад ва ному насаби шахсе, ки аз ӯ маблағ ва ё мол гирифта мешавад.
3. Маблағи пул ва ё миқдори моли гирифта.
4. Имзои шахсе, ки забонхат медиҳад.
5. Таърихи навиштани санад.

Намунаи забонхат.

**Забонхат**

Ман-Акбаров Ахмед мудири хоҷагии муассисаи таълимии №28 аз мудири хоҷагии шуъбаи маорифи ноҳияи Б.Ғафуров 235 (дусаду сию панҷ) адад мизу курсӣ гирифтам.

Имзо Акбаров А.
Сана

**Хислатнома (тавсифнома)** ҳуҷҷатест, ки ба хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти миёна аз тарафи роҳбари синф навишта шуда, бо имзои директори муассиса ва роҳбари синф, ба донишҷӯи мактаби олӣ аз тарафи маъмурияти донишгоҳ, ба омӯзгорон дар вақти гузаштан аз аттестатсия аз тарафи роҳбари иттиҳодияи методӣ бо имзо ва муҳри роҳбари муассиса дода мешавад. Хислатнома (тавсифнома) аз қисм ва ҷузъҳои зерин иборат аст:

<u>Қисми якум</u>

1. Номи санад.
2. Ному насаб, вазифаи шахсе, ки ба ӯ тавсифнома дода мешавад.
3. Унвони илмӣ (агар дошта бошад), сана, моҳ ва соли таваллуд, миллат, таҳсилот.

<u>Қисми дуюм.</u> Маълумот дар бораи таҳсил, кор дар мактаб, донишгоҳ, муассиса, сатҳи донишандӯзӣ ва маҳорати касбӣ.

<u>Қисми сеюм</u>. Дар бораи сифатҳои ахлоқию сиёсӣ ва кории корманд, муносибати ӯ ба кор, ба атрофиён, баланд бардоштани сатҳи маҳорати касбӣ ва дониш, иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ, рафтор дар оила, хислатҳои шахсӣ ва ғайра. Дар бораи мукофотҳои давлатӣ ва дигар мукофотҳо, ки мушарраф гардидааст.

<u>Қисми чорум.</u> Тавсифномаро роҳбари муассиса ва раиси иттифоқи касаба имзо мекунанд. Дар поёни тавсифнома гузоштани муҳри муассиса зарур аст.

Намунаи хислатнома (тавсифнома)

**Хислатнома**

ба Камолова Муборак Дадоҷоновна - омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики МТМУ № 9, шаҳри Хуҷанд собиқаи кори омӯзгорӣ – 26 сол, дорои Тахассуси дараҷаи олӣ, таваллудаш 25 декабри соли 1963, миллаташ тоҷик

Камолова Муборак ҳамчун омӯзгор фаъолияти кориашро соли 1990 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №47-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров оғоз намудааст. Уҳдабароӣ дар амалӣ намудани дониши андӯхта ва муҳаббати беандоза доштан нисбат ба касби пешакарда, хоксорию ҳалимӣ, поквиҷдонӣ ӯро дар байни омӯзгорону шогирдон соҳибобрӯ гардондаанд.

Машғулиятҳои муаллима якранг набуда, бо истифода аз усулҳои муосири таълим ҷараён мегиранд. Дар доираи як дарс метавонад аз чандин намуди кор истифода бурда, шогирдонашро дар руҳияи ватандӯстӣ, худшиносӣ, адабиётдӯстиву забондонӣ, ҳисси ифтихори миллӣ тарбия намояд.

Қобилияти ташкилотчигӣ ва ҳисси баланди масъулиятшиносиашро ба назар гирифта, ибтидои соли 1994 ӯро ба вазифаи ҷонишини директор оид ба корҳои таълим тайин намуданд. То соли 2000 ин вазифаро сарбаландона иҷро намуд. Аз соли 2000 бошад, дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9-и шаҳри Хуҷанд ба ҳайси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик фаъолият менамояд. Ҳамасола шогирдони муаллима дар олимпиадаҳои фаннии шаҳрию вилоятӣ иштирок намуда, ҷойҳои намоёнро соҳиб мешаванд.

Чандин нафар шогирдони муаллима касби пуршарафи омӯзгориро интихоб намудаанд. Чор нафари онҳо: Дониёрова Мадина, Бобобекова Мавзуна, Абдуалиева Таҳмина ва Ҳомидова Мадина маҳз ихтисоси забон ва адабиёти тоҷикро пеша карда, имрӯз бо маслиҳату дастгирии муаллима кору фаъолият мебаранд. Тули фаъолияти омӯзгорӣ чор бор синфи 11-ро хатм кунондааст.

Дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ мунтазам мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳояш нашр мешаванд. Ҳамчунин, чандин дастурҳои методиро дар мавзуъҳои гуногун ба табъ расондааст.

Директори муассисаи таҳсилоти
миёнаи умумии №9 ш.Хуҷанд Ахмедов М.

**Санад** ҳуҷҷатест, ки ҳодиса ва ё амали воқеъшударо тасдиқ менамояд. Баъзан санадро акт ва ё таъйиднома низ мегӯянд. Ин ҳуҷҷатро ҳайати комиссияе, ки аз ҳисоби кормандони муассиса тасдиқ карда шудааст, таҳия намуда, дар охир бо имзо тасдиқ менамоянд. Ҳайати комиссия маҳсулоти нав, бинои маъмурӣ ё истиқоматиро низ аз санҷиш гузаронда, санад тартиб медиҳанд.

Ба ғайр аз ин, дар корхонаву муассисаҳо барои аз ҳисоб баровардани молу анҷом, асбоб ва ашёи кӯҳнаву фарсудашуда комиссия ташкил карда мешавад. Ҳайати комиссия баъд аз дида баромадани ҳолати ашё, асбобу анҷом санад тартиб медиҳанд. Агар дар синфхона дару тиреза ва ё ашёи дигар шиканад, роҳбари синф бо шахсони шоҳиди воқеа ва ё комиссияи салоҳиятдор санад тартиб медиҳанд. Ҳамчунин, дар вақти вайрон шудани қоидаҳои умумишуда санад тартиб дода мешавад.

Ҳангоми кушодани лифофаи аттестатсионӣ, ки аз тарафи шуъбаи маорифи шаҳру ноҳияҳо барои гузарондани аттестатсия дар охири сол пешниҳод мешавад, тартиб додани санад талаб карда мешавад. Лифофа дар ҳузури тамоми аъзоёни комиссияи аттестатсионӣ кушода шуда, ба санад аъзоёни комиссия имзо мегузоранд. Ин кор бо он мақсад гузаронда мешавад, ки норасоӣ ва камбудие, ки баъзан дар вақти кушодани лифофа ошкор мешавад, дар ҷояш ислоҳи худро ёбад.

Санад (таъйиднома) аз ҷузъҳои зерин иборат аст:




Намунаи санадҳо (таъйиднома)
Санад

Аз 09.06.2019с. ш.Хуҷанд

МТМУ рақами 47

Мо, дар зер имзокунандагон, ҳайати комиссияи аттестатсионӣ: раиси комиссия – Муҳиддинов Муҳаммад, аъзоён: Бобоев Ғайратҷон, Раҳимова Малика, Турсунова Шоира, Юлдошева Моҳира санади мазкурро дар он бора тартиб додем, ки лифофаи аз тарафи шуъбаи маориф барои аттестатсияи хатм аз фанни забони тоҷикӣ барои синфи 9 ирсолшуда соати 7.30 кушода шуд. Дар дохили лифофа матни нақли хаттӣ дар 3 вариант дода шудааст. Ҳангоми хондани матн якчанд ғалат ошкор гардида, аз тарафи аъзоёни комиссия ислоҳ карда шуданд.

Раиси комиссия: Муҳиддинов Муҳаммад

Аъзо:

Бобоев Ғайратҷон
Раҳимова Малика
Турсунова Шоира
Юлдошева Моҳира

Санад
Аз 09.06.2019с. ш.Хуҷанд
МТМУ рақами 47

Мо, дар зер имзокунандагон комиссия, дар ҳайати муҳосиб Сафарова Самира Бобоевна-раис, ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявӣ Ғаниева Малика Ваҳҳобовна-аъзо, мудири хоҷагӣ Раҳмонова Мадина Абдуллоевна-аъзо санади мазкурро дар хусуси аз ҳисоби молу ашёи муассиса ба сабаби кӯҳнаву фарсуда шудани мизҳову курсиҳо, ҷевони китоб, палоси 10 – метраи толори хониши китобхонаи муассиса баровардан тартиб додем. Комиссия ба хулоса омад, ки молу ашёи номбаршуда аз рӯйхати молу ашёи муассиса соқит карда (баровarда) шавад.

Пешниҳод мекунем, ки роҳбарияти муассиса барои ба ҷойи ашёи номбаршуда харидории ашёи нав мусоидат намояд.

Раиси комиссия: Сафарова С.Б.
Аъзоён:

Ғаниева М. В.
Раҳмонова М. А.

Ҳамин тариқ, омӯзгорон низ метавонанд, ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои кор бо матн аз ин дастур истифода намоянд.

**Замима**

Мӯҳлати нигоҳдории ҳуҷҷатҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мувофиқи фармоиши Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқаррар карда шудааст:

1. Китоби фармоишҳо – 75 сол
2. Китоби бақайдгирии коркунони педагогӣ – 75 сол
3. Китобҳои қарори Шурои педагогӣ – абадӣ
4. Китоби қайди алифбоии хонандагон – 50 сол
5. Делои шахсии хонандагон – 35 сол
6. Китоби бақайдгирӣ ва супоридани гувоҳнома дар бораи хатми МТМУ – 50 сол
7. Китоби баҳисобгирии мукофотонидани хонандагон – 50 сол
8. Китоби бақайдгирии дарсҳои ногузашта ва ивазшуда – 5 сол
9. Журнали синфӣ – 70 сол
10. Дафтари гузарондани машғулиятҳои иловагӣ – 3 сол
11. Китоби қарорҳои ҷаласаи назди директор – 5 сол
12. Ҳуҷҷатҳои шахсии омӯзгорон – 75 сол
13. Китоби қарорҳои Шурои методӣ – абадӣ
14. Ведомости баҳоҳои ҷамъбастӣ – 25 сол
15. Дафтари баҳисобгирии аттестатсияи омӯзгорон – 50 сол
16. Қарорҳои комиссияи аттестатсияи хатм ва гузариш – 75 сол

**Адабиёти истифодашуда**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»
3. Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, соли 2015.
4. Маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва умумӣ. Кисмҳои 1 ва 2. Душанбе соли 2014.
5. Диловаров М. Қурбонов С. Ҳуҷҷатнигорӣ.ҶДММ «Эр-граф». Соли 2012, ш.Душанбе

Ғамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта – сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир, мо дар сиёсати иҷтимоии Давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтарро барои наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок дониста, барои рушди ин соҳаи муҳимми низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои зарурирo роҳандозӣ карда истодаем.

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# ШУРОИ МЕТОДӢ: РОҲНАМО ВА ОИНАИ ФАЪОЛИЯТ

**Рӯзигул ШАРИФОВА – муовини директор оид ба бахши инноватсияи литсейи инноватсионии «Душанбе»-и назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**Шурои методӣ воҳиди сохтории муассисаҳои таълимӣ буда, фаъолияташ ба дастгирии иттиҳодияҳои методӣ дар татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи маориф, рушди касбияти омӯзгорон, амалӣ шудани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стандарти давлатии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Оинномаи муассисаи таълимӣ» нигаронида мешавад.**

Мақсади асосии ин ниҳоди мактабиро батанзимории корҳои методӣ, рушди мазмуну сифати таҳсилот, таҳияи барномаҳои озмоишӣ, маводи методӣ, нақшаҳои тақвимии иттиҳодияҳои методӣ ва нақшаҳои таълимии муассиса дар бар мегирад. Роҳбари Шурои методӣ ҳанӯз дар аввали сол бояд нақшаи солонаи онро таҳия ва манзури аъзои Шуро гардонад. Дар Шуро ҳамеша фаъолияти омӯзгорон, тарзи кори онҳо дар раванди таълиму тарбия, паҳн кардани таҷрибаи пешқадам, муаррифии дастовардҳо баррасӣ ва оид ба дарёфти роҳҳои ислоҳи камбудиву норасоиҳо вазифагузорӣ мешавад. Дар маҷмуъ, Шурои методӣ аз муҳимтарин ниҳодест, ки ҷараёни таҳсилотро назорат мекунад. Чигунагии фаъолияти он аз муносибати роҳбарони муассиса, махсусан, муовини директор оид ба корҳои инноватсионӣ, таълимӣ вобастагӣ дорад. Шурои методӣ дар литсейҳо таҳти назорати бахши инноватсионии таълим фаъолият мекунад. Пӯшида нест, ки фаъолияти бонизоми ҳама гуна ниҳод ба нақшаи кори он рабт дорад, яъне, банақшагирӣ агар дуруст тарҳрезӣ гардад, натиҷаҳои дилхоҳро интизор шудан имкон дорад. Ҳамасола Шурои методӣ 5 навбат ҷаласа баргузор карда, дар ҳар ҷаласа доир ба ҷанбаҳои гуногуни низоми таҳсилот масъалагузорӣ менамояд. Шуро дар давоми фаъолият аз тамоми масоили муҳимми сиёсиву давлатӣ ва миллӣ, ки таҳти фазои идона таҳлил мегарданд, истиқбол мегирад, албатта, дар ҳар шакле, ки ба таълиму тарбия марбут бошад. Нақшаи Шурои методӣ бояд ҳамеша бо дарназардошти эҳтиёҷот ва зарурати мавзуъҳо таҳия гардад. Зарур аст, ки Шуро то ҳадди имкон, дар пешниҳоди мавзуъҳо ва ҳаллу фасли онҳо бо тамоми омӯзгорон, новобаста аз таҷрибаи кор, забон, фанни таълимӣ ва фаъолият бояд ҳамкорӣ намояд. Дар ин сурат нақшаҳои Шуроҳо дар давоми фаъолият аз лиҳози мавзуъ, мазмун ва баён ба таври гуногунранг омода ва пешниҳод мешаванд. Дар Шуроҳо ҳам омӯзгорони собиқадор, ҳам омӯзгорони ҷавон аз тамоми фанҳои таълимӣ аз таҷрибаи худ ҳарф зада, тавсияҳои хешро манзури ҳамкасбон мегардонданд. Тибқи тавсияҳои Шурои методӣ, омӯзгорон баробари баланд бардоштани донишҳои фанниву равонӣ, ба такмил додани малакаи кор бо компютер, ташкилотчигӣ, суханварии худ ҳам бояд пайваста таваҷҷуҳ намоянд. Паҳлуи дигари фаъолияти Шуро дар ҷамъоварии навгониҳо, дарёфти омӯзгорони эҷодкор, навовар, ҷӯянда ва гирдоварии мақолаҳои онҳо дар шакли китобча ба назар мерасад. Дар литсейи мо ҳамасола ин ҷиҳат ба назар



гирифта мешавад. Бо тавсияи Шурои методӣ ҳамаи омӯзгорону хонандагоне, ки дар озмунҳо ва чорабиниҳои маърифатӣ ғолибият ба даст меоранд ва фаъолияти хуб нишон медиҳанд, сазовори тухфаҳои хотиравӣ ва ифтихорномаи маъмурияти литсей мегарданд. Дар Шуроҳо омӯзгорон асосан фаъолияти худро муаррифӣ намуда, таваҷҷуҳро ба таҳлили масъалаҳои зикршуда ҷалб мекунанд. Ташкил намудани дарсҳои интерактивӣ, чорабиниҳои берун-

азсинфӣ, ҳафтаҳои фаннӣ ва чанде дигар бо мазмуну муҳтавои нав аз самараи меҳнати омӯзгорон ва сатҳи донишу касбияти онҳо дарак медиҳад. Масъалагузорӣ дар Шуро аз як ҷониб бошад ҳам, дастгирӣ аз ҳар ду ҷониб ба назар мерасад. Шурои методӣ дар баробари роҳбарӣ ба иттиҳодияҳои методӣ, ҳамзамон, дар ҷаласаҳои худ масъалаҳои муҳимми раванди таълимро баррасӣ менамояд. Иттиҳодияҳои методии фаннӣ фаъолияти худро аз рӯи нақшаи солонаи иттиҳодия, ки аз тарафи директори таълимгоҳ тасдиқ мешавад, ба роҳ монда, бо мақсади баланд бардоштани сифати таҳсилот мунтазам ба мутахассисони ҷавон ёрӣ расонда, дарсҳои кушоди намунавӣ ташкил мекунанд. Шурои методӣ мебояд омӯзгоронро аз навигариҳои соҳа сари вақт огоҳ карда, дар паҳн кардани таҷрибаи пешқадами онҳо масъулияти бештар дошта бошанд. Он ба хотири пешрафти фаъолияти иттиҳодияҳои методӣ (кафедраҳо), баробари назорат, ба онҳо ёрӣ мерасонад, семинарҳои доимоамалкунанда ва проблемавӣ, хонишҳои педагогӣ, конфронсҳои илмию амалӣ ва озмунҳо мегузаронад, дастгирии муаллимони ҷавонро бо воситаи муаллимони собиқадор ташкил карда, савияи таҳсили хонандагонро омӯхта, натиҷаҳои онро бо ҳамкорон муҳокима, фаъолияти илмӣ-методӣ, таҳқиқии омӯзгорон ва аттестатсияи кадрҳои педагогиро муайян карда, ба муаллимони технологияи педагогӣ ва иттилоотиро меомӯзонад. Ҷаласаҳои Шурои методӣ на камтар аз як маротиба дар давоми чоряк гузаронида мешаванд. Ҳамасола аз рӯйи нақша омӯзгорон аз аттестатсия ва КТИ мегузаранд. Шуро дар давоми сол фаъолияти иттиҳодияҳои методиро мавриди баррасӣ қарор дода, бо роҳҳои инноватсионӣ аз худ кардани мавзуъҳои таълимиро роҳи беҳтарини кор медонад. Маърузаҳои дар ҷаласаҳои Шурои методӣ шунидашуда барои ривоҷу равнақи кори методӣ чун роҳнамо хидмат мекунанд. Муаллим дар фаъолияти омӯзгориаш набояд ба сатҳи доштаи донишу малакаи худ қаноат кунад, зеро хонандаи лаёқатманди ҳозира моро водор мекунад, ки доимо дар талошу ҷустуҷӯи усулҳои нав ба нав бошем.

Метавонем, намунаи мухтасари нақшаи як Шурои методиро манзури шумо гардонем.

**Машварати методӣ - №1**
**(аз … августи соли 2024-2025)**

**Иштирок дошт:** … нафар

**Иштирок надошт:** …. нафар (босабаб: … нафар; бесабаб: … нафар)

**Рӯзнома**

1.Баррасӣ, муҳокима ва тасдиқи нақшаи солонаи кори Шурои методӣ – Шарифова Р.

2. Пешниҳод намудани ҳайати нави роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ, Идоракунии сифати таҳсилот ва Маркази сайқали фардии эҷодӣ ба Шурои омузгорӣ – Шарифова Р.

3. Баррасии баргузори чорабиниҳои дохилилитсейӣ: «Иттиҳодияи методии беҳтарин», «Муаллими сол», «Дарси интерактивии беҳтарин», «Паҳн намудани таҷрибаи пешқадам», «Литсейисти сол», «Лоиҳаҳои беҳтарини сол», «Фурӯғи субҳи доноӣ …» ва ғайра. – Шарифова Р. (Таъйин намудани мураббиён барои омӯзгорони ҷавон (ташкил намудани мизи мудаввар).

4. Тавсияҳои методӣ ба муаллимоне, ки аз аттестатсия ва КТИ мегузаранд. - Шарифова Р. С.

5. Роҳҳои ҷалби омӯзгорону хонандагон ба ҳаракати олимпӣ (навъҳои гуногуни олимпиадаҳо) - Роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ.

6. Масъалаҳои ҷорӣ.

Баъди шарҳи ҳар банди нақша мутасаддиён суханронӣ ва иштирокдорон аз рӯйи маърузаҳо музокира мекунанд. Баъди музокира тавсияҳои Шуро ё машварат пешниҳод мегарданд.

**Аз рӯи музокироти баргузоршуда ҷаласаи Шурои методӣ**
**таҳти №1 аз таърихи ... августи соли 2024 чунин**
**тавсия медиҳад:**

1. Дарки масъулияти баланд аз ҷониби роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ дар ҳамкорӣ бо роҳбарони Маркази тестӣ ва Маркази рушди сайқали фардии эҷодӣ дар иҷрои нақшаҳои корӣ ва ҳалли мушкилоти мавҷуда, ки ба низоми фаъолияти Шурои методӣ халал ворид месозанд.

2. Иштироки фаъол дар иҷрои ташкилу дуруст баргузор намудани озмунҳои дохилилитсейӣ - «Иттиҳодияи методии беҳтарин», «Муаллими сол», «Дарси интерактивии беҳтарин», «Ҳафтаи паҳн намудани таҷрибаи пешқадам», «Литсейисти беҳтарин», «Лоиҳаҳои беҳтарини сол», «Фурӯғи субҳи доноӣ…», «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикон – оинаи таърихи миллат».

3. Шиносоӣ бо талаботи «Қоидаҳои аз аттестатсия гузаронидани кормандони идора ва шуъбаҳои маориф, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, томактабӣ ва таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ба назар гирифтани муносибатҳои салоҳиятнок дар таълим.

4. Муваззаф гаштани ҳамаи омӯзгорони фаннӣ ҷиҳати пешрафти фаъолияти шогирдон дар озмунҳо, омода намудани шогирдон ба олимпиадаҳо ва таъмини ғолибияти онҳо.

5. Ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилот аз тадбирҳои судбахш кор гирифтани омӯзгорони фанҳои дахлдор дар баргузории ҳафтаҳои фаннӣ.

**Роҳбари Шурои методӣ: Шарифова Р.С.**

07.08.24

То анҷоми соли таҳсил тамоми чорабиниҳое, ки ба ҳафтаҳои фаннӣ, инчунин, дарсҳои инноватсионӣ иртибот доранд, бояд бомуваффақият ҷамъбаст гарданд. Шурои методӣ чун ниҳоди асосӣ дар пешрафти фаъолияти литсей, омӯзгорон ва хонандагон нақши муҳим дорад. Ин ниҳод дар литсей бо истифода аз таҷрибаи омӯзгорони собиқадор нақшаҳои дурнамо тартиб дода, дар рушди ислоҳоти соҳа ва сифати таҳсилоти хонандагон натиҷаҳои назаррасро соҳиб мешавад. Агар Шурои методӣ рисолати худро анҷом диҳад, яъне ҷаласаҳои худро сари вақт бо пешниҳоди нақшаҳои ҷолиб баргузор намояд, иттиҳодияҳои методӣ фаъолияти худро тақвият мебахшанд, ҷаласаҳои корӣ сари вақт ва ҳадафмандона сурат мегиранд, озмунҳо пурбортар мегарданд, дастовардҳои хонандагону омӯзгорон муаррифӣ ва қадрдонӣ мешаванд.

Яке аз қадамҳои ҷиддие, ки маорифи кишвар дар роҳи он устуворона пеш меравад, рӯ овардан ба инноватсия аст. Агар ба таърихи фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз ҷумла, литсейи мо назар кунем, чандон саҳифаи зиёдро дар бар намегирад. Барои мо бартарӣ он буд, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз аввалинҳо шуда, дар ин роҳ қадам бардошт. Фаъолияти инноватсионӣ дар литсей дар асоси нақшаи мураттаб ба роҳ монда шудааст. Барои ҷалби ҳаматарафаи омӯзгорон ба фаъолияти инноватсионӣ, кабинетҳои таълимӣ бо маводи таълимӣ ва аёниятҳо муҷаҳҳаз гардонда, истифодаи самараноки онҳо дар дарсҳо пурра ҷорӣ карда шудаанд. Беҳтарин ҷиҳати кор дар таълими судманди фанҳои таълимӣ, ташкили ҳафтаҳои фаннӣ бо роҳу усули нав аст. Ташкили чорабиниҳои гуногуни варзишӣ ва ҳарбӣ аз тарафи иттиҳодияи фанҳои тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифоӣ дар ташаккули эҳсоси ватанпарварии шогирдон нақши муҳим гузоштанд. Бояд гуфт, ки бе омӯхтану донистани навигариҳо роҳбарию идораи ҷараёни таълим ва ё тарбияи шогирдонро таъмин кардан имконнопазир аст. Тадбири дигар дар ин самт бо баргузории озмунҳои гуногун миёни хонандагону омӯзгорон ва ташкилу баргузории *чорабиниҳои илмӣ –методӣ* рабт дорад. Дар ин самт дар литсейи мо соли гузашта 3 маротиба мизи мудаввар, 3 озмуни касбӣ, чандин маротиба семинару омӯзишҳо бо мақсади рушди фаъолияти касбии омӯзгорон, натиҷагирӣ аз фаъолияти онҳо ва баланд бардоштани маърифати сиёсиву иҷтимоии онҳо, умуман, 27 маротиба чорабинӣ баргузор шуд.

Як тадбире, ки таълимгоҳ аз амалӣ шудани он бурд мекунад, вобаста намудани омӯзгорони ҷавон ба собиқадорон ба шумор меравад. Аз таҳлилу мушоҳидаҳо бармеояд, ки дар баланд бардоштани такмили маҳорати касбии ҷавонон омӯзгорони таҷрибадори мо саҳми муносиб гузошта тавонистанд. Ҳамзамон, ба масъалаҳои роҳҳои ҷалби омӯзгорону хонандагон ба ҳаракати олимпӣ (навъҳои гуногуни олимпиадаҳо), ҳамбастагии падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ва омӯзгорон бо равоншиноси литсей оид ба беҳтар намудани сифати таълим, баррасӣ ва натиҷагирӣ аз озмуни «Муаллими сол» (дохилилитсейӣ) ва ҳафтаҳои фаннии иттиҳодияи методӣ диққати бештар равона гардида, ба ин васила, ба рушди сифати таҳсилот, малака ва касбияти омӯзгорон ва инкишофи тафаккури интиқодии омӯзгорону хонандагон таъсир расонда шуд.

Яке аз омилҳои пешрафти сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардан ба фаъолияти мактаббачагони боистеъдод аст. Боиси хурсандист, ки дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ мамлакатҳои пешрафта роҳҳои гуногуни ҷалби ин гурӯҳи бачаҳоро ёфта, барои рушди истеъдоди онҳо шароит фароҳам меоваранд. Пеш аз он ки мо дар бораи рушди истеъдодҳо ҳарф занем, зарур меояд, муайян намоем, ки кӯдакони боистеъдод гуфта, киҳоро дар назар дорем ва онҳоро чӣ тавр ва дар кадом сатҳ шинохтан мумкин аст. Омӯзиши афкори олимон ва равоншиносон моро ба хулосае овард, ки таъкид намоем: кӯдаки болаёқат ҳамеша аз ягон ҷиҳат аз дигарон фарқ карда, миёни дигарон чун ситора медурахшад ва дар фаъолият дастовардҳои ҷолибро соҳиб мешавад.

Дар литсей ин самти фаъолият дар мадди назари ҳамешагии роҳбарият қарор дорад. Маҳз натиҷаи фаъолияти хуби омӯзгорон ва иқдоми онҳо дар баргузории озмунҳо ва маҳфилҳо аст, ки шогирдони мо дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ соҳиби медалҳо гардида, ҳатто бо пешниҳоди ихтирои худ мавриди таваҷҷуҳи расонаҳои дохиливу хориҷии кишвар гардидаанд. Барои фаъолияти мактаббачагони боистеъдод мо дар литсей нақшаи махсус тартиб дода, самти фаъолияти ҳар як омӯзгору хонандаро муайян кардем.

Чунончи:

| Т/р | Илмӣ-академӣ | Фаннӣ | Эҷодкорӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Шоҳмот | Мусиқӣ | Ихтироот |
| 1. | Лоиҳаҳои инноватсионии беҳтарин ва фаъолият дар Академияи хурди илмҳо | Олимпиадаҳо аз фанҳои гуногун ва намудҳои он | Маҳфили «Шоҳмотбози беҳтарин» (Маркази сайқали фардии эҷодӣ) | Маҳфилҳо барои рушди ҳунари раққосӣ ва сурудхонӣ, (Маркази сайқали фардии эҷодӣ) | Маҳфили «Ихтироъкори ҷавон» (Маркази сайқали фардии эҷодӣ) |
| **Масъулон** | Шарифова Р.С | Г.Аҷиҷимил | Нарзуллоев Т | Ф.Абдурасулов | С.Боев |

Хонандагони литсей лоиҳаҳои худро дар «Ҳафтаи илм, технология инноватсия ва ихтироъкории наврасону ҷавонони шаҳри Душанбе» аз фанҳои гуманитарӣ, дақиқ ва табиӣ, ки аз ҷониби муассис ва Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои шаҳри Душанбе гузаронда мешавад, пешниҳод менамоянд. Онҳо дар 45-умин Сессияи баҳории Академияи хурди илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (9 июни 2024) иштирок намуданд ва 5 нафар ғолибият ба даст оварда, бо мукофотпулию ифтихорномаҳо қадрдонӣ карда шуданд.

Шурои методӣ дар таҳияи нақшаҳои корӣ ва татбиқи онҳо ҳамеша масъулият дорад. Омӯзгорони собиқадор, навовар, эҷодкор ва ҷӯянда дар пешбурди кори ин ниҳод ва тарбияи мутахассисони ҷавон масъулият ва нақши муҳим доранд.

Ҳукумати мамлакат дар роҳи татбиқи нақшаҳои стратегии худ ҳамеша ба омӯзгорон ва умуман, ба кормандони соҳаи илму маориф такя менамояд, зеро онҳо дар ҳифзу нигаҳдошти дастовардҳои истиқлолият ва рушди минбаъдаи кишвар нақши пурарзиш доранд.

***

Маҳз омӯзгор аст, ки наврасону ҷавононро ба интихоби касбу ҳунар ва роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят мекунад. Дар шароити пуртазоди ҷаҳони муосир рисолат ва масъулияти касбии омӯзор бамаротиб зиёд шудааст. Дар ин росто, ҳар як омӯзгор бояд ҳисси баланди миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва худшиносиву худогоҳӣ дошта бошад ва шогирдонашро дар ҳамин руҳия тарбия намояд.

***

Омӯзгори имрӯза бояд барои аз худ кардани воситаҳои техникии навтарини таълим, ба монанди технологияҳои шабакавӣ, китобхонаи электронӣ ва монанди инҳо кӯшиш намояд ва дар ҷараёни таълим аз ин воситаҳо самаранок истифода барад.

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# ТАЪЛИМИ БАРЪАКС ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ



Доктор Муҳаррам ОҚОЗОДА

**Муқаддима**

**Дар асри муосир, ки таҳаввулоти технологии зудтағйирёбанда ҳамарӯза ба ҳаёти мо таъсир мерасонад, истифодаи технология дар таълим низ як чизи маъмул гаштааст. Яке аз равишҳои инноватсионӣ дар таълим, ки дар солҳои охир маъмул гаштааст, таълими баръакс мебошад. Таълими баръакс равишест, ки хонандагон маводи нави таълимиро дар хона меомӯзанд ва дар дарсҳо бо фаъолиятҳои амалии муштарак машғул мешаванд. Дар ин мақола мо истифодаи самарабахши таълими баръаксро дар омӯзиши забони тоҷикӣ мебинем.**

**Мафҳуми таълими баръакс:** Таълими баръакс (flipped learning) як тарзи навини таълим аст, ки дар он хонандагон маводи таълимиро берун аз дарс, одатан тавассути манбаъҳои онлайнӣ меомӯзанд ва дар синф фаъолиятҳои амалӣ ва иловагиро иҷро мекунанд. Ин равиш барои амиқтар фаҳмидани маводи таълимӣ мусоидат мекунад. Дарсҳое, ки дар он устод лексия мехонад ва хонандагон гӯш мекунанд, дар таълими баръакс ба дарсҳое иваз мешаванд, ки хонандагон дар муҳокимаҳо ва машғулиятҳои интерактивӣ иштирок мекунанд.

**Афзалияти таълими баръакс дар омӯзиши забони тоҷикӣ**

1. **Мустаҳкам кардани фаҳмиш**:
   - **Иштироки пешакӣ**: Таълими баръакс имкон медиҳад, ки хонандагон маводро пеш аз дарс омӯзанд ва саволҳо ё мушкилиҳои худро пайдо кунанд. Ин равиш хонандагонро барои иштирок дар муҳокимаҳои дарсӣ беҳтар омода месозад.
   - **Шавқу рағбат**: Хонандагон, ки маводро қаблан аз назар мегузаронанд, метавонанд дар дарсҳо бо шавқу рағбати зиёд иштирок кунанд ва фаҳмишашонро мустаҳкам созанд.
2. **Фаъолияти амалӣ ва интерактивӣ**:
   - **Баҳс ва гуфтугӯ (мубоҳиса ва мусоҳиба)**: Дар вақти дарс хонандагон метавонанд фаъолиятҳои амалӣ, монанди баҳсҳо, гуфтугӯҳо ва лоиҳаҳои гурӯҳиеро иҷро кунанд, ки барои истифодаи амалӣ ва интерактивии забон мусоидат мекунанд.
   - **Фаҳмиши амиқ**: Иштирок дар фаъолияти амалӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки забонро ба таври амиқтар фаҳманд ва истифода баранд.



3. **Тавсифи фардии таҳсил**:
   - **Суръатнокӣ**: Ҳар хонанда метавонад, бо суръати худ маводи навро омӯзад ва устод метавонад, дар вақти дарс диққати бештарро ба талабагоне, ки ба кумак ниёз доранд, равона кунад.
   - **Талаботи инфиродӣ**: Дарсҳо метавонанд ба эҳтиёҷоти инфиродии ҳар як хонанда мутобиқ карда шаванд, ки ин ба таҳсили бештар равонашуда мусоидат мекунад.
4. **Дастрасии бештар ба манбаъҳо**:
   - **Манбаъҳои гуногун**: Истифодаи манбаъҳои онлайнӣ барои омӯзиши мавод имконият медиҳад, ки хонандагон ба манбаъҳои гуногун ва дарсҳои иловагӣ дастрасӣ дошта бошанд.
   - **Таҳкими дониш**: Дастрасӣ ба манбаъҳои гуногун ба хонандагон имконият медиҳад, ки дониш ва фаҳмиши худро бо иттилооти бештар мустаҳкам созанд.

**Тадбиқи таълими баръакс дар омӯзиши забони тоҷикӣ**

1. **Тайёр кардани маводи таълимӣ**: Барои татбиқи самарабахши таълими баръакс, муҳим аст, ки маводи таълимӣ ба таври дуруст омода карда шавад. Ин мавод метавонад, видеоҳое бо шарҳи грамматика, луғат ва фарҳанги тоҷикӣ, подкастҳо ё мақолаҳои интернетӣ бошанд. Маводи омӯзишӣ бояд ҷолиб ва дақиқ бошад, то ки хонандагон онро бо шавқ омӯзанд.

2. **Нақшабандии дарсҳо**: Дарсҳо бояд тарзе банақшагирӣ шаванд, ки дар онҳо фаъолияти интерактивӣ ва амалӣ ҷой дошта бошад. Масалан, устодон метавонанд машғулиятҳои гурӯҳӣ, нақшбозӣ ё диктантҳои эҷодиро дар назар гиранд. Ин равиш имконият медиҳад, ки хонандагон дар дарсҳо фаъолона иштирок карда, фаҳмиши амиқтарро таъмин кунанд.

3. **Ташкили муҳити интерактивӣ**: Муҳити дарсӣ бояд тарзе ташкил карда шавад, ки хонандагон худро озод ҳис кунанд ва ба иштирок дар муҳокимаҳо ва баҳсҳо омода бошанд. Устод бояд ҳамчун роҳбалад амал кунад ва ба хонандагон дар фаҳмидани мавзуъҳо кумак расонад. Муҳити интерактивӣ имкон медиҳад, ки хонандагон ҳамдигарро ҳавасманд кунанд ва аз якдигар ёд гиранд.

4. **Баҳодиҳӣ ва бознигарӣ**: Баҳодиҳӣ бояд на танҳо ба дониши назариявӣ, балки ба малакаҳои амалӣ низ равона бошад. Ин метавонад бо роҳи иҷрои лоиҳаҳо, санҷишҳои гуфтугӯӣ ва машғулиятҳои амалии дигар анҷом дода шавад. Баҳодиҳӣ бояд гуногун ва фарогир бошад, то ки хонандагон дар ҳама ҷанбаҳои омӯзиш баҳо дода шаванд.

Хулоса, таълими баръакс дар омӯзиши забони тоҷикӣ имкониятҳои фаровонро барои беҳтар кардани сифати таълим ва самаранокии омӯзиш фароҳам меорад. Бо истифодаи дуруст ва самарабахши ин усул, мо метавонем фаҳмиши амиқтар ва маҳорати беҳтари хонандагонро таъмин кунем. Дар натиҷа, хонандагон метавонанд забони тоҷикиро на танҳо дар синф, балки дар ҳаёти рӯзмарраи худ низ ба таври самаранок истифода баранд.

**Маводи амалии пешниҳодшаванда**

- **Видеоҳо бо шарҳи мавзуъҳои грамматикӣ ва луғатҳои нав**: Эҷоди видеоҳое, ки дар онҳо мавзуъҳои асосии грамматика ва луғатҳои нав бо мисолҳо ва шарҳҳои муфассал пешниҳод мешаванд. Ин видеоҳо бояд кӯтоҳ, ҷолиб ва фаҳмо бошанд, то ки хонандагон онҳоро бо шавқ тамошо кунанд ва ба осонӣ фаҳманд.
- **Платформаи онлайнӣ барои муҳокима ва мубоҳиса**: Ташкили платформа ё форум, ки хонандагон метавонанд саволҳо диҳанд ва фикру ақидаҳои худро бо ҳамсинфон устодон мубодила кунанд. Ин платформаҳо бояд дастрас ва барои истифодабаранда осон бошанд, то ки хонандагон дар онҳо фаъолона иштирок кунанд.
- **Лоиҳаҳои гурӯҳӣ ва амалӣ**: Таҳияи лоиҳаҳое, ки хонандагон бояд ба гурӯҳҳо тақсим шуда, якҷоя кор кунанд ва натиҷаи кори худро дар дарс пешниҳод кунанд. Лоиҳаҳо бояд гуногун бошанд, то ки ҳар як хонанда хубтар саҳм гузорад ва аз ҳамкорӣ бо ҳамсинфон баҳра барад.
- **Таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои омӯзишӣ**: Инкишофи маводи таълимие, ки хонандагонро барои омӯхтани мустақилонаи забони тоҷикӣ ҳавасманд мекунад. Китобҳои дарсӣ бояд ҷолиб, интерактивӣ ва ба талаботи замон мувофиқ бошанд, то ки хонандагон аз онҳо баҳра баранд.

**Натиҷагирӣ:** Истифодаи таълими баръакс дар омӯзиши забони тоҷикӣ метавонад ба хонандагон имконияти беҳтар барои аз худ кардани забон ва истифодаи он дар ҳаёти ҳаррӯза фароҳам оварад. Бо ин роҳ, мо метавонем наслҳои ояндаро барои огоҳона ва самаранок истифода бурдани забони тоҷикӣ омода созем.

**Нақшаи дарс**

**Мавзуъ:** Сифатҳо дар забони тоҷикӣ

**Синф:** 5

**Вақт:** 45 дақиқа

**Мақсади таълимӣ:**

- шиносоӣ бо мафҳум ва истифодаи сифатҳо дар забони тоҷикӣ;
- гузарондани машқҳои амалӣ барои тақвият бахшидани фаҳмиши сифатҳо;
- такмили малакаи навиштани ҷумлаҳои сода бо истифода аз сифатҳо.

**Воситаҳо**

- видеои пешакӣ барои омӯзиши хонагӣ;
- слайдҳои презентатсия;
- варақаҳои машқӣ;
- лавҳа ва маркерҳо;
- лавҳаҳои навиштан (whiteboard) ё кортҳои навиштанӣ.

**Пурсиши вазифаи хонагӣ**

1. **Тамошои видео**: Хонандагон бояд пеш аз дарс як видеои кӯтоҳ (5-7 дақиқа) дар бораи сифатҳо тамошо кунанд, ки дар он:

- таърифи сифат ва намунаҳои одии он шарҳ дода шаванд;
- намунаҳои ҷумлаҳои одӣ бо истифодаи сифатҳо нишон дода шаванд.

2. **Хондани мақола**: Хонандагон як мақолаи кӯтоҳро дар бораи истифодаи сифатҳо дар забони тоҷикӣ хонанд.

3. **Тайёр кардани саволҳо**: Хонандагон бояд барои дарси оянда саволҳо омода ва фаҳмишҳои худро қайд кунанд.

**Дарс**

**1. Муқаддима (5 дақиқа)**

- **Пешвоз ва муҳокима**: Устод бо як салом ва шиносоӣ бо мавзуи дарс оғоз мекунад. Ба хонандагон чанд савол дар бораи видеое, ки пешакӣ тамошо карда буданд, пешниҳод мешавад:
  - Сифат чист?
  - Як ҷумла бо сифат биёред.

**2. Шарҳи мухтасари мавзуъ (10 дақиқа)**

- **Презентатсия**: Устод дар бораи сифатҳо ва нақши онҳо дар забони тоҷикӣ сухан меронад. Мавзуъҳо, ки бояд фаро гирифта шаванд, иборатанд аз:
  - таърифи сифат;
  - намудҳои сифатҳо (мусбат, манфӣ, нейтралӣ);
  - чӣ тавр сифатҳо ба исм пайваст мешаванд;
- мисолҳо бо истифода аз слайдҳо ва лавҳа.

**3. Машқҳои амалӣ (15 дақиқа)**

- **Фаъолияти гурӯҳӣ**: Хонандагон ба гурӯҳҳо тақсим мешаванд ва ҳар як гурӯҳ бо варақаҳои машқӣ таъмин мешавад.
- **Машқ**: Хонандагон бояд сифатҳои гуногунро интихоб кунанд ва бо истифода аз онҳо ҷумлаҳои одӣ нависанд. Масалан, "Хонаи ман зебо аст" ё "Саги ӯ калон аст."
- **Презентатсияи гурӯҳӣ**: Ҳар як гурӯҳ натиҷаи кори худро пешниҳод мекунад ва ҳар як узви гурӯҳ як ҷумлаи сохтаашонро мехонад.

**4. Фаъолияти инфиродӣ (10 дақиқа)**

- **Навиштани ҷумлаҳо (инфиродӣ)**: Хонандагон бояд панҷ ҷумлаи худро бо истифода аз сифатҳо нависанд. Устод бояд дар байни хонандагон давр гардад ва дар ҳолати зарурат ёрӣ расонад.

**5. Ҷамъбасти дарс (5 дақиқа)**

- **Муҳокима ва саволҳо**: Устод дарси гузаштаро ҷамъбаст мекунад ва саволҳои хонандагонро посух медиҳад. Саволҳои проблемавиеро пешниҳод мекунад, ки хонандагонро дар бораи истифодаи сифатҳо дар ҳаёти рӯзмарраи худ ба фикр кардан водор кунанд.
- **Таъйини вазифаи хонагӣ**: Хонандагон бояд як порчаи кӯтоҳи ҳикоя бо истифода аз даҳ сифат нависанд.

**Вазифаи хонагӣ**

- **Навиштани ҳикоя**: Як порчаи кӯтоҳи ҳикоя (3-4 ҷумла) бо истифода аз даҳ сифат нависед. Ин порча бояд эҷодкорона бошад ва хонандагонро ташвиқ кунад, ки луғатҳои навро истифода баранд.
- **Омодагӣ ба дарс**: Саволҳои омодагии хонандагонро дар бораи сифатҳо барои муҳокимаи дарси навбатӣ омода созед.

**Мақсадҳои омӯзишӣ**

**1. Фаҳмиши назариявӣ:** Хонандагон бояд фаҳманд, ки сифат чист ва чӣ гуна истифода мешавад. Онҳо бояд тавонанд намудҳои гуногуни сифатҳоро фарқ кунанд.

**2. Маҳорати амалӣ:** Хонандагон бояд тавонанд ҷумлаҳои одӣ бо истифода аз сифатҳо нависанд. Онҳо бояд сифатҳоро дар навиштани ҳикояҳо ва нутқи рӯзмарра истифода баранд.

**Методи баҳодиҳӣ**

- **Ҳозирӣ ва иштирок**: Иштироки фаъол дар фаъолиятҳои гурӯҳӣ ва инфиродӣ дар синф.
- **Баррасии вазифаҳои хонагӣ**: Санҷиши порчаҳои кӯтоҳ навиштаи хонандагон барои истифодаи дурусти сифатҳо.
- **Пешравӣ дар фаҳмиш**: Иқдоми хонандагон дар фаҳмидани мафҳумҳо ва истифодаи сифатҳо дар ҳаёти рӯзмарра.

# ИНЪИКОСИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ДАР КИТОБҲОИ ДАРСӢ



Номвар ҚУРБОН – номзади илмҳои техникӣ, Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон

**Тағйирёбии иқлим ба тамоми ҷанбаҳои фаъолияти инсон, соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, захираҳои табиӣ ва муҳити атроф таъсири амиқ мерасонад, яъне ҳама соҳаҳои фаъолияти инсон, бидуни истисно, бо иқлим робитаи зич доранд. Зеро иқлим яке аз омилҳои муҳимми табиати ҳар як кишвар ё минтақа буда, маълумот дар бораи он дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ истифода мешавад ва бо ибораи дигар, захираҳои табиии кишвар ё минтақа захираҳоеро дар бар мегиранд, ки ба ҳолати иқлими он алоқаманданд. Инҳо на танҳо сирф захираҳои иқлимӣ, балки захираҳое мебошанд, ки бештар ба ҳолати иқлим вобастаанд ва аз ин рӯ, тағйирёбии иқлим дастрасӣ ба захираҳои табииву истифодаи онҳо, стратегияву консепсияҳои рушд ва дараҷаи ноилшавӣ ба ҳадафҳои рушди устуворро барои солҳои минбаъда муайян менамояд, тавозуни экологиро нигоҳ медорад ва рушди муайяни иқтисодӣ-иҷтимоиро нишон медиҳад.**

Табиист, ки дар натиҷаи тағйироти иқлим давоми солҳои охир дар саросари ҷаҳон ҳарорати рекордии ҳаво, миқдори зиёди ҳодисаҳои сӯхтор ва тӯфонҳои шадид ба амал омада, сабабгори бухронҳою офатҳои фалокатовари дигар мешаванд. Коҳишёбии шадиди гуногунии биологӣ аз ҷумлаи чунин тағйироти иқлимӣ ба шумор рафта, тибқи тадқиқоти муштараки коршиносони Платформаи байниҳукуматии илмию сиёсӣ оид ба гуногунии биологӣ ва хидматрасонии экосистема (Бонн) ва Гурӯҳи коршиносони байниҳукуматӣ оид ба тағйирёбии иқлим (Женева), айни замон беш аз 1 млн намуди нabототу ҳайвонот дар ҳоли нобудшавӣ қарор доранд. Ҳарчанд Гузориши шашуми Гурӯҳи коршиносони байниҳукуматӣ оид ба тағйирёбии иқлим ҳамчун «занги огоҳӣ барои инсон» унвон мегирад, вале тибқи амсилаҳои иқлимӣ гармшавии глобалии аз меъёр зиёд ва сенарияҳои бадтари тағйирёбии иқлим низ пешгӯӣ мешаванд. Масалан, мувофиқи маҷаллаи Nature Sustainability, агар гармшавии глобалии иқлим бо чунин тамоюл идома ёбад, он гоҳ дар охири садсолаи ҷорӣ (солҳои 2080-2010) ҳарорати сатҳи Замин назар ба давраи тосаноатӣ +2,7°C афзуда, боиси



аз манотиқи хуби иқлимӣ берун мондани >2 млрд одам (22%-и аҳолии кураи арз) мегардад. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон низ болоравии амиқи ҳарорати ҳаво мушоҳида гардида, давоми солҳои 1940-2017 ҳарорати миёнаи солона барои ҳар даҳсолаи ин давра +0,1 - +0,2°C афзудааст. Миқдори рӯзҳо бо ҳарорати +40°C ва аз ин баланд афзоиш ёфта, дар манотиқи кӯҳистон афзоиши ҳарорат ба +0,3 - +0,5°C ва дар ноҳияҳои баландкӯҳ ба +0,2 - +0,4°C мерасад. Тамоюли охири гармшавии ҳарорати ҳаво, ки солҳои 2001-2010 ба қайд гирифта шудааст, нишон медиҳанд, ки ҳарорати миёна барои ҳар як даҳсола назар ба ҳарорати миёнаи манотиқи дар баландии 1000-2500 метр воқеъбуда +0,8°C баланд аст. Дар навоҳии баландкӯҳ афзоиши мушоҳидашаванда аз меъёри муқаррарӣ +0,2°C баланд буда, ҳарорати ҳаво дар фасли зимистон ба ҳисоби миёна +0,1 - +1,1°C ва дар баҳор +0,1 - +1,3°C зиёд мебошад. Дар умум, давоми 77 соли мушоҳида, дар Душанбе 748 ҳолати ҳарорати баланд

дар ҳудуди +37,0 - +37,9°С ва 501 ҳолат бо ҳарорати +38,0 - +38,9°С ба қайд гирифта шуда, барои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва ноҳияҳои Дарвоз, Шаҳритус, Фархор солҳои 1944, 1947, 1977, 1984, 1994, 1997, 2006, 2008 махсусан гарм буданд. Мувофиқи маълумоти Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ (Алмато), то соли 2030 дар аксари минтақаҳои Тоҷикистон афзоиши ҳарорат пешбинӣ шуда, дар муқоиса ба меъёри миёнаи солҳои 1961-1990 то +0,2 - +0,4°С боло меравад. Тибқи сенарияҳои тағйирёбии иқлим то соли 2050 ҳарорати миёнаи солона дар ҳудуди Тоҷикистон +1,8 - +2,9°С баланд мешавад. Афзоиши ҳарорат, махсусан, дар фасли гарми сол мушоҳида гардида, дар баъзе манотиқ ба +4,9°С мерасад. Дар фасли сармо бошад, қимати максималии афзоиши ҳарорат тақрибан +2°С афзуда, ҳам дар тобистон ва ҳам дар зимистон ҳарорат ҳатто дар кӯҳҳои Помир ва Ҳиндукуш баланд шудааст.

Обшавии пиряххо, тағйирёбии сатҳи об ва маҷрои дарёҳои бузург ва таъсири онҳо ба тавлиди неруи барқ ва кишоварзӣ намунаҳои равшани таъсири манфии тағйирёбии иқлим дар ҳудуди Тоҷикистон мебошанд. Аз ҷумла, бӯҳрони зимистони солҳои 2007-2008 ба Тоҷикистон 250 млн доллари ИМА хисороти иқтисодӣ овард, ки тақрибан 7% ММД-и соли 2007-ро ташкил медиҳад. Барои Тоҷикистон мушкилоти тағйирёбии иқлим ҷузъи воқеияти ҳаррӯза маҳсуб мешавад, яъне 85%-и ҳудуди кишвар зери хатари сел қарор дорад ва беш аз 73%-и аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд, ки қурбониёни асосии офатҳои табиии марбут ба иқлим мебошанд. Бинобар ин, омӯзиши тағйирёбии иқлим, тадқиқи сабабу омилҳои муҳаррики он, таҳияи усулҳои мутобиқшавӣ ба раванди мазкур, коҳиш додани таъсироти антропогенӣ ба иқлим ва инчунин, баланд бардоштани сатҳи огоҳию маърифати аҳолӣ ва омӯзонидани асосҳои иқлимшиносӣ ба толибилмон аз вазифаҳои муосиру меҳварии илм маҳсуб мешавад. Маҳз бо назардошти ин нукта дар Созишномаи иқлимии Париж муборизаи мунтазам ҷиҳати пешгирии тағйирёбии иқлим, табирҳои амалии мутобиқшавӣ ба ин раванд, таъсири тағйирёбии иқлим бо дастрасии одилона ба рушди устувор ва барҳам додани камбизоатӣ махсус таъкид гардида, ҳамчунин, ҳуҷҷати мазкур давлатҳои мутараққиро ба тақвият бахшидани маблағгузориҳои иқлимӣ тавассути сарчашмаю воситаҳо ва кишварҳои рӯ ба рушдро ба вусъат додани амалҳо ва қабули стратегияҳои дар асоси ниёзҳову афзалиятҳо асосёфта муваззаф гардонидааст. Мубориза ба тағйирёбии иқлим бояд чораҳои қатъии мутобиқсозиро дар бар гирад, зеро айни замон иқлим чунон дигаргун шудааст, ки ҳатто агар кӯшишҳои ҷиддӣ барои коҳиш додани партовҳо фаврӣ анҷом дода шаванд ҳам, он ба кишварҳои рӯ ба рушд ва осебпазир бештар таъсир мерасонад.

Чун аксар кишварҳои ҷаҳон Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ сиёсати экологии худро ба самти густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ бо мақсади ҳифзи табиати кураи арз ва муқаррар намудани амнияти комили экологии ҷомеаи ҷаҳонӣ нигаронида, ӯҳдадориҳои худро дар назди конвенсияҳои байналмилалии экологӣ иҷро, нақшаи миллии амал оид ба коҳиш додани тағйирёбии иқлимро таҳияву татбиқ намуда, инчунин, зиёда аз 60 қонун, консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ қабул ва амалӣ кардааст. Сиёсати Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ба таъмини афзалияти манфиатҳои экологии кишвар бо дарназардошти илман асоснок намудани алоқамандии рушди фаъолияти хоҷагидорӣ ва муносибати эҳтиёткорона ба табиат асос ёфтааст. Ҳадафи қонунгузории экологии кишвар аз танзими муносибатҳо дар самти ҳамтаъсирии ҷомеа ва табиат бо мақсади ҳифзи захираҳои табиӣ ва муҳити зисти табиии инсон, пешгирии таъсироти манфӣ ба муҳити зист ва дигар шаклҳои фаъолияти марбут ба табиат иборат мебошад. Ҳарчанд Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун кишвари ташаббускори масоили обу иқлим эътироф шуда, дар он аввалин барномаю қонунҳои экологии кишвар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, аз ҷумла, «*Барномаи давлатии маърифат ва тарбияи экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2000 ва дар давраи то соли 2010*» (23.02.1996) қабул гардиданд, вале то ҳол тағйирёбии иқлим ҳамчун як самт ё мавзуи алоҳида дар қонунҳову барномаҳои давлатии марбут ба соҳаи маорифи ҷумҳурӣ муаррифӣ нашудааст. Сипас, «*Барномаи давлатии маҷмуии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020*» (2.04.2015) қабул шуда, яке аз вазифаҳои асосии он муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи тарбия ва маърифати экологии бефосила маҳсуб ёфтааст, аммо дар ин барнома низ масъалаи тағйирёбии иқлим ҷой надорад. Сарфи назар аз ин, маҳз барномаҳои болозикр замина гузоштанд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, гимназияҳо, литсейҳо, коллеҷҳо ва

донишкадаю донишгоҳҳои кишвар фанҳои самти экологӣ ҷорӣ гардида, дар чанде аз муассисаҳои таҳсилоти олӣ факултаю кафедраҳои нав оид ба экология ва ҳифзи муҳити зист таъсис ёфтанд. Зеро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва амнияти экологии аҳолӣ, аз ҷумла, беҳдошти вазъи муҳити зист, рушди энергияи «сабз», истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, татбиқи амалии ҳадафҳои рушди устувор, сарсабзу хуррамгардонии меҳан, баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, ин масоилро дар меҳвари сиёсатии экологӣ қарор медиҳад. Маҳз бо дарназардошти мабрамияти масъалаҳои мазкур «*Барномаи давлатии маҷмӯии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025*» (3.04.2021) қабул шудааст, ки он марҳилаҳои асосии ташаккули маърифат ва тарбияи аҳолиро дар ҳама сатҳҳо, аз ҷумла томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ инъикос менамояд. Бинобар ин, омӯзиш тағйирёбии иқлим ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа оид ба он аз бахшҳои муҳимми маърифати экологии аҳолӣ маҳсуб ёфта, таълими мавзуъҳои марбут ба тағйирёбии иқлим дар ҳама зинаҳои таҳсилот аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мактабу маориф аст. Ҳарчанд ба масъалаи ҷой доштани маърифати иқлимӣ дар барномаҳои таълимии макотиби миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати бархе коршиносонро ба худ ҷалб кардааст, вале таҳлили мазкур маҳдуд (танҳо китобҳои дарсии фанҳои дақиқу табиатшиносии синфҳои 6-11-ро фаро мегирад) буда, ба таври иҷмолӣ таълиф ёфтааст. Аз ин рӯ, дар ин тадқиқ тамоми китобҳои дарсии синфҳои 1-11-ро, ки дар матни онҳо доир ба обу ҳаво, иқлим (тағйирёбии иқлим), атмосфера, бузургию ҳодисаҳои метеорологӣ маълумот инъикос ёфтааст, мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Хонандагони ***синфи 1*** аз китоби «Табиатшиносӣ» ба расми абрҳои гуногун (қабатнокии боронӣ, тӯдагӣ ва пармонанд) (саҳ.17-18) шинос шуда, дар бораи бухоршавӣ ва зимни сард шудани ҳаво дар шакли борону барф ба замин рехтани оби бухоршуда (саҳ.64-65), ҳодисаи тирукамон (саҳ.66-67) ва инчунин, таъсири инсон ба табиат, аз ҷумла, шикастану буридани дарахтон, ифлос кардани об, поймол намудани рустаниҳо, партофтани ҳар гуна партовҳо (саҳ.62-63) маълумоти муфид мегиранд.

Дар китоби «Табиатшиносӣ» барои ***синфи 2***, параграфҳои (§) 9, 10, 11, 17 ва 21 мутаносибан «Ҳодисаи табиӣ чист?» (саҳ.33-36), «Чаро обу ҳаво тағйир меёбад?» (саҳ.37-42), «Об дар табиат. Хосиятҳои об» (саҳ.43-47), «Ҳифзи табиат» (саҳ.64-67) ва «Офатҳои табиӣ ва хатари онҳо» (саҳ.79-82) унвон дошта, дар бораи тағйироти табиӣ, тағйирёбии обу ҳаво, хосиятҳои об, таъсири инсон ба табиат ва офатҳои табиии иқлимӣ (тарма, сел, обхезӣ) маълумот медиҳанд ва дар охири ҳар мавзуъ ҷиҳати санҷиши дониши хонандагон суолҳо низ пешниҳод шудаанд. Ҳамчунин, дар барои мушоҳидаи ҳолати ҳаво, боришот ва қувваи шамол аломатҳои шартӣ (саҳ.40) ва намунаи ҷадвали моҳонаи мушоҳидаи обу ҳаво (саҳ.41) нишон дода шудааст. Боби IV китоб «Табиат ва одоби мо» (саҳ.96-110) бошад, пурра ба маърифати экологӣ бахшида шуда, дар хусуси муносибати оила ба табиат, муносибати инсон ба муҳити табиии маҳалли зист, одобу рафтори инсон дар боғу гулгаштҳо ва роҳҳои ҳифзи табиату ободу зебо гардондани меҳан маълумот медиҳад.

Тибқи иттилои китоби «Табиатшиносӣ», хонандагони ***синфи 3*** дар бораи аҳамият ва гардиши об (гардиши калон ва гардиши хурд) дар табиат (саҳ.46-48), сабабҳои пайдоиши шамол (тӯфон, гирдбод, саҳ.60-64), пайдоиши абрҳо ва намудҳои боришот (борон, барф, жола, саҳ.64-68) ва аҳамияти обуҳавосанҷӣ дар хаёт ва фаъолияти инсон (саҳ.69-73) маълумот мегиранд ва бо шабакаи обуҳавосанҷӣ ва асбобҳои метеорологӣ (ҳароратсанҷ, рутубатсанҷ, боришотсанҷ, барометр, боднамо) шинос мешаванд. Инчунин, оид ба таъсири манфии ҳодисаҳои гидрометеорологӣ ба соҳаҳои фаъолияти инсон, аҳамияти пешгӯйии обу ҳаво ва ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла доир ба экология (саҳ.102-106) низ маълумот мегиранд.

Китоби дарсии «Табиатшиносӣ» барои ***синфи 4*** нисбат ба китобҳои болозикр, доир ба иқлим ва мавзуъҳои марбут ба он, аз ҷумла, «Офатҳои табиӣ ва роҳҳои пешгирии онҳо» (саҳ.72-78), «Таъсири инсон ба табиат» (саҳ.78-82), «Нақши ҳаво дар ҳаёти одам» (саҳ.83-87), «Нақши инсон дар беҳдошти вазъи экологии табиати Замин» (саҳ.10-110), «Обу ҳаво ва иқлими маҳал» (саҳ.234-236), «Вазъи экологии маҳал» (саҳ.242-246) маълумоти бештарро фаро мегирад. Хонандагони зимни таълими фанни мазкур ба мавзуъҳои алоқаманд ба иқлим, ба монанди офатҳои иқлимӣ (сел, обхезӣ, сунамӣ, гирдбодҳо, жола, хушксолӣ, тарма), истифодаи шамол дар техника (неругоҳҳои барқии бодӣ), таъсири инсон ба раванди

тағйирёбии иқлим, партовҳои саноатӣ ба атмосфера, ҳолати обу ҳавои маҳал (ҳарорат, боришот, бодҳои маҳал) ва ғайра шинос мешаванд.

Баръакси китобҳои дарсии зинаи ибтидоӣ, дар китобҳои дарсӣ барои ***синфи 5*** доир ба иқлим маълумот хеле кам мавҷуд аст. Танҳо дар китоби «Ботаника» оид ба таъсири рӯшноии Офтоб ба раванди фотосинтез, атмосфераро бо оксиген ғанӣ гардондани рустаниҳои сабз (саҳ.89) ва таъсири шароитҳои иқлимӣ ба солҳалқаи дарахтон (дар солҳои шароити иқлими мусоид солҳалқаҳои паҳн ва солҳои нисбатан номусоиди иқлим (солҳои хунук, хушксолӣ), солҳалқаҳои борик ҳосил мешаванд (саҳ.96) сухан мераваду халос.

Дар китоби дарсии «Ботаника» барои ***синфи 6*** доир ба иқлим маълумоти фаровон ҷой дошта, вобастагии олами наботот ба тағйирёбии иқлим (саҳ.108, 194-195), аз ҷумла, зери таъсири ивазшавии шароитҳои иқлимӣ нобуд гардидани баъзе рустаниҳо (саҳ.138), аз қабили лепидодендронҳои азимҷусса, каламитҳо, мунмунаҳои дарахтшакл (саҳ.144) ва инчунин, вобаста ба шароитҳои иқлимӣ рӯйидану инкишоф ёфтан як қатор рустаниҳо (обсабзҳои сурх (саҳ.19), рустаниҳои сӯзанбарг (саҳ.35) ва ҳоказо) ва кишт намудани бархе зироатҳо (гандум (саҳ.116), шолӣ (саҳ.120), пахта (саҳ.122) ва ғайра) нишон дода шудааст. Инчунин, §35-и китоб (саҳ.107-110) пурра ба маърифати экологӣ, махсусан, ҳифзи 199 намуд рустаниҳои алафӣ ва 27 намуд рустаниҳои дарахтию буттагӣ, ки ба «Китоби Сурхи Тоҷикистон» ворид гардидаанд, бахшида шудааст. Тавъам ба «Ботаника» дар китоби дарсии «География», ки ба соҳаҳои метеорология (иқлимшиносӣ, аэрология, синоптика ва ғайра) бешар алоқаманд аст, дар бораи иқлим иттилооти хеле зиёде мавҷуд буда, аз фасли III як бахши бузурги он ба таълими атмосфера, иқлим ва бузургию ҳодисаҳои метеорологӣ (саҳ.156-223) бахшида шудааст. Маҳз дар асоси таълими фанни мазкур хонандагони бори нахуст ба омӯзиши нисбатан комили иқлим, аз ҷумла, тарзи кори асбобҳои метеорологӣ (термометр, термограф (саҳ.164), барометр (саҳ.172), флюгер (саҳ.178), гигрометр, гигрограф (саҳ.183), боришсанҷ (саҳ.188) ва ғайра), ченкунии бузургиҳои метеорологӣ (ҳарорат (саҳ.164), шамол (саҳ.177), рутубат (саҳ.182), боришот (саҳ.188) ва ҳоказо) ва марказҳои ҷаҳонии метеорологӣ (Маскав, Вашингтон, Мелбурн, саҳ.194) шинос мешаванд. Махсусан, аз параграфҳои 31, 32 ва 34 дар бораи мафҳум, тағйирёбӣ ва пешгӯии обу ҳаво (саҳ.192-196), истилоҳ, тавсиф ва хусусиятҳои иқлим (саҳ.196-200) ва вобастагии иқлим ба арзи географӣ, баландии маҳал аз сатҳи баҳр, хусусиятҳои орографию релеф ва таъсири баҳру укёнусҳо ба иқлим (саҳ.208-215) хеле иттилооти муфид мегиранд.

Ҳамзамон, дарсҳои тарбиявии хонандагони ***синфҳои 6-7*** аз рӯйи китоби «Асосҳои бехатарии ҳаёт» гузаронда шуда, дар фасли аввали китоб доир ба таъсири иқлим ба инсон (саҳ.18-19), мутобиқшавӣ дар шароити иқлими гарм (саҳ.19-21) ва дар фасли дуюм оид ба таъсири офатҳои табиӣ ва ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти иқлимидошта – обхезӣ (саҳ.115-126), тӯфон (саҳ.126-129), бӯрон (саҳ.129-132), сунамӣ (саҳ.153-158), сел (саҳ.167-170) ба аҳолӣ (саҳ.110-188) ва оқибатҳои офтобзаниву сармозанӣ (саҳ.207-212) маълумот оварда шудааст, ки аҳамияти бузург доранд.

Хонандагон аз ***синфи 7-ум*** ба омӯзиши фанни нав – физика, ки қисми зиёди раванду ҳаводиси табиатро меомӯзад, оғоз мекунанд ва аз §5.12 то §5.15 (саҳ.196-207) китоби дарсии фанни мазкур оид ба таркиби атмосфераи Замин, фишори атмосферӣ, фишори атмосферӣ дар баландиҳои гуногун ва инчунин, дар шароити озмоишӣ санҷидани фишори атмосферӣ (таҷрибаи Торричелли ва қонуни Паскал) маълумот оварда шудааст. Аз ин ҷо хонандагон дар бораи фишори муътадил (760 ммHg ё 101300 Па) ва вобастагии фишор аз баландӣ иттилоъ гирифта, меомӯзанд, ки фишори ҳаво дар ҳар 12 м ~1 ммHg (ё 1,33 ҳПа) паст шуда, дар баландиҳои 50-60 км ~103 маротиба кам мешавад (саҳ.206). Вале дар китоби мазкур ягон маълумоте, ки ба алоқамандии байни атмосфера ва иқлим ва ё тағйирёбии иқлим башида шуда бошад, ба назар намерасад. Дар китоби дарсии «Зоология» бошад, дар бораи таъсири муҳити ифлос ба камшавии миқдори ҳайвонот сухан рафта, оварда шудааст, ки партовҳои саноатӣ (агар пешакӣ тоза нашуда, ба об, Замин ва атмосфера партофта шаванд) ва инчунин, ифлос шудани оби баҳру уқёнусҳо, махсусан, ҳангоми фалокати киштиҳои нафткаш ба ҳаёти ҳайвонот ба ҳаёти ҳайвонот хатарноканд (саҳ.28). Бинобар ин, бо мақсади ҳифзи олами ҳайвоноти Тоҷикистон 90 намуди ҳайвоноти бесутунмуҳра (81 намуди ҳашарот ва 9 намуди нармтанҳо) ва аз ҳайвоноти сутунмуҳрадор 132 намуд (14 намуди моҳӣ, 31 намуди хазанда, 43 намуди паранда, 44 намуди ширхӯр) ба «Китоби Сурх»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда, шикори онҳо қатъиян манъ аст ва ҳифзи онҳо вазифаи

ҳар як шаҳрванд мебошад (саҳ.31). Ҳамчунин, дар китоб вобастагии намудҳои мухталифи ҳайвонот аз муҳити географӣ ва шароити иқлимӣ нишон дода шуда, гуфта мешавад, ки вобаста ба гуногун будани муҳити географӣ ва шароитҳои иқлимӣ Тоҷикистон аз ҳашарот бой мебошад (саҳ.181). Бо вуҷуди ин, дар китоб ягон маълумот роҷеъ ба иқлим ва тағйирёбии он инъикос наёфтааст. Китоби дарсии «География» асосан оид ба материкҳою уқёнусҳо, атмосфера, гидросфера ва литосфераи Замин маълумот медиҳад ва нахустин китоби дарсии мактабиест, ки иқлими тамоми ноҳияҳои кураи арзро, ба монанди минтақаҳои иқлимии кураи Замин (саҳ.42-46), иқлим ва обҳои уқёнуси Ором (саҳ.64), иқлим ва обҳои уқёнуси Атлантика (саҳ.70), иқлим ва обҳои уқёнуси Ҳинд (саҳ.75), иқлим ва обҳои уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ (саҳ.80), иқлими Авруосиё (саҳ.93-96), иқлими Амрикои Шимолӣ (саҳ.134-137), иқлими Амрикои Ҷанубӣ (саҳ.169-172), иқлими Африқо (саҳ.199-202), иқлим ва обҳои дохилии Австралия ва Уқёнусия (саҳ.228-232), иқлим Антаркида (саҳ. 247) ва иқлими Тоҷикистон (саҳ.123) тавсиф медиҳад. Ҳамчунин, дар китоби мазкур оид ба анбуҳи ҳаво (экваторӣ, тропикӣ, муътадил, арктикӣ ва антарктикӣ), фронти атмосферӣ (гарм ва сард), сиклонҳо ва антисиклонҳо (саҳ.37-42) низ маълумот оварда шудааст. Тибқи иттилои «География» ҳарорати сатҳи оби уқёнуси Ором дар қисмҳои марказии он дар давоми сол аз +26ºС то +29ºС тағйир меёбад (саҳ.64) ва ҳарорати оби сатҳи Уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ дар зимистон -1,8ºС ва дар тобистони +5ºС аст (саҳ.81). Ҳамчунин, ҳарорат дар қисми ғарбии Авруосиё, дар зимистон аз 0ºС баландтар ва тобистон +10ºС - +18ºС мебошад (саҳ.94), дар Амрикои Шимолӣ ҳарорати пасттарин (-70ºС) дар шимоли Гренландия ва дар қисми хушкии материк дар паҳнкӯҳи Юкон (-64ºС) ба қайд гирифта шудааст (саҳ.135), Амрикои Ҷанубӣ дорои 6 минтақаи иқлимӣ (экваторӣ, ду субэкваторӣ, тропикӣ, субтропикӣ ва муътадил) мебошад (саҳ.170), дар қисми зиёди Африқо ҳарорати миёнаи солона аз +20ºС баланд буда, дар ҳудуди он минтқаҳои иқлимӣ ду маротиба такрор мешаванд (саҳ.200) ва дар Австралия типи экватории иқлим бо хусусияти гармӣ (+26ºС - +28ºС) ва боришоти зиёд (2000-4000 мм) дар давоми сол фарқ мекунад (саҳ.228). Ҳамин тавр, бо мақсади омӯзиши иқлим ва арзёбии оқибатҳои тағйирёбии он ба муҳити табиии минтақаҳои қутбӣ солҳои 2007-2008 Соли байналмилалии қутбӣ эълон карда шудааст (саҳ.83).

Дар китоби дарсии «Физика» барои ***синфи 8*** ки қисми аъзами онро маълумоти марбут ба энергия, ҳарорат, миқдори гармӣ, ҳолатҳои агрегатии модда, барқ, ҷараёни электрикӣ ва магнетизм ташкил медиҳанд, мавзуъҳои алоқаманд ба иқлим ва тағйирёбии он умуман вуҷуд надоранд. Дар китоб танҳо нишон дода шудааст, ки дар марҳилаи имрӯза навъҳои асосии энергия, энергияи сӯзиши нафт, газ, ангиштсанг, гидроэнергетика ва энергияи атомӣ буда, дар баъзе ҳолатҳо аз энергияи бодӣ ва офтобӣ низ истифода мебаранд (саҳ.29). Вале дар натиҷаи сӯзиши манбаъҳои анъанавии энергия атомҳои карбони таркиби моддаи сӯзанда бо атомҳои оксигени ҳаво пайваста шуда, молекулаи карбонат ҳосил мекунанд (саҳ.61), ки ин ба олудагии атмосфера оварда мерасонад. Ҳарчанд омӯзиши фанни химия дар дабистон аз синфи 8 оғоз меёбад ва мусалламан, дар китоби дарсии он хонандагон сараввал, дар бораи мафҳуми химия, оксидҳо, ишқорҳо, асосҳо, системаи даврии унсурҳои химиявӣ, бандҳои химиявӣ, сохтори атом ва амсоли инҳо иттилоъ мегиранд, вале дар он оид ба мавзуъҳои марбут ба тағйирёбии иқлим ва таъсироти манфии унсур, модда ва маводи химиявӣ сухане ба назар намерасад. Дар матни китоби мазкур ба ҷуз бинобар сабаби зиёд будани корхонаҳо, зич ҷойгир шудани манотиқи саноатӣ ва инкишофи нақлиёт, дар шаҳрҳои бузург ҳаво ифлос буда, миқдори газҳои $CO_2$, $SO_2$, $NO_2$ аз меъёри миёна хеле баланд аст (саҳ.99) ва инчунин, дар оянда ба сифати сӯзишвории аз ҷиҳати экологӣ тоза хидмат намудани гидроген, зеро ҳаноми сӯзиши он ба атмосфера газҳои зараровар партофта намешаванд (саҳ.113) ва ҷиҳати тоза кардани оби нӯшокӣ аз моддаҳои сахти ҳалшаванда ва микроорганизмҳо (саҳ.137), маълумоти дигари алоқаманд ба тағйирёбии иқлиму ҳолати экологӣ вуҷуд надорад. Дар китоби дарсии «Зоология» низ мавзуъҳои алоқаманд ба тағйирёбии иқлим ва буҳрони экологӣ хеле кам ҷой дошта, дар дохили матнҳои он якчанд маълумоти марбут ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим вомехӯранд. Аз ҷумла, яке аз сабабҳои асосии нобудшавии хазандаҳои азими қадим тағйирёбии иқлим буда (саҳ.77-81), ивазшавии иқлим дар сайёра боиси нобуд гардидани мамонтҳо гардидааст (саҳ.181), таъсири манфии инсон ба табиат бағоят зиёд буда, шикор, моҳидорӣ, бунёди обанборҳо, буридани ҷангал боиси аз байн рафтани баъзе намуди ҳайвонот ва тағйир ёфтани экосистема шудааст (саҳ.210) ва ҷамоаҳои табиӣ хеле пеш аз пайдоиши инсон вуҷуд доштанд ва танҳо зери

таъсири офатҳои табиӣ ва фаъолияти инсон тағйир ёфтаанд (саҳ.217). Аз ин ҷост, ки бо рушди илму техника ва густариши фаъолияти инсон табиати сайёра ба куллӣ тағйир ёфта, ҷиҳати ҳифзи он инсоният тадбирҳои зарурӣ меандешад. Муҳтавои асосии китоби «Географияи Тоҷикистон»-ро маълумот оид ба релеф ва геологияи кишвар, сарватҳои табиӣ, иқлим ва тавсифоти он, захираҳои обу замин ва флораю фаунаи Тоҷикистон ташкил медиҳад. Дар китоби мазкур шароитҳои иқлимии кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он ба таври зайл нишон дода шудааст: иқлими хушки субтропикӣ (дар водиҳои Вахш ва Ҳисор), ки тобистон тӯлонӣ, гарм, зимистон кӯтоҳи нарм ва боришот кам (150-200 мм) аст; иқлими хушки континентӣ, ки тобистон гарм ва зимистон хунук буда, 350-700 мм боришот мешавад; иқлими муътадил (дар минтақаҳои миёнакӯҳ), ки тобистон салқин ва зимистон хунук буда, боришот то 1500 мм-ро ташкил медиҳад: иқлими баландкӯҳию биёбонӣ (минтақаи баландкӯҳ) бо зимистони қаҳратуни тӯлонӣ, тобистони кӯтоҳи хушк, боришоти кам (60-100 мм) (саҳ.67-71). Бинобар сабаби зудтағйирёбанда ва гарм будани иқлими Тоҷикистон, яке аз масоили асосӣ ва ҳалталаб истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об мебошад (саҳ.112). Дар раванди гармшавии иқлим, мушкилоти асосӣ ҳам барои Тоҷикистон ва ҳам барои кураи арз ифлосии ҳавои атмосфера буда, тибқи ҳисоби олимон танҳо нақлиёти автомобилӣ соле ~2 млрд тонна сӯзишвории нафтӣ сарф менамояд, ки аз ин >77%-и он ба фазо дар шакли заҳрҳои хавфнок барои муҳит сар дода мешавад ва айни замон, чангу ғубор дар ҳавои Душанбе 1,2, дар Бохтар 0,2 ва дар Турсунзода 22,0 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад (саҳ.111-117). Бинобар ин, дар китоби мазкур тавсияи хеле хуб пешниҳод гардидааст, ки дар ҳифзи табиат ҳар як хонанда низ метавонад саҳмгузор бошад.

Ҳарчанд дар китоби дарсии «Физика» барои ***синфи 9*** масоили марбут ба иқлиму экология камтар инъикос ёфтааст, вале дар боби V китоб (саҳ.193-239) роҷеъ ба атмосфера ва ҳодисаҳои атмосферии дигар сайёраҳои Манзумаи офтобӣ ва радифони табиии онҳо ба таври мухтасар маълумот дода шудааст: сатҳи ҳама сайёраҳои бузургро атмосфераи ғафс пӯшонидааст (саҳ.203), таркиби атмосфераи Муштарӣ асосан аз молекулаҳои $H_2$, $NH_3$, $CH_4$, $C_2H$ ва $H_2O$ иборат буда, дар он доимо раъду барқ ба амал меояд (саҳ.204), аз 30 ҳамсафари Зуҳал ҳамсафари шашуми он – Титан бо атмосфера пӯшида шудааст (саҳ.205), азбаски Моҳ атмосфера надоранд (саҳ.205), аз ин рӯ, ҳарорати сатҳи он рӯзона 100-120°С гарм ва шабона 140-170°С сард мешавад (саҳ.211 ва 238), Уторид қариб атмосфера надорад ва нурҳои Офтоб бе ягон бархӯрӣ ба молекулаҳо (зарраҳои атмосферӣ) ба сатҳи сайёра расида, онро то 300-400°С гарм мекунанд (саҳ.212), атмосфераи Зуҳро аз $CO_2$ (97%) $N_2$ (2%) ва буғҳои обу дигар унсурҳои атомҳои сабук (аз 0,1 то 1%) иборат аст (саҳ.213), ҳарорати қабатҳои болоии атмосфераи Офтоб то 6000°С мерасад (саҳ.213 ва 237) ва ғайра. Инчунин, дар китоб аз боби таъсири Неругоҳҳои барқии атомӣ (НБА) ва Неругоҳҳои барқии обии хурд (НБО) ба муҳити атроф сухан рафта, нишон дода шудааст, ки НБА нисбат ба дигар намуди неругоҳҳои барқӣ як қатор афзалият, аз ҷумла, 1) аз ҷиҳати экологӣ хеле «тоза» буда, ҳангоми истифодаи дуруст ба атмосфера, гидросфера ва биосфера ягон хел партов надоранд; 2) зимни фаъолияти НБА миқдори ночизи сӯзишвории атомӣ истифода мешавад (саҳ.176), доранд ва НБО-и хурд маҷрои дарёҳоро тағйир намедиҳанд, аз нигоҳи иҷтимоӣ хеле фоидаоваранд ва аз ҷиҳати экологӣ таъсироти манфӣ надоранд (саҳ.62). Ба монанди «Физика» дар китоби дарсии «Химия» низ иттилоти марбут ба ҳолати экологии муҳити атроф, гармшавии иқлими сайёра, тағйирёбии муосири иқлим ва таъсири инсон ба муҳит зимни кор бо моводҳои химиявӣ ба назар намерасад. Дар ин китоб танҳо ба таври иҷмолӣ доир ба рушди саноати силикат ва истеҳсоли сементу бетон дар Тоҷикистон (саҳ.145-148), истеҳсолоти металлургии кишвар, аз ҷумла, Корхонаи алюминиии Тоҷикистон, Корхонаи маъдантозакунии Анзоб ва конҳои канданиҳои фоиданок (саҳ.205-210), усулҳои истифодаи ангишт, нафт ва гази табиӣ дар химия ва саноат (саҳ.232-233) маълумот оварда шудааст. Зиёда аз ин, қайд гардидааст, ки инсоният аллакай ба камшавии захираҳо дучор шудааст ва дар робита ба ин, илми химия нақши хеле муҳим мебозад, яъне химия имкон медиҳад, то истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ба роҳ монда шавад, ашёи хом ва энергия сарфа карда шавад ва технологияи бепартов ҷорӣ гардад. Аз китоби «Биология», ки хонандагон бори нахуст инсон ба таври комил меомӯзанд ва тавъам ба ин, ба яке аз бахшҳои байнифаннии биология, экология ва климатология – физиологияи экологӣ, ки мутобиқ шудани одамро ба омилҳои гуногуни табиии муҳит (шароити шимол ва ҷануб, биёбонҳои беоб ва ноҳияҳои баландкӯҳ ва ғайра) меомӯзад (саҳ.213-215), шинос мешаванд.

Мувофиқи маълумоти китоби мазкур, мавҷудияти организм бе муҳити беруна ғайриимкон буда, ба он омилҳои гуногуни табиӣ, аз қабили тағйирёбии ҳарорати ҳаво, намнокӣ, нурҳои радиоактивӣ, нурҳои офтоб, барфу борон, тӯфон, тундбод, сӯхтор ва ғайра таъсири амиқ мерасонанд (саҳ.27). Одам имкони калони биологии ба шароити мухталиф мутобиқшавӣ дошта бошад ҳам, (саҳ.214), вале барои пешгирию нигаҳдории покизагии муҳити атроф ва саломатии инсон андешидани чораҳои заруриву самарабахш (саҳ.4) бағоят зарур аст. Китоби дарсии «География» дар бораи сохти сиёсии ҷаҳон ва шакли давлатҳо, муносибати инсону табиат, истифодаи захираҳои табиӣ ва геоэкология маълумот медиҳад ва дар дохили матнҳои он роҷеъ ба тағйирёбии иқлим, гармшавии глобалӣ, таъсироти антропогенӣ ба баҳру уқёнусҳо, ҳуҷҷатҳои байналмилалии экологӣ ва ғайра иттилоъ мавҷуд аст. Аз ҷумла, Уқёнуси ҷаҳонӣ на танҳо барои рушди иқтисоду саноати бисёр кишварҳо (саҳ.174) аҳамияти бузург дорад, балки он дар фурӯбарии радиатсияи офтобӣ ва паст кардани иқлими сайёра (саҳ.64) нақши муҳим мебозад. Вале рушди фаъолияти инсон аксар вақт боиси ихтилофи байни истеҳсолоту табиат мегардад, ки мисоли равшани он, бо инкишофи металлургияи сиёҳ хароб гаштани ҳазорҳо гектар ҷангал мебошад (саҳ.33). Миқдори партови газҳои гулхонаӣ, махсусан, $CO_2$ ба атмосфера аз ибтидои асри XX ба маротиб афзуда, айни замон ба ~27 млрд тонна расидааст, ки чунин сатҳи баланди партов боиси ташаккул ёфтани «эффекти парникӣ» ва афзоиши ҳарорати ҳавои наздизаминии атмосфера гардидааст (саҳ.80-81). Ҳамчунин, истифодаи сарчашмаҳои анъанавии энергия ва неругоҳҳои барқии дар асоси сӯзишвории истихроҷшаванда коркунанда, муҳитро ифлос менамоянд (саҳ.127) ва ин партови онҳо ба атмосфера боиси гармшавии иқлим мегардад. Ифлосшавии муҳити зист ва ҳавои атмосфера ба ҳаёти инсон, ҳайвонот ва наботот хатари ҷиддӣ дошта, хатари бузургтар аз он таъсири «эффекти парникӣ» ба қабати озонӣ мебошад (саҳ.173). Бо афзоиши демографӣ, рушди босуръати саноат ва раванди шаҳришавӣ аз нимаи дуюми садсолаи XX вазъият дар баъзе манотиқи кураи арз ба сатҳи «буҳрони экологӣ» расид (саҳ.171). Бинобар ин, аз солҳои 70-80-уми асри пор оғоз карда то имрӯз, рушди сиёсати экологӣ ба таҳия ва қабули барномаҳо, консепсияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ва эҳёи табиат мусоидат намуд (саҳ.80-81). Минҷумла, соли 1972 нахустин конференсияи Созмони Милали Муттаҳид одид ба муҳити зист (Стокҳолм) баргузор гардида, дар ҷамъбасти кори конференсияи СММ дар соли 1992 «Рӯзномаи асри 21» (Рио-де-Жанейро) қабул гардид. Ҳуҷҷати дигар муҳим Протоколи Киото мебошад, ки бояд барои коҳиш додани партови газҳои гулхонаӣ давоми солҳои 2008-2012 ба миқдори 5,2% кумак намояд (саҳ.173).

Тавъам ба дигар фанҳои табиатшиносӣ, хонандагон дар синфи 9 бо фанни нав – экология шинос мешаванд, ки нисбат дигар фанҳои мактабӣ ба масоили тағйирёбии иқлим, олудагии атмосфера, ҳифзи муҳити зист ва дигар мушкилоти ба инҳо монанд, бештар робита дорад. Вале, китоби дарсии фанни мазкур бештар ба пайдоиш ва рушди экология, макони зисти организмҳо, омилҳои муҳити зист, биосеноз, пирамидаи экологӣ, таълимот оид ба биосфера ва дар умум, мавзуъҳои алоқаманд ба биология бахшида шудааст. Сарфи назар аз ин, дар матни китоб оид ба таъсири манфии инсон ба олудашавии атмосфера ва дар натиҷаи он вусъат ёфтани раванди тағйирёбии иқлим (саҳ.26), аз ҳисоби хурӯҷи вулқонҳо, дар натиҷаи сӯзиши навъҳои гуногуни сӯзишвориҳо ва ҳангоми нафаскашии ҳайвоноту наботот ба атмосфера партофтани $CO_2$ (саҳ.94-95), тамомнавашада будани захираҳои иқлимӣ, ҳавои атмосфера ва энергия шамол (саҳ.143), давоми 100 соли охир дар таркиби атмосфера ба миқдори 10-15% афзудани $CO_2$ (саҳ.153), пас солҳои 2000-ум аз сабаби таъсири гармӣ ба андозаи 0,5-1$^{o}$С баланд шудани ҳарорати ҳаво (саҳ.154), муноқишаҳои эҳтимолии ояндаро ба вуҷуд овардани камшавии оби дарёҳо, хушкшавии кӯлҳо, зиёдшавии эрозияи хок, нобудшавии ҷангалҳо (саҳ.182), таъсири фаъолияти инсон ба табиат боиси дигаргуниҳо дар биосфера низ гардидааст (саҳ.220) ва ғайра маълумот мавҷуд аст. Зиёда аз ин, дар китоби мазкур асосҳои ҳуқуқии ҳифзи табиат, алалхусус қонунҳои асосии экологии Тоҷикистон (саҳ.144-152), маълумоти умумию тавсифоти асосии мамнуъгоҳҳову парваришгоҳҳои Тоҷикистон (саҳ.196-204) ва пайомадҳои тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон, аз ҷумла, офатҳои табиӣ, обшавии пиряххо, обхезиҳо, хушксолиҳо ва ҳодисаҳои шадиди гидрометеорологӣ, ки ба амнияти озуқаворӣ, захираҳои обию энергетикӣ ва саломатии аҳолӣ таъсир мерасонанд (саҳ.221) инъикос ёфтааст.

Аз китоби дарсии «Физика» барои ***синфи 10*** хонандагон яке аз бахшҳои ба метеорология хеле наздики физика – физикаи молекулавӣ ва термодинамкаро меомӯзанд,

ки параграфҳои 39-40 китоби мазкур дар бораи буғҳои сер (саҳ.93-96) ва носер ва намнокии ҳаво, намнокии мутлақ ва нисбӣ, нуқтаи шабнам (саҳ.96-101) маълумот медиҳад. Аз ҷумла, хонандагон ба раванди ба газ табдил ёфтани моеъ ва ҷисми сахт ва раванди баръакси он ва инчунин, маънидод гардидани ин ҳодиса аз рӯйи назарияи молекулавӣ-кинетикӣ (саҳ.93-94), шарҳи хосияти буғҳои носер аз рӯйи қонунҳои Бойл-Мариотт, Гей-Люссак, Шарл, Менделеев-Клапейрон (саҳ.95), аз ҳисоби бухоршавӣ зиёд будани миқдори об дар қабати наздизаминии атмосфера ва таъсири манфии он хоҷагӣ (саҳ.95), вобастагии номнокии нисбӣ аз ҳарорат ва фишор (саҳ.98), аз ҳисоби конденсатсияи буғҳои оби атмосфера дар баландиҳои муайян пайдо шудани абру туман (саҳ.130-131), таъсири манфии партови муҳаррикҳои дарунсӯз ба муҳити атроф ва атмосфераро ифлос (саҳ.140) шинос мешаванд. Тибқи иттилои китоби «Физика» [27] мошинҳои ҳароратӣ на фақат оксигенро кам, балки миқдори зиёди $CO_2$-ро ба атмосфера хориҷ мекунанд. Ҳамзамон, дар кураи арз дастгоҳҳои муқаррарии энергетикӣ ҳамасола 200-250 млн тонна дуда (хокистар) ва ~60 млн тонна оксиди сулфур ($SO_2$)-ро ба атмосфера хориҷ мекунанд (саҳ.144).

Ҳарчанд дар сарсухани китоби дарсии «Химияи органикӣ» навишта шудааст, ки «*ҳаёт ва фаъолияти солими инсон ба ҳолати муҳит зист вобаста буда, ҳолати ногувори экологии табиат дар баъзе мавзеъҳо аз надонистани дастовардҳо ва риоя накардани қонуниятҳои асосии химия аз тарафи одамон сар мезанад*», вале дар матни он роҷеъ ба маърифати экологӣ ва мавзуъҳои марбут ба муҳити атрофу иқлим маълумоти хеле кам мавҷуд аст. Ҳамчунин дар китоб роҷеъ ба нақши химияи органикӣ дар коркарди маҳсулоти хоҷагии деҳот, нафт, гази табиӣ ва ангиштсанг (саҳ.9), аз қабатҳои ангиштсанг хориҷ ва дар конҳо ҷамъ гардидани гази метан (саҳ.49), ҳамчун сӯзишворӣ истифода гардидани метан дар шакли гази табиӣ (саҳ.52), таҳти фишор ва ҳарорати баланд тафсонидани ангишт бо ҳидроген ва аз омехтаи он ҳосил намудани карбоҳидрогенҳои гуногун (саҳ.53), зимни коксонидани (пиролизи) ангиштсанг ҳосил кардани зифти ангиштсангу газ (саҳ.133), хориҷ гардидани гармии зиёд ҳангоми сӯхтани гази табиӣ (саҳ.143), ҳамчун сӯзишворию ашёи қиматбаҳои химиявӣ истифода шудани газҳои нафт (саҳ.144) ва ҳоказо сухан раванд ҳам, вале дар бораи таъсирии манфии ин равандҳо ва маҳсулоти дар натиҷаи онҳо ҳосилшуда ба муҳити атроф, ифлосии атмосфера ва ҳолати экологӣ маълумот дода нашудааст. Китоби дарсии «Биологияи умумӣ» бошад, дар бораи бо назардошти омилҳои иқлим, геологӣ ва гидрогеографӣ бо роҳи абиотӣ пайдо шудани молекулаҳои органикӣ (саҳ.13), равандҳои ташаккули атмосфераи Замин (саҳ.14), дар натиҷаи таъсири мутақобилаи омилҳои абиотикӣ (минералҳо, иқлим) ва омилҳои биотикӣ (бактерияҳо ва обсабзҳои сианӣ) ба вуҷуди хок (саҳ.27), дар натиҷаи фотосинтез бори аввал дар атмосфераи Замин пайдо ва ҷамъ шудани оксиген (саҳ.51-53), таъсири мутақобилаи кванти рӯшноӣ (фотон) бо молекулаҳои хлорофилл (саҳ.102), ҳамчун манбаи асосӣ хидмат намудани $CO_2$ дар реаксияҳои химиявии фазаи торикии фотосинтез (саҳ.103) ва ғайра ба таври хеле мухтасар маълумот медиҳад. Дар китоби «География», ки асосан ба минтақаҳо ва кишварҳои бузурги ҷаҳон бахшида шудааст, хусусиятҳои географӣ, шароитҳои иқлимӣ ва вазъи экологии онҳоро ба таври иҷмолӣ шарҳ медиҳад. Аз ҷумла, оид ба иқлими Осиёи Марказӣ: аз нигоҳи хусусиятҳои умумии табиӣ-географӣ иқлими континенталии хушк аст (саҳ.33), иқлими Ӯзбекистон хеле гарм буда, барои равнақи соҳаи пахтакорӣ мусоид аст (саҳ.39), иқлими Туркманистон континенталии ниҳоят гарм буда, тобистони хушку беборишдорад (саҳ.41) ва Қирғизистон иқлими континенталии шадид тобистони гарму зимистони хунук дорад (саҳ.43). Иқлими Осиёи Ҷанубу Шарқӣ субэкваторӣ ва экваторӣ буда, рутубати солона то 3000 мм мерасад (саҳ.50), қариб тамоми Осиёи Ҷанубӣ дар ноҳияи иқлимии субэкваторӣ ҷойгир буда, намнокӣ дар он хусусияти мавсимӣ дорад (саҳ.55) ва барои минтақаи Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ иқлими хушк хос аст (саҳ.59). Дар бораи хусусиятҳои иқлимии бархе кишварҳо: иқлими Эрон асосан субтропикии континенталии хушк мебошад (саҳ.68), иқлими Покистон дар зери таъсири бодҳои мавсимӣ (муссонҳо) қарор дорад (саҳ.74), иқлими Олмон аз уқёнусӣ ба континенталӣ гузаранда буда, имкон медиҳад, ки дар мамлакат тамоми зироатҳои минтақа парвариш карда шаванд (саҳ.88), минтақаҳои иқлимиии Русия аз шимол ба ҷануб чунинанд: минтақаи иқлими арктикӣ, субарктикӣ, муътадил ва субтропикӣ (саҳ.114), иқлими Миср тропикии биёбонӣ ва дар ноҳияҳои шимолӣ субтропикӣ аст (саҳ.139) ва Австралия иқлими шадиди хушк дорад, ки боиси ҳодисаҳои пайиҳам омадани хушксолӣ, хокбод, сӯхтори бешазор ва ғайра мегардад (саҳ.176). Ҳамчунин, тибқи маълумоти ин китоб дар дунё ҳавои атмосфераи аз ҳама ифлос мансуб ба шаҳри Теҳрон буда, ҳар рӯз аз касалиҳои алоқаманд ба ифлосии атмосфера дар шаҳр 27 нафар мефавтад (саҳ.73) ва ифлостарин дарёи ҷаҳон дарёи Рейн

мебошад, ки дар соҳилҳои он 25 млн нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунад (саҳ.82). Зиёда аз ин, зичии зиёди аҳолӣ, бунёди корхонаҳои саноатию кишоварзӣ, истифодаи бармаҳали ҳудудҳо ва рушди нақлиёт дар Аврупои Ғарбӣ боиси афзоиши мушкилоти экологӣ гардидааст (саҳ.82) ва баръакси Аврупои Ғарбӣ, бо мақсади беҳтар кардани вазъи экологӣ дар Аврупои Шарқӣ чораҳои ҷиддӣ андешида, барномаҳои маҷмӯӣ тартиб дода шудаанд ва инчунин, дар ин ҷо сохторҳои махсуси ҳифзи табиат, ба монанди «Амалиёти сабз» амал мекунанд (саҳ.112).

Азбаски яке аз самтҳои хеле муҳимми метеорология, метеорологияи ҳарбӣ мебошад, бисёр ҳам хуб аст, ки тибқи китоби дарсии «Омодагии ибтидоии ҳарбӣ» барои ***синфҳои 10-11***, як қатор мавзуъҳои ба иқлим алоқаманд, ба монанди «Бе харита самтгирӣ дар маҳал» (саҳ.179-182), «Самтгирӣ дар вақти ҳаракат» (саҳ.182-185), «Хусусиятҳои самтгирӣ дар ҷангал» (саҳ.188-189) ва «Ҳифзи аҳолӣ аз тарма» (саҳ.205-210) омӯзонида мешаванд. Масалан, дар мавзуи «Самтгирӣ дар вақти ҳаракат» таълим дода мешавад, ки «*пеш аз огози ҳаракат, аз рӯйи харита минтақаи масир то нишонаи назоратии якум бодиққат аз назар гузаронида шуда, аломати чашмраси роҳ, инчунин, ҷисмҳои асосии қад-қади роҳ ҷойгиршуда ва дигаргуниҳои иқлимии он, дар хотир нигоҳ дошта мешаванд*» (саҳ.182).

Ду бахши муҳимми метеорология – метеорологияи ҳаставӣ ва радиометеорология мебошад, вале дар китоби «Физика» барои ***синфи 11***, ки қисми аъзами онро ду шохаи физикаи ба соҳаҳои фавқ наздик – оптика ва физикаи квантӣ ташкил медиҳанд, доир ба мавзуъҳои иқлимӣ хеле маълумоти кам мавҷуд аст. Дар китоб нишон дода шудааст, ки энергетикаи атомӣ мисли бисёр соҳаҳои дигари саноат ба муҳити атроф хатар дошта, номатлубтарини он ғаждии радиоактивӣ бошад ҳам, вале дар сурати аз рӯи реҷаи муътадил амал кардани Неругоҳҳои барқии атомӣ (НБА) муҳити зист аз хавфи ин ғаждиҳо эмин мемонад (саҳ.321). Баръакси НБА, Неругоҳҳои барқии ҳароратӣ миқдори зиёди гази карбонат хориҷ намуда, муҳити зистро ифлос мекунанд ва аз ин рӯ, ба ҷойи ангишт, нафт ва гази табиӣ, ки ҳоло барои кимиё ашёи гаронбаҳо мебошанд, истифодаи сӯзишвории атомӣ (уран, плутоний ва ғайра) ба мақсад мувофиқ мебошад (саҳ.348).

Дар китоби «Биология» [16] бошад, оид ба пешгирии партови газҳои гулхонаӣ ба атмосфера тавассути истифодаи микроорганизмҳо дар саноати металлургия маълумоти ҷолибе оварда шудааст: дар натиҷаи оксидкунии бактерияҳо маъданҳои сулфидии бисёр металҳои ранга ва унсурҳои кимиёвӣ ба ҳолати маҳлул мегузаранд ва бо ин роҳ дар ҷаҳон фақат мис бо миқдори садҳо ҳазор тонна дар як сол истеҳсол мешавад ва инчунин, тавассути бактерияҳо аз маъданҳо уран, тилло, нуқра ва моддаҳои заҳрнок (маргимуш) низ ҷудо карда мешавад (саҳ.32). Илова бар ин, дар китоби мазкур баъзе аз масоили марбут ба таърихи иқлим, аз ҷумла, дар ҷадвали 5.1, ки «*Таърихи геохронологии Замин*» унвон дорад, оид ба табдилёбии иқлими гарми хушк ба давраҳои яхбандӣ дар эраи протерозой (саҳ.139), дар нимкураи ҷанубӣ ҳукмфармо будани иқлими хушк ва дар нимкураи шимолӣ иқлими муътадил, дар эраи палеозой (саҳ.141) ва дар эраи мезозой бартарӣ пайдо кардани денудатсия ва хушкшавии иқлим (саҳ.142) инъикос ёфтаанд. Аз боби IX-и китоб §4 ба таъсири омилҳои беруна, махсусан бузургиҳои метеорологӣ (ҳарорат, намӣ) ва омилҳои ташаккулдиҳандаи иқлим (рӯшноӣ, радиатсияи офтобӣ) ба организм (саҳ.220-227) бахшида шудааст. Бар хилофи китобҳои «Химия» ва «География», ки китобҳои дарсии фанҳои табиатшиносианд, китоби «Таърихи умумӣ» доир ба буҳрони глобалии экологӣ ва сабабҳои он, аз ҷумла, тағйирёбии иқлим, гармшавии глобалӣ, коҳишёбии захираҳои оби тоза, нобудшавии ҷангал, ҳифзи гуногунии биологӣ (саҳ.210-217) маълумоти ҷолиб медиҳад: дар сурати танҳо 1 м баланд шудани сатҳи баҳр 11%-и Бангладеш, 15%-и Миср, ҷазираҳои Малдив, ноҳияҳои васеи Чин зери об мемонанд (саҳ.213) ва инсон аллакай беш аз 20 млн га замини киштро аз даст додааст ва фақат аз ҳисоби камшавии майдони кишт инсон ҳамасола аз 30 млн тонна ғалла маҳрум мегардад (саҳ.214).

Ҳамин тавр, бо вуҷуди он, ки мушкилоти тағйирёбии иқлим ба яке аз масоили муҳимму ҳалталаби ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфта, оқибатҳои ногувори он дар тамоми бахшҳои фаъолияти инсон мушоҳида шудаву он ба масъалаи хеле мураккаби байнисоҳавӣ бадал гаштааст, дар китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҷеъ ба мушкилоти глобалии экологӣ, алалхусус, тағйирёбии иқлим маълумоти хеле кам мавҷуд мебошад ва мавзуъҳои алоқаманд ба ин мушкилот анқариб ба назар намерасанд.

# ТАТБИҚИ КООРДИНАТАҲОИ ВЕКТОРҲО ҲАНГОМИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО

## (Синфи 8)



**БЕГМУҲАММАД ШОДИЕВ – омӯзгори Литсей №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**

**Омӯзгор бояд пеш аз навиштани нақша конспекти дарсии яксоатаро таҳлил карда, онро ба ду гурӯҳ ҷудо кунад:**

**а) мафҳумҳо ва маълумотҳое, ки ба хонандагон маълуманд.**

**б) мафҳумҳое, ки хонандагон бори аввал онҳоро мефаҳманд.**

Супориши хонагӣ барои самараи сифати таълими математика аҳамияти калон дорад. Яке аз масъалаҳои асосии методикаи таълимии математика, такмили тарз ва усулҳои супориши хонагӣ буда, тайёрии ҳаматарафаи омӯзгорро талаб мекунад. Дараҷаи саводнокии хонандагонро ба инобат гирифта, супориши хонагиро дар ду намуд пешниҳод кардан мумкин аст: а) супоришҳои умумӣ; б) супоришҳои фирод (дар варақаҳои алоҳида)

Дар равиши дарс мисолҳои муамодор ва шавқоварро ба хонандагон ҳамчун машқи фикрӣ додан мумкин аст. Аз тахтаи электронӣ ва магнитӣ барои пешниҳод кардани ҷадвалҳои формулаҳои зарурӣ, хосият ва теоремаҳои истифодашаванда, соҳаи ҷустуҷӯи ҷавобҳо ва матни пурраи нақша – конспекти дарси яксоата истифода бурдан мумкин аст. Мо то кунун ба бузургиҳое, чун дарозӣ, кунҷ, вақт ва ғайра шинос шуда будем, ки онҳо танҳо бо қимати ададиашон ифода карда мешуданд. Дар фанни физика низ бузургии масса ҳам бо қимати ададиаш ифода меёбад, аммо дар амалияи кору зиндагӣ бо бузургиҳое чун қувва, масса ва суръат дучор гаштан мумкин аст, ки ғайр аз қимати ададӣ боз самти муайян низ доранд. Ба фикри шумо, дар бораи кадом бахши геометрия баҳс рафта истодааст? Бале, хонандагон, доир ба мафҳуми векторҳо сухан меравcovered.

**Нақшаи дарси намунавӣ (видеоӣ)**

| Қисмат | Қадамҳо | Шарҳи қадамҳо | **Қисме аз матни дарс барои қайд** (тасвир ё навиште, ки бояд нишон дода шавад, ва хонандагон дар дафтарашон нависан) | Вақт |
|---|---|---|---|---|
| Муқаддима | А) Баёни мавзуъ | Салом хонандагони азиз. Имрӯз бо шумо яке аз мавзуҳои фанни геометрияи синфи 9 **“Татбиқи координатаҳои векторҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳо”** – ро меомӯзем. Қисми асосии эҷодиёти фикрии инсон ба ҳалли масъалаҳо алоқаманд аст. Фикри ӯ ба ягон мақсад равона карда шудааст, вай тарз ва воситаҳои ба даст овардани мақсадҳои пешгузоштаро меҷӯяд. Танҳо инсоният ба ҳал кардани масъалаҳои стандартӣ қодир мебошад, зеро ҳастанд масъалаҳое, ки тавассути барномаҳои махсуси компютери ҳал карда мешаванд. | Ҳангоми баёни ин қисмати дарс омӯзгор хонандагонро хаёлан ба ягон муҳит мебарад то худашонро дар дохили синфхона маҳдуд накунанд. **“Татбиқи координатаҳои векторҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳо”** | 0,5 дақ. - 30 сон. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Б) Баёни мақсадҳои дарс | Хонандагони азиз, то анҷоми дарс мо векторҳоро дар ҳалли масъалаҳо меомӯзем ва дар ҳаёт татбиқ карда метавонем. | Дар тахта мақсадҳои дарс оварда мешавад.<br>**Мақсади дарс**<br>✓ Амалҳо бо векторҳоро медонед;<br>✓ Дар масъалаҳои ҳаёти татбиқ карда метавонед: | 2 дақ. |
| **Асо-сӣ** | Фаъолияти 1. | Мавҳуми вектор танҳо калима илмӣ набуда, ифодакунандаи маънои тасвир нест. Якктор масъалаҳое мебошанд, ки тавассути векторҳо ҳал карда мешаванд ва ин масъалаҳо бештар ба бузургиҳои мусбат таалluқ доранд.<br>Чун геометрия ба қисмҳое чун планиметрия ва стере-ометрия ҷудо карда мешавад векторҳо низ ба қисмҳои ҳамворӣ ва фазо ҷудо карда мешаванд. Агар дар ҳамворӣ векторҳо дорои ду координата бшанд, дар фазо ба ин координатаҳо иловаи координатаи сеюм зарур аст ва ҳама амалҳое, ки барои векторҳо дар ҳамворӣ ҷой доранд, дар аекторҳои фазогӣ низ татбиқшаванда мебошанд.<br>Масалан, агар вектори $\vec{a}$ дар ҳамворӣ $\vec{a} = (\overline{a_1; a_2})$ ифода карда шавад, пас ин дар векторҳои фазоӣ $\vec{a} = (\overline{a_1; a_2; a_3})$ нишон дода мешавад.<br>Қайд кардан ба маврид аст, ки дар баробари он ки векторҳо ҳамсамт,муқобилсамт, гуногунсамт ва баробар буданашон боз онҳо ҷамъ ва тарҳ, зарб ба адад ва тақсми карда мешаванд.<br>Зери мфафҳуми амалҳо бо векторҳо ҷамъ ва тарҳи онҳо, координатаҳои векторҳо, зарби скалярию зарби вектор ба адад ва шарти коллениярии векторҳо фаҳмида мешавад. | **ГЕОМЕТРИЯ** ⇒ { **ПЛАНИМЕТРИЯ ВА СТЕРЕОМЕТРИЯ**<br><br>**ВЕКТОРҲО** ⇒ { **ДАР ҲАМВОРӢ ВА ДАР ФАЗО**<br><br>$\vec{a} = (\overline{a_1; a_2})$ – дар ҳамворӣ<br>$\vec{a} = (\overline{a_1; a_2; a_3})$ – дар фазо<br><br><br> | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **Мисоли 1.** Векторҳои $\vec{a}+\vec{b}$ ва $\vec{a}+\vec{c}$ - ро меёбем, агар онҳо координатаҳои $\vec{a}=\overline{(5;\ -3)}$, $\vec{b}=\overline{(-4;\ -3)}$ ва $\vec{c}=\overline{(-7;\ 0)}$ дошта бошанд.<br>**Ҳал.** Аз формулаҳои $\vec{a}+\vec{b}=(x_1;y_1)+(x_2;y_2)=\overline{(x_2+x_1;\ y_2+y_1)}$ ба ин тартиб барои $\vec{a}+\vec{c}$ аз формулаи<br>$\vec{a}+\vec{c}=(x_1;y_1)+(x_2;y_2)=$<br>$=\overline{(x_2+x_1;\ y_2+y_1)}$<br>истифода мебарем.<br>$\vec{a}+\vec{b}=\overline{(5;\ -3)}+\overline{(-4;\ -3)}$<br>$=\overline{(5+(-4);\ -3+(-3))}$<br>$=\overline{(5-4;-3-3)}=\overline{(1;-6)}$<br>Ҷавоб. $\overline{(1;-6)}$<br>$\vec{a}+\vec{c}=\overline{(5;\ -3)}+\vec{c}=\overline{(-7;\ 0)}=$<br>$\overline{(5+(-7);\ -3+0)}=\overline{(5-7;\ -3)}$<br>$=$<br>$=\overline{(-2;-3)}$<br>Ҷавоб. $\overline{(-2;-3)}$<br>**Мисоли 2.** Фарқи векторҳо ба воситаи координатаҳоро истифода бурда, $\vec{a}-\vec{b}$ ва $\vec{b}-\vec{c}$ – ро меёбем.<br>Агар $\vec{a}=\overline{(4;\ 3)}$, $\vec{b}=\overline{(-2;\ -3)}$ ва вектори $\vec{c}=\overline{(6;\ 2)}$ бошад.<br>**Ҳал.** Аз формулаҳои $\vec{a}-\vec{b}=\overline{(x_1;y_1)-(x_2;y_2)}=\overline{(x_1-x_2;\ y_1-y_2)}$ ба барои $\vec{b}-\vec{c}$ аз формулаи<br>$\vec{b}-\vec{c}=\overline{(x_1;y_1)-(x_2;y_2)}=$<br>$=\overline{(x_1-x_2;\ y_1-y_2)}$<br>истифода мебарем.<br>$\vec{a}-\vec{b}=\overline{(4;3)}-\overline{(-2;-3)}$<br>$=\overline{\left(4-(-2);\ 3-(-3)\right)}=$<br>$=\overline{(4+2;3+3)}=\overline{(6;6)}$<br>Ҷавоб. $\overline{(6;6)}$<br>$\vec{b}-\vec{c}=\overline{(-2;\ -3)}-\overline{(6;\ 2)}=$<br>$=\overline{(-2-6;\ -3-2)}=\overline{(-8;\ -5)}$<br>Ҷавоб. $\overline{(-8;\ -5)}$ | **Мисоли 1.**<br>$\vec{a}+\vec{b}$ ва $\vec{a}+\vec{c}$<br>$\vec{a}=\overline{(5;\ -3)}$,<br>$\vec{b}=\overline{(-4;\ -3)}$<br>$\vec{c}=\overline{(-7;\ 0)}$<br>**Ҳал.**<br>$\vec{a}+\vec{b}=(x_1;y_1)+(x_2;y_2)=$<br>$=\overline{(x_2+x_1;\ y_2+y_1)}$<br>$\vec{a}+\vec{c}=(x_1;y_1)+(x_2;y_2)=$<br>$=\overline{(x_2+x_1;\ y_2+y_1)}$<br>$\vec{a}+\vec{b}=\overline{(5;\ -3)}+\overline{(-4;\ -3)}$<br>$=\overline{(5+(-4);\ -3+(-3))}$<br>$=\overline{(5-4;-3-3)}=\overline{(1;-6)}$<br>Ҷавоб. $\overline{(1;-6)}$<br>$\vec{a}+\vec{c}=\overline{(5;\ -3)}+\vec{c}=\overline{(-7;\ 0)}$<br>$=\overline{(5+(-7);\ -3+0)}$<br>$=\overline{(5-7;\ -3)}=\overline{(-2;-3)}$<br>Ҷавоб. $\overline{(-2;-3)}$<br>**Мисоли 2.**<br>$\vec{a}-\vec{b}$ ва $\vec{b}-\vec{c}$<br>$\vec{a}=\overline{(4;\ 3)}$,<br>$\vec{b}=\overline{(-2;\ -3)}$<br>$\vec{c}=\overline{(6;\ 2)}$<br>**Ҳал.**<br>$\vec{a}-\vec{b}=\overline{(x_1;y_1)-(x_2;y_2)}=$<br>$=\overline{(x_1-x_2;\ y_1-y_2)}$<br>$\vec{b}-\vec{c}=\overline{(x_1;y_1)-(x_2;y_2)}=$<br>$=\overline{(x_1-x_2;\ y_1-y_2)}$<br>$\vec{a}-\vec{b}=\overline{(4;3)}-\overline{(-2;-3)}=$<br>$=\overline{\left(4-(-2);\ 3-(-3)\right)}=$<br>$=\overline{(4+2;3+3)}=\overline{(6;6)}$ | |

<table>
<tr>
<td></td>
<td></td>
<td>

**Мисоли 3.** Қоидаи секунҷагии ҷамъи векторҳоро истифода бурда суммаи векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ – ро месозем.

**Ҳал.** Аввал векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ – ро аз нуқтаи $A$ интихоб мекунем. Масалан, дар мисоли мо $\overline{AB} = \vec{a}$ ва $\overline{BC} = \vec{c}$ . Баъдан ибтидои векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ – ро ба ҳам пайваст мекунем. Дар охир ибтидои вектори $\vec{a}$ – ро бо интиҳои вектори $\vec{b}$ пайваст карда, фигураи секунҷаро пайдо мекунем, ки ин ифодакунандаи ҷавоби мисол аст.




**Мисоли 4.** Суммаи векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ – ро аз рӯйи қоидаи параллелограмм месозем.

**Ҳал.** Аввал вектори $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ – ро аз нуқтаи $A$ интихоб мекунем. Масалан, дар мисоли мо $\overline{AB} = \vec{a}$ ва $\overline{AD} = \vec{b}$ баъдан ибтидои векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ – ро ба ҳам пайваст мекунем. Ҷун қоидаи сохтан параллелограмм аст ва дар он тарафҳои муқобил ба ҳам баробаранд ва мо низ ба надозаи векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ – и дигареро месозем, ки пуркунандаи тарафҳои муқобил бошанд ва шартҳои $\overline{BC} = \overline{AD}$; $\overline{DC} = \overline{AB}$ – ро итоаткунанда бошанд. Дар охир ибтидои вектори $\vec{a}$ – ро бо интиҳои вектори $\vec{b}$ пайваст

</td>
<td>

Ҷавоб. $\overline{(6;6)}$

$\vec{b} - \vec{c} = \overline{(-2;\ -3)} - \overline{(6;\ 2)} = \overline{(-2-6;\ -3-2)} = \overline{(-8;\ -5)}$

Ҷавоб. $\overline{(-8;\ -5)}$

**Мисоли 3. Ҳал.**

$\overline{AB} = \vec{a}$ ва $\overline{BC} = \vec{c}$.

**Маълум**: $\vec{a}$ ва $\vec{b}$

***Матлуб***: $\vec{a} + \vec{b}$.

*Низоми сохтан:*

1) Интихоби векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ ва нуқтаи $A$ (расми 33).
2) Сохтани $\overrightarrow{AB} = \vec{a}$.
3) Сохтани $\overrightarrow{BC} = \vec{b}$.
4) Сохтани $\overrightarrow{AC}$.




**Мисоли 4.**

$\overline{AB} = \vec{a}$ ва $\overline{AD} = \vec{b}$

$\vec{a}$ ва $\vec{b}$

$\overline{BC} = \overline{AD}$; $\overline{DC} = \overline{AB}$

</td>
<td></td>
</tr>
</table>

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | карда, фигураи геометрии параллелограммро пайдо мекунем, ки ин ифодакунандаи ҷавоби мисол аст.<br><br><br>Хонандагони гиромӣ, тарҳи векторҳоро низ тавассути қоидаи секунҷавӣ ва параллелограммӣ чунин иҷро кардан мумкин аст. Аммо саволи матраҳ чунин аст. Агар сумма ва фарқи векторҳо тариқи қоидаҳои секунҷавӣ ва параллелограмӣ ягона бошанд, пас чӣ фарқе байни онҳо мемонад. Ҷавоб чунин аст:<br>- барои суммаи векторҳо бояд ибтидои векторҳо пайваст карда шавад;<br><br><br>- барои фарқашон бошад бояд интиҳои векторҳо ба ҳам пайваст карда шавад.<br><br><br>$\vec{c}=\vec{a}-\vec{b}$<br>$\vec{a}=\vec{b}+\vec{c}$ | ***Маълум***: $\vec{a}$ ва $\vec{b}$<br>***Матлуб***: $\vec{a}+\vec{b}$<br>*Низоми сохтан:*<br>1) Интихоби векторҳои $\vec{a}, \vec{b}$ ва нуктаи *A* (расми 36).<br>2) Сохтани $\overrightarrow{AB}=\vec{a}$.<br>3) Сохтани $\overrightarrow{AD}=\vec{b}$.<br>4) Сохтани $\overrightarrow{BC}=\overrightarrow{AD}$.<br>5) Сохтани $\overrightarrow{DC}=\overrightarrow{AB}$.<br>6) Сохтани $\overrightarrow{AC}$.<br><br><br>Аммо саволи матраҳ чунин аст. **Агар сумма ва фарқи векторҳо тариқи қоидаҳои секунҷавӣ ва параллелограммӣ ягона бошанд, пас чӣ фарқе байни онҳо мемонад.** Ҷавоб чунин аст:<br>- барои суммаи векторҳо бояд ибтидои векторҳо пайваст карда шавад;<br><br> | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | - барои фарқашон бошад бояд интиҳои векторҳо ба ҳам пайваст карда шавад.<br><br>$\vec{c}=\vec{a}-\vec{b}$<br>$\vec{a}=\vec{b}+\vec{c}$ | |
| | Фаъолияти 2. | Хонандагони гиромӣ, дар қисми дуюми масъала ба мафҳумҳои координатаҳои векторҳо, зарби вектор ба адад, шарти коллениярии векторҳо ва зарби скалярии ду векторро дида мебароем.<br>Бигзор координатаҳои вектори $\vec{A}=\overline{(2;-5)}$ ва $\vec{B}=\overline{(6;\ -2)}$ дода шуда бошанд.<br>**Мисоли 1.** Координатаҳои вектор $\overline{AB}$ ва дарозии вектори $\|AB\|$ – ро меёбем.<br>**Ҳал.** Аз формулаҳои $\overline{AB}=\overline{(x_2-x_1;\ y_2-y_1)}$ ва $\|\overline{AB}\|=\sqrt{(x_2-x_1)^2+(y_2-y_1)^2}$ истифода мебарем.<br>$\overline{AB}=\overline{(6-2;\ -2-(-5))}=$<br>$=\overline{(4;\ -2+5)}=\overline{(4;\ 3)}$<br>**Ҷавоб: $\overline{(4;\ 3)}$**<br>$\|\overline{AB}\|=\sqrt{(6-2)^2+\left(-2-(-5)\right)^2}=$<br>$=\sqrt{4^2+(-2+5)^2}=\sqrt{16+3^2}=$<br>$=\sqrt{16+9}=\sqrt{25}=5$<br>**Ҷавоб: 5**<br>Ёдрас мешавем, ки **ҳосили зарби вектори $\overline{(a_1;a_2)}$ ба адади $\lambda$ гуфта вектори $\overline{(\lambda a_1;\lambda a_2)}$ – ро меноманд, яъне $\overline{(a_1;a_2)}=\overline{(\lambda a_1;\lambda a_2)}$.**<br>**Мувофиқи таъриф $\overline{(a_1;a_2)}=\overline{(\lambda a_1;\lambda a_2)}$ мебошад.**<br>Дуруст дарк кардед, хонандагони гиромӣ, доир ба мавзӯи зарби адад ба вектор сухан рафта истодааст.<br>**Мисоли 2.** Зарби адад 4 бо вектори $\vec{a}=\overline{(4;-7)}$ – ро меёбем. | $\vec{A}=\overline{(2;-5)}$ ва $\vec{B}=\overline{(6;\ -2)}$<br>**Мисоли 1.** $\overline{AB}$ $\|AB\|$<br>**Ҳал.**<br>$\overline{AB}=\overline{(x_2-x_1;\ y_2-y_1)}$<br>$\|\overline{AB}\|=\sqrt{(x_2-x_1)^2+(y_2-y_1)^2}$<br>$\overline{AB}=\overline{(6-2;\ -2-(-5))}=$<br>$=\overline{(4;\ -2+5)}=\overline{(4;\ 3)}$<br>**Ҷавоб: $\overline{(4;\ 3)}$**<br>$\|\overline{AB}\|=\sqrt{(6-2)^2+\left(-2-(-5)\right)^2}=$<br>$\sqrt{4^2+(-2+5)^2}=\sqrt{16+3^2}=$<br>$\sqrt{16+9}=\sqrt{25}=5$<br>**Ҷавоб: 5**<br>**Ҳосили зарби вектори $\overline{(a_1;a_2)}$ ба адади $\lambda$ гуфта вектори $\overline{(\lambda a_1;\lambda a_2)}$ – ро меноманд, яъне $\overline{(a_1;a_2)}=\overline{(\lambda a_1;\lambda a_2)}$.**<br>**Мувофиқи таъриф $\overline{(a_1;a_2)}=\overline{(\lambda a_1;\lambda a_2)}$ мебошад.**<br>**Мисоли 2.** 4 ба $\vec{a}=\overline{(4;-7)}$ | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **Ҳал.** Барои зарби адад ба вектор аз формулаи $\vec{a}\cdot\lambda = \overline{(a_1;a_2)} = \overline{(\lambda a_1;\lambda a_2)}$ истифода мебарем.<br>$\vec{a}\cdot\lambda = 4\cdot\overline{(4;-7)} =$<br>$= \overline{\left(4\cdot 4;\ 4\cdot(-7)\right)} = \overline{(16;-28)}$<br>Яъне агар вектори $\vec{a}$ дода шуда бошад, 4 – то чунин векторро сохтан талаб карда мешавад.<br><br>**Ҷавоб.** $\overline{(16;-28)}$<br>**Мисоли 3.** Зарби адади $-\frac{3}{5}$ бо вектори $\vec{a} = \overline{\left(\frac{2}{7};-\frac{5}{9}\right)}$ -ро меёбем.<br>**Ҳал.** Чун мисоли 2 аз формулаи $\vec{a}\cdot\lambda = \overline{(a_1;a_2)} = \overline{(\lambda a_1;\lambda a_2)}$ истифода мебарем.<br>$\vec{a}\cdot\left(-\frac{3}{5}\right) = \left(-\frac{3}{5}\right)\cdot\overline{\left(\frac{2}{7};-\frac{5}{9}\right)} =$<br>$\overline{\left(-\frac{3}{5}\cdot\frac{2}{7};-\frac{5}{9}\cdot\left(-\frac{3}{5}\right)\right)} =$<br>$= \overline{\left(\frac{6}{35};-\frac{5\cdot 3}{3\cdot 3\cdot 5}\right)} = \overline{\left(\frac{6}{35};\frac{1}{3}\right)}$<br>**Ҷавоб.** $\overline{\left(\frac{6}{35};\frac{1}{3}\right)}$<br>**Агар байни ду вектор шарти** $\vec{b} = \lambda\cdot\vec{a}$ иҷро шавад, пас мегуянд, ки векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ колленияр мебошанд.<br>**Таъриф. Агар векторҳои ғайринулии $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ коллениярӣ бошанд, он гоҳ чунин адади $\lambda$ мавҷуд аст, ки барояш $\vec{b} = \lambda\cdot\vec{a}$ мебошад.**<br>**Мисоли 4.** Коллениярии векторҳои $\vec{a} = \overline{(5;6)}$; $\vec{b} = \overline{(10;12)}$ -ро месанҷем.<br>**Ҳал.**<br>$\vec{b} = \overline{(10;12)} = \overline{(5\cdot\mathbf{2};\ 6\cdot\mathbf{2})} =$<br>$= \mathbf{2}\overline{(5;6)} = \mathbf{2}\cdot\vec{a}$<br>$\boldsymbol{\lambda} = \mathbf{2}\cdot\vec{a}.$<br>Аз ин ҷо бар меояд, ки векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ коллениянд.<br>Агар векторҳои $\vec{a} = \overline{(x_1;y_1)}$ | **Ҳал.**<br>$\vec{a}\cdot\lambda = \overline{(a_1;a_2)} = \overline{(\lambda a_1;\lambda a_2)}$<br>$\vec{a}\cdot\lambda = 4\cdot\overline{(4;-7)} =$<br>$= \overline{\left(4\cdot 4;\ 4\cdot(-7)\right)} = \overline{(16;-28)}$<br><br>**Ҷавоб.** $\overline{(16;-28)}$<br>**Мисоли 3.** $-\frac{3}{5}$ бо $\vec{a} = \overline{\left(\frac{2}{7};-\frac{5}{9}\right)}$<br>**Ҳал.**<br>$\vec{a}\cdot\lambda = \overline{(a_1;a_2)} = \overline{(\lambda a_1;\lambda a_2)}$<br>$\vec{a}\cdot\left(-\frac{3}{5}\right) = \left(-\frac{3}{5}\right)\cdot\overline{\left(\frac{2}{7};-\frac{5}{9}\right)} =$<br>$= \overline{\left(-\frac{3}{5}\cdot\frac{2}{7};-\frac{5}{9}\cdot\left(-\frac{3}{5}\right)\right)} =$<br>$= \overline{\left(\frac{6}{35};-\frac{5\cdot 3}{3\cdot 3\cdot 5}\right)} = \overline{\left(\frac{6}{35};\frac{1}{3}\right)}$<br>**Ҷавоб.** $\overline{\left(\frac{6}{35};\frac{1}{3}\right)}$<br>**Агар байни ду вектор шарти** $\vec{b} = \lambda\cdot\vec{a}$ иҷро шавад, пас мегуянд, ки векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ колленияр мебошанд.<br>**Таъриф. Агар векторҳои ғайринулии $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ коллениярӣ бошанд, он гоҳ чунин адади $\lambda$ мавҷуд аст, ки барояш $\vec{b} = \lambda\cdot\vec{a}$ мебошад.**<br>**Мисоли 4.**<br>$\vec{a} = \overline{(5;6)}$ ва $\vec{b} = \overline{(10;12)}$<br>**Ҳал.**<br>$\vec{b} = \overline{(10;12)} = \overline{(5\cdot\mathbf{2};\ 6\cdot\mathbf{2})} =$<br>$= \mathbf{2}\overline{(5;6)} = \mathbf{2}\cdot\vec{a}$<br>$\boldsymbol{\lambda} = \mathbf{2}\cdot\vec{a}.$<br>векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ коллениянд. | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | ва $\vec{b}=\overline{(x_2;y_2)}$ коллениярӣ бошанд, пас $\lambda=\frac{x_2}{x_1}=\frac{y_2}{y_1}$ ҷой дорад ва $\vec{b}=\lambda\cdot\vec{a}$ мебошад.<br>**Ҷавоб. Векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ коллениярӣ мебошанд.**<br>Бояд тазаккур дод, ки дар баробари амалҳои боло баёнкардаамон вектор бо вектор зарб ҳам карда мешавад ва натиҷаи ин зарб ба адад баробар аст. Агар пайхас бурда бошед, шогирдони азиз ин гуна зарбро зарби скалярии векторҳо меноманд.<br>**Таъриф: Зарби скалярии вектори $\vec{a}=\overline{(x_1;y_1)};\vec{b}=\overline{(x_2;y_2)}$ адади $x_1\cdot y_1+x_2\cdot y_2$ мебошад.**<br>$\vec{a}\cdot\vec{b}=\overline{(x_1;y_1)}\cdot\overline{(x_2;y_2)}=x_1\cdot y_1+x_2\cdot y_2$<br>**Мисоли 5.** Зарби скалярии векторҳои $\vec{a}=\overline{(3;7)}$ ва $\vec{b}=\overline{(-5;6)}$ – ро меёбем.<br>**Ҳал.** Аз формулаи $\vec{a}\cdot\vec{b}=\overline{(x_1;y_1)}\cdot\overline{(x_2;y_2)}=x_1\cdot y_1+x_2\cdot y_2$ истифода мебарем.<br>$\vec{a}\cdot\vec{b}=\overline{(3;7)}\cdot\overline{(-5;6)}=$<br>$=3\cdot(-5)+7\cdot6=-15+42=27$<br>**Ҷавоб. 27**<br>**Зарби скалярии вектори $\vec{a}$ – ро бо вектори $\vec{a}$ квадрати скалярӣ низ меноманд ва ин тавр менависанд: $\vec{a}\cdot\vec{a}=\|\vec{a}\|^2$**<br>**Ё ин ки**<br>$\vec{a}\cdot\vec{a}=\overline{(x_1;y_1)}\cdot\overline{(x_1;y_1)}=x_1{}^2+y_1{}^2$<br>**Мисоли 6.** Зарби скалярии вектори $\vec{a}=\overline{(5;-7)}$ – ро меёбем.<br>**Ҳал.** Аз формулаи $\vec{a}\cdot\vec{a}=\overline{(x_1;y_1)}\cdot\overline{(x_1;y_1)}=x_1{}^2+y_1{}^2$ истифода мебарем.<br>$\vec{a}\cdot\vec{a}=\overline{(5;-7)}\cdot\overline{(5;-7)}=5^2+$<br>$+(-7)^2=25+49=74$<br>**Ҷавоб. 74** | $\vec{a}=\overline{(x_1;y_1)}$ ва $\vec{b}=\overline{(x_2;y_2)}$<br>$\lambda=\frac{x_2}{x_1}=\frac{y_2}{y_1}$ аст ва $\vec{b}=\lambda\cdot\vec{a}$<br>**Ҷавоб. Векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ коллениярӣ мебошанд.**<br>**Таъриф: Зарби скалярии вектори $\vec{a}=\overline{(x_1;y_1)};\vec{b}=\overline{(x_2;y_2)}$ адади $x_1\cdot y_1+x_2\cdot y_2$ мебошад.**<br>$\vec{a}\cdot\vec{b}=\overline{(x_1;y_1)}\cdot\overline{(x_2;y_2)}=x_1\cdot y_1+x_2\cdot y_2$<br>**Мисоли 5.**<br>$\vec{a}=\overline{(3;7)}$ ва $\vec{b}=\overline{(-5;6)}$<br>**Ҳал.**<br>$\vec{a}\cdot\vec{b}=\overline{(x_1;y_1)}\cdot\overline{(x_2;y_2)}=x_1\cdot y_1+x_2\cdot y_2$<br>$\vec{a}\cdot\vec{b}=\overline{(3;7)}\cdot\overline{(-5;6)}=$<br>$=3\cdot(-5)+7\cdot6=-15+42=27$<br>**Ҷавоб. 27**<br>**Зарби скалярии вектори $\vec{a}$ – ро бо вектори $\vec{a}$ квадрати скалярӣ низ меноманд ва ин тавр менависанд:**<br>$\vec{a}\cdot\vec{a}=\|\vec{a}\|^2$<br>**Ё ин ки**<br>$\vec{a}\cdot\vec{a}=\overline{(x_1;y_1)}\cdot\overline{(x_1;y_1)}=x_1{}^2+y_1{}^2$<br>**Мисоли 6.** $\vec{a}=\overline{(5;-7)}$<br>**Ҳал.**<br>$\vec{a}\cdot\vec{a}=\overline{(x_1;y_1)}\cdot\overline{(x_1;y_1)}=x_1{}^2+y_1{}^2$<br>$\vec{a}\cdot\vec{a}=\overline{(5;-7)}\cdot\overline{(5;-7)}=5^2+$<br>$+(-7)^2=25+49=74$<br>**Ҷавоб. 74** | |
| **Ниҳоӣ** | Шарҳи воситаҳои ҷамъбасти и дарс | Хонандагони азиз мо бовари дорем, ки аз дарси видеоии мо Шумо барои худ донишҳои заруриро гирифтед. Хайр то дарсҳои оянда хуш бимонед. | | 1 дақ. |

# «ШОГИРД»

## (Ҳаҷвия)



Шодӣ РАҶАБЗОД – адиб

**Олим Олимзода, ки дар кадом як мактаби олии пойтахт дарс мегуфту соҳибунвон буд (доктори илм, профессор, физики шинохта) дар истгоҳи деҳа мунтазири мошинҳои роҳ меистод, ки баногоҳ дар наздаш мошини сабукрави тамғаи «Х – 6»-и наппа - нави сиёҳи ялаққосӣ қарор гирифт. Дарро ронанда боз намуд ва ба чеҳраи муаллим дида дӯхта, лабонаш ғарқи табассум хитоб намуд:**

– Марҳамат, устод, бароҳат бинишинед.

Пас аз аҳволпурсӣ маълум гардид, ки ронанда, ҷавони қадбаланди 30–35-сола, мӯйҳояш шонахӯрдаи равғанӣ, айнаки сиёҳ дар чашм, бо либосҳои наву мӯди замонавӣ Раҳимбек, писари Саидбек, набераи бобои Ҷӯрабек будааст, ки муқими шаҳри Маскав асту ба тиҷорату савдо дар он шаҳр машғул.

– Э устод, устод, – афзуд бо хушҳолӣ Раҳимбек, – хеле шуд, ки бо шумо вонахӯрда будам. Охир, шумо кам не – ғам не, 5 сол ба мо дар мактаби деҳа дарс дода будед. Мо як умр агар хизмати шуморо ба ҷо орем, кам аст. Ҳаққи шумо бар мо зиёд аст.

– Ҳеҷ ҷойи ташвиш надорад ин ҳама, – чашм аз роҳ наканда посух дод Олим Олимзода, – Мо аз шумо хурсанд ҳастем, муҳим ин ки ҳар ҷо бошед, сиҳату саломатии шумо барои мо давлат аст, шогирд.

Аснои ҳаракат дар роҳ банохост нигоҳи чашмони Раҳимбек ба ҷузвдони устодаш афтид, ки рангбохтаю фарсуда ба назар мерасид.



– Устод, сумкаатон хеле кӯҳна шудааст-ку, – дилсӯзона гуфт шогирд.

– Шумо одами чор кас мешинохтагӣ, обрӯю ифтихори деҳаи мо чӣ ки, ҷамоату ноҳия, балки ҷумҳурӣ ҳастед. Ба шумо бардошта гаштани сумкаи кӯҳнаю фарсуда намезебад.

– Ман, Раҳимбекҷон, ростӣ, ба сумкаам эътибор ҳам намедиҳам, – бепарво гуфт муаллим ва илова кард:

– Лекин шумо ишораи хуб кардед, сумкаи нав харидан лозим. Ҳа - а…

– Шумо дар ин бора фикр ҳам накунеду ташвиши зиёдатӣ ҳам накашед, – бо оҳанги дилпурона ба суханаш идома дод Раҳимбек.

– Ман аз Россия чанд сумкаи мӯди нав овардагӣ. Чунон зебову хушранганд, ки бо ҷилои худ чашм мебаранд. Дар байни ин портфелҳо махсус ба шумо мезебидагияш ҳам ҳаст. Бегоҳ - пагоҳ ҳатман оварда ба шумо ҳадя хоҳам кард, устод. Дар ин бобат бепарво бошед.

Олим Олимзода аз хушҳолӣ чеҳрааш шукуфта, бо миннатдорӣ ҷониби Раҳимбек нигарист:

– Раҳмат, писарам, саломат бошед. Лекин гуфтам - ку, ташвиш накашед ҳам, мешавад. Як сумка-да, насиб кунад, мехарем.

– Э, не, не, дар ин хусус дигар ҳарфе ба забон наоред. Масъала ҳал, тамом – вассалом.

Сумкаро пагоҳ ё бегоҳ ба шумо мерасонам, устод.

…Бегоҳ аз кор баргашта, Олим Олимзода ҳеҷ тағйироту дигаргуниро мушоҳида накард. Аммо, содаю зудбовар, ки буд, ба ёдаш Раҳимбеку ҷузвдони наву таърифияш расиду лабханде кард…

Рӯзҳо яке пайи дигар тирвор мегузаштанду аз Раҳимбеку ҷузвдонаш хабареву дараке набуд. Баъдтар муаллим огаҳ гардид, ки аз рафтани Раҳимбек ба Русия ду ҳафта пушти сар шудаасту ӯ бехабар.

Ин гуна тақрибан баъди сипарӣ гардидани соле боз дар истгоҳи деҳа муаллим Олим Олимзода интизори мошинҳои роҳ буд, ки мошини сабукрави тамғаи «Икс» – и нави пурҷило наздаш қарор гирифт.

Дарро муаллим худ кушода, шогирдаш Раҳимбекро паси чамбар дида, аввал каме ҳайрон шуду сипас хушҳолие фаро гирифташ. Пас аз аҳволпурсӣ Раҳимбек фаҳмонд, ки ба хабаргирии падару модарашу бародаронаш омадааст. Аз сумкаи ваъдагӣ умуман, гап накушод.

– Ба кор рафта истодаед? – пас аз хомӯшии ба миён омада пурсид Раҳимбек. – Хаёлам, ҳоло ҳам дар донишгоҳ дарс мегӯед-а?

– Дар донишгоҳ дарс мегӯяму лекин ҳоло дар рухсатиям, – шарҳ дод Олим Олимзода ва афзуд:

– Дандонҳо ғам дода истодаанд. Сол, ки рафт дандон мерезаду мӯят сафеду чашмат хира мешавад…

– Чӣ, шумо дандон карданиед? – бо қиёфаи ҷиддӣ кунҷковӣ кард Раҳимбек.

– Ҳа, ҳамин хел ният дорем.

– Шумо, устодҷон, дар ин бобат парво накунеду зиқ нашавед. Ман худам шуморо бурда, дар духтури шинос дандонҳоятонро нав мекунонам. Аз хусуси маблағаш ҳоҷати гап нест. Мо, устоди азиз, ба шумо ҳамин қадар хизмат накунем, айб нест магар? Дандон асоси зиндагист, устод. Шоир беҳуда нагуфтааст-ку:

**Зиндагонӣ бо зану дандон бувад,**
**Бе зану дандон ҷаҳон зиндон бувад.**

**–** Худи пагоҳ ман шуморо хабар гирифта, аз пайи кор мешавем. Бад-ин тариқ, як пагоҳ чӣ ки, даҳ пагоҳ дар як пилк ба ҳам задани чашмон гузашта рафту аз Раҳимбек хатту хабаре нашуд. Дар хусуси пизишки шиносашу дандонҳои нави устод Олимзода табиист, ки ҳоҷати гап ҳам набуд.

Маълум шуд, ки Раҳимбек кайҳо ба Русия баргаштаасту боз ҳам Олимзода аз рафтани ӯ бехабар мондааст.

Соле баъд (шояд бо амри тасодуф бошад!) боз Олим Олимзода дар истгоҳи деҳа мунтазири нақлиёту азми ба кор рафтан дошт, ки мошини тамғаи «Х – класс»-и наву оҳарии пурҷило наздаш қарор гирифт. Дарро кушода (воаҷабо!), Раҳимбеки шогирдашро дид, ки хандаи дандоннамое чеҳраашро фаро гирифта (дандонҳояш болою поён тилло буду медурахшид), аз паси айнаки тира ба ӯ менигарист.

– Марҳабо, устоди азиз, марҳабо, – ханда дар лаб муроот кард Олимзодаро шогирди «бовафо»-яш.

– Чӣ ҳол доред? Хубед?

– Хубам, хубам, – изҳор намуд устод ва ба кабинаю салони мошин ишора кард:

– Муборак шавад, мошини нав. Дуо мекунем, ки ҳамеша дар рӯзҳои тӯю хурсандӣ хизмат кунад.

Пасон Раҳимбек аз Олимзода пурсон шуд, ки чӣ ташвишу гирифториҳое дорад. Олимзода фаҳмонд, ки ҳама корҳояш хубанд, ҳеҷ ташвишу мушкиле надорад.

– Фақат, – ба ёдаш чизе расид, ки хитобид вай, – ҳоло аз пайи чопи китоби навам ҳастам. Китоби калон, маҷмуи мақолаҳои илмии солҳои охир навиштаам аст, ин китоб.

– Ана чоп кардани ин китобу хароҷоташ ба зиммаи ман, устодҷон, – бо тафохур гуфт Раҳимбек. – Ман аз ин проблема кам - кам хабар дорам. Медонам, ки барои тайёр кардану ба нашр расондани китобе маблағи калон зарур аст. Ҳамин маблағи чопи китобатон тани ман. Чӣ гуфтед, устод?

Ҳангоме ки Олимзода дар маркази шаҳр аз мошин поён мешуд, Раҳимбек бо овози баланд:

– Устод, пагоҳ ман шуморо хабар мегирам, бепарво бошед, – гӯён дарро пӯшид…

Пас аз гузаштани соле боз ҳам Олим Олимзода дар истгоҳи деҳа мунтазири мошин, озими шаҳр буд, ки тифоқо сабукрави тамғаи «А»-и боазамате наздаш қарор гирифт.

– Раҳимбек? – дарро кушодан замон шогирдашро паси чамбар дида, беихтиёр нидо баровард муаллим. – Аз Русия баргаштед?

– Ҳо, устодҷон, хабаргирӣ омадам, – посух дод Раҳимбек. Ва ба суханаш идома дод:

– Ҳолатон хуб аст, устоди азиз? Ба шаҳр, ба кор равонаед?

– Ҳа, ба кор рафта истодаам, – гуфт Олим Олимзода. Баъди каме хомӯшӣ ба шогирдаш тавзеҳ дод, ки се рӯз баъд зодрӯз дорад.

– Э, табрик, табрик, устодҷон, – хандида гуфт Раҳимбек. Нафаҳмида мондам, хуб нашудааст.

– Хайр, ҳеҷ гап не, ҳоло вақт аст. Худи пагоҳ, дер нашуда, ба шумо шиму костюми нав харида, туҳфа мекунам. Ана ҳамон шиму костюми гаронбаҳоро дар рӯзи мавлудатон ба бар мекунед. Нуран ало нур мешавад.

Олим Олимзода маънидорона сӯйи шогирдаш нигариста, гулӯ равшан кард:

– Шумо, шогирди азиз, ягон хел ташвиш накашед. Бачаҳо кайҳо шиму костюм харида, туҳфаам карданд. Умуман, бояд донед, ки ба шарофати ваъдаҳои шумо банда соҳиби сумкаи нави ялаққосӣ шуда, дандонҳоямро нав кунондам. Дар ин байн китобамро низ бо дастгирии шогирдон ба нашр расондам. Ҳазорсола шаванд, дӯстону шогирдони содиқи банда! Аз шумо хоҳиш доштам, ки дар зодрӯзам иштирок кунед, тамом – вассалом.

– Э раҳмат, раҳмат, устоди азиз, – гӯё ки ҳеҷ воқеа рух надода бошад, бепарво ба забон овард Раҳимбек. – Ҳатман дар зодрӯзатон иштирок хоҳам кард.

Аммо… худи ҳамон рӯз Раҳимбек чипта харидаву ба Русия «думро хода кард».

Омӯзгори асилро зарур аст, ки ҳастии худро ба донишандӯзии фарзандони халқ сарф намояд, онҳоро мисли нури чашми хеш азиз донад, барои босавод, бомаърифат, соҳибҳунар ва соҳибкасб шудани шогирдон заҳмат кашад ва бо ин восита инсони комилро ба воя расонад. Чунин масъулият омӯзгорро обрӯманд, боэҳтиром ва соҳибқадр гардонида, мақомашро дар ҷамъият боло мебардорад.

***

Маҳз омӯзгорони соҳибмаърифату бофарҳанг ва устодони донишманду ватанпараст савияи таълиму дониши хонандагонро баланд бардошта, онҳоро ба забондонӣ, илмомӯзӣ ва худшиносиву ҷаҳоншиносӣ раҳнамоӣ карда метавонанд.

***

Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад.

**Эмомалӣ РАҲМОН**